# Дарахтони соядор

(Хотироте аз зиндаёд, мавлоно Мавдӯдӣ ва ҳамсари гиромии ӯ)

**Муаллиф**
**Ҳумайро Мавдӯдӣ**

**Мутарҷим**
**Доктор Нурмуҳаммад Умаро**

# Мавдӯди дар ҳадиси дигарон

**Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ**: Шоири инқилобии Ислом: *"Устод Мавдӯдӣ дини Худоро бо мидоде аз хун нигошт".*

**Устод Абӯлҳасан Надавӣ:**
*"Ҳеҷ инсоне ҳамчун Мавдҷӯдӣ аз назари фикрӣ ва амалӣ, бар насли навини Исломӣ таъсиргузор набудааст. Ӯ бо беморӣи эҳсоси ҳақорат ва худкамбинӣ, ки дар пустини ҷавонони мо рахна карда буд, бо шиддат ба мубориза пардохт ва навиштаҳо ӯ -ба ёрии Худованд- тавонист бори дигар рӯҳи ифтихор ба Исломро дар қалбҳои ҷавонон зинда кунад ва ба онон бифаҳмонад, ки дини Ислом шоистагии раҳбарият дар ҳар замонро дорост.*

**Шаҳид Сайд Қутб:** Дар тафсири худ, *"**Фи зилолил-Қуръон**", Мавдӯдиро мусалмони бузург мешуморад.*

**Умар Талмасонӣ**, саввумин муршиди оми "Ихвонул-муслимин":
*"Мавдӯдӣ ва Ҳасанулбанно ду чеҳраи як инсонанд".*

***

# Ҳамду сипос…

Сипос ва офарин эзиди ҷаҳонофаринрост. Он, ки ахтарони рахшон ба партави равшанӣ ва покии ӯ тобандаанд ва чархи гардон ба хосту фармони ӯ поянда. Офарандае, ки парастидани ӯст сазовор. Диҳандае, ки хостан ҷуз аз ӯ нест хушгувор. Ҳасткунанд аз нестӣ, несткунанда пас аз ҳастӣ. Арҷмандгардонандаи бандагон аз хорӣ, дарпойафканандаи гарданкашон аз сарварӣ. Подшоҳӣ ӯрост зебанда. Худойи ӯрост дархуранда (зебанда), баландӣ ва бартарӣ аз даргоҳи ӯ ҷую бас. Ҳар он кас, ки аз рӯйи нодонӣ на ӯро гузид, газанди ӯ ночор бадӯ расид. Ҳастии ҳар чӣ номи ҳастӣ дорад, бадӯст.

**Ҷаҳонро баландию пастӣ туйи**
**Надонам чӣ-и, ҳар чӣ ҳастӣ туйи!**

Ва дурӯд бар Паёмбари бозпасин, пешрави Паёмбарони пешин, гиреҳкушойи ҳар банде, омӯзандаи ҳар панде, гумроҳонро роҳнамоянда, ҷаҳониёнро ба неку бад огоҳонанда, ба ҳама забоне номи ӯ сутуда ва гӯши панднюшон (пандпазирон) овози ӯ шунуда ва ҳамчунин дуруд бар ёрони гузида ва хешони писандидаи ӯ бод, то боду обу оташ ва хок дар офариниш бар кор аст ва гул бар шохсор ҳамбистари хор[1].

---

[1]: Иқтибос аз таърихи ҷаҳонгӯшойи"и Ҷувайнӣ. Навиштаи Ато Малик Ҷувайнӣ -623-681 ҳиҷрӣ қамарӣ. Офарин: ситоиш... диҳанда: Худованди бахшанда... хушгувор: гуворо, мутобиқ майл... дар хуранд: лоиқ ва сазовор... панднюш: пандпазир ...)

Мутарҷим: дар тарҷумаи китоб саъй шудааст, то ҳадди тавон тарҷумаи комилан ҳарфӣ бошад ва дар мавориде, ки лозим донистем бархе изофот -чӣ дар матн ва ё поварақиҳо- ба равшан шудани бештари матлаб кӯмак мекунад, онро байни ду пронтиз (...) қарор додаем.

# Пешгуфтор

Соли 2003 милодӣ, соли бузӯргдошт Сайд Абӯлаълои Мавдӯдӣ ном ниҳода шуд. Дар ин сол, ки аз рӯзи таваллуди ӯ як қарн мегузашт, бисёре аз муассисаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва пажӯҳишии Покистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон, семинарҳо ва ҳамоишҳои мухталифе ба ёдбуди он бузӯргмард, баргузгор карданд. Дунёи матбуъот низ бо селе аз кутуб ва мақолот ва нуқтаназарҳову навишторҳо дар ин ҷашнвораи бузӯрги фарҳангӣ саҳми бузӯрге ифо кард. Дар ин ҳамоиши чашмгир марокизи илмӣ- фарҳангӣ, пажӯҳишгарон ва андешамандон дар садад баромаданд, ки ғайрати имонӣ ва ҷуръати муҷоҳидона ва басирати илмии он бузӯргворро барои насли навин ва наслҳои оянда, пеш аз пеш ба намоиш гузоранд. Дар воқеъ аз диди ҳамагон, Сайд Абӯлаълои Мавдӯдӣ аз ҷумлаи он "мардони роҳ" аст, ки Иқбол[1] дар бораи эшон чунин суруда аст:

"Онон бузӯргмардоне буданд, ки роҳро ба ситорагон менамоёнданд ва акнун ситорагон чашм ба умеди чунин "марди роҳдон" нишастаанд!"

Моҳномаи "**Тарҷумонул-қуръон**"[2], ки дар шаҳри Лоҳур нашр мешавад, низ бо интишори ду вижаномаи октябри соли 2003 ва апрели 2004 дар ин ҳамоиши илмӣ саҳим буд.

---

[1]: Файласуф ва андешманду шоъири бузурги муъосири ҷаҳони Ислом, Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар 22 фаврали соли 1873 милодӣ/ 1289 ҳиҷрӣ дар шаҳри "Сиёлкут" ба дунё омад. Қалам ва фикрро дар ростои бедории мусалмонон ва барпой низоми Исломӣ ба кор гирифт. Андешаи барпойии ҳукумати мустақил барои Мусалмонон дар Ҳиндро ба ӯ нисбат медиҳанд. Дар ҷудоии Покистон аз Ҳинд нақши босазоеро иҷро кард ва саранҷом дар 21 апрели соли 1938 милодӣ/1357 ҳиҷрӣ аз ин ҷаҳон ба диёри боқӣ шитофт.

[2]: Моҳномаи «Тарҷумонул-Қуръо»н, Мавлоно Мавдӯдӣ онро дар соли 1932 таъсис кард. Дар ҳоли ҳозир идораи онро профессор Хуршед Аҳмад, ноиби Амири ҷамоъати Исломии Покистон бар уҳда дорад.

Ин ду вижагинома партаве буд зебо аз рангинкамони андешаҳо ва дидгоҳҳо ва баёнгари содиқе аз ишқи пок, ки дар қалбҳои маърифат, руҳи талош ва пешрафт дамид.

Мақолаи "шаҷароҳои соядор" навиштаи Ҳумайро Мавдӯдӣ[1], духтари он бузӯргмард, дар байни он бустон гули шодоб ба назар мерасид ва дар ҳақиқат навиштор ва ё хотирот аз зиндагии инсоне, ки гузашт набуд, балки тасвири зинда буд аз як бандаи намунаи Худо ва аз як сухтаҷони ишқи Расули Худо, ки хамирмояи он аз сабру бурдборӣ сиришта шуда буд ва бо мидоди ашк бар сафаҳоти атрогини вафо нақш баста буд:

Ҳадяи биҳиштист лаззати ишқи Расул...!

Майдони моҳномаи "Тарҷумонул-қуръон", танҳо метавонист мизбони як мақолаи кӯтоҳ бошад, ки он хонандагонро сероб накарда, балки ташнатар кард. Номаҳои ташналобон ва ошиқони он бузӯргмард, селосо ба дафтари ин маҷала расид, ки гулҳои дигар дар ин гулдаста биншонед! Ва дар зери фишори ин асрорҳои паёпай, ғунчаҳои хотирот яке пас аз дигаре дар зеҳни нависанда шукуфта шуд ва ин гулистон маърифатро рӯёнд, ки акнун дар дастони шумост.

Ин хотирот аз пушти деворҳои хона сухан мегӯянд ва парда аз ҷонибҳои пӯшидае аз зиндагии Мавлоно Мавдӯдӣ ва ҳамсараш бармекашанд, ки китобҳо ва навишторҳои дигаре, ки то кунун Мавдӯдии донишманд ва даъватгарро рақам заданд, бар он огоҳ набуданд... Шояд, ки роҳравони роҳи рисолати ҳақ бо замзамаи ин нағмаҳои талош ва ин аз худгузаштагиҳо беш аз пеш ба оянда умедвор шаванд ва бо ҳиммат ва ҷавонмардӣ гомҳое росих бардоранд ва бо чашмоне, ки ҷуз ризояти Илоҳӣ намебинанд, мӯминона ба сӯй Ҷанноти Баррини Парвардигор пар кашанд.

Дастони ниёиш ба даргоҳи Улуҳият дароз мекунем ва аз он зоти пок мехоҳем, то ин хотиротро садақаи ҷорияе барои

[1] : Бузургтарин духтари Мавлоно Мавдӯдӣ аст, ки дар 22 июни соли 1945 дар Деҳлӣ таваллуд шудааст.

мо қарор диҳад. Ва аз ӯ ва танҳо аз ӯ мехоҳем, ки ин шамъи фурӯзони даъват ва ин қофилаи ҷиҳод ва талоше, ки Мавдӯдӣ дар роҳи ба самар расидани он зиндагиашро ниҳод, тавфиқи ҳидоят дода, дар роҳи рост ва рашодат раҳнамун гардонад, то ба сари манзили саъодат даст ёбад!... Илоҳӣ омин!...

**Салим Мансӯр Холид**[1]

[1]: Узви ҳайати истишории маркази пажуҳишҳои сиёсӣ ва узви идораи маъорифи Исломӣ ва устоди адабиёти панҷобии донишгоҳи еф сии Лоҳур ва мутахассис дар таърихи ҷунбишҳои Исломии муъосир. Аз машҳуртарин таълифоташ китоби "Ал-бадр" дар таърихчаи ҳаракати муҷоҳидони Покистони шарқист.

## Дарича...

Падари гиромиям, Сайд Абӯлаъло Мавдӯдӣ аз сармояи арзишманди ин уммати Исломӣ буданд ва хотираҳои ӯ низ ҷузъе аз он сармоя аст, ки бояд ба Уммати Исломӣ тақдим гардад ва бо ин бовар дар шуморои вижаи "**Тарҷумонул-қуръон**" бархе аз ин хотиротро ба решаи таҳрир даровардам.

Дигаронро ба сабр ташвиқ кардан басе осон аст, вале худ сабур будан бисёр мушкил!

Сабр, талхтарин шароби вуҷуд аст ва бо чашмони худ назорагар будам, ки чӣ гуна модар ва модарбузӯргам қатра қатра онро сар мекашиданд. Ин хотирот достони он қатраҳои талхи сабр аст, қатраҳои ашке, ки на дар чашмони умед ба гавҳар табдил шуданд ва на пилакони сабр ва мижгони истиқомат ба онҳо иҷозаи берун паридан доданд, зеро модарбузӯрг мегуфт: *"Бо фарди гирён касе намегиряд, вале бо хандон ҳама механданд, пас биханд то дунё ба рӯят бихандад*!".

Имрӯз дар чаҳорсӯй дунё ҷор мезананд, ки қарни бистум, қарни Абӯлаълои Мавдӯдӣ буд, шахсияте, ки бо афкор, андешаҳо, навиштаҳо ва китобҳои худ чашмҳои хуфтаро бедор ва инқилоби навин дар ҷаҳон ба по кард, чашмае, ки бештарин ҳаракатҳо ва андешаҳои навини Исломӣ дар ҷаҳон аз он сероб шуда ва дар партави фикру андешаи ӯ ҷон гирифтанд, ва бояд донист, ки беҳтарин навиштаҳои ҷонафзуни бузӯргтарин андешамандон, он ҳангом ба самар хоҳад расид, ки наздиктарин афроди ба онон, фазои осоиш ва осӯдагияшонро фароҳам созанд.

Ин саҳифаҳо аз пиндорҳои дирӯз нест, балки хотироти он бузӯргмардест, ки шаҳид Сайд Қутб[1] дар тафсири

[1] : Сайд Қутб дар соли 1906 дар рустои "Мушо"и устони Исюти Миср ба дунё омад. Дар соли 1951 ба қофилаи Ихвонул-муслимин пайваст ва онро мелоди нав барои худ пиндошт. Борҳо ба зиндон рафт ва дар август соли 1966 ҳамроҳ бо ду нафар ҳамфикронаш, Муҳаммад Юсуф Ҳаввош ва Абдулфаттоҳ Исмоил, бар чубаи дор бусаи шаҳодат зад. Ниго: Марг ва зиндагии Сайд=

маъракасозаш, "**Фи зилолил-қуръон**" ӯро номи "**мусалмони бузӯрг**"[1] ёд кардааст. Гулчине аз дафтари хотироти он "**мусалмони бузӯрг**" ва падару модари бузӯргвораш, ки ниҳоли зиндагиашро пайванд заданд, ҳамроҳ бо дастони сабру субот шарики зиндагияш...

Хуршеди наҳзати бузӯрги Исломии навин аз хонае тулӯъ кард, ки дар зери сақфи он нуҳ бачаи қаду ним қад ҳамроҳ бо модарбузӯрги пир ва фурӯтан ва модари бемор, зиндагӣ мекарданд. Агар сокинони ин хона як лаҳза беэҳтиётӣ мекарданд, он чӣ имрӯз шоҳиди он ҳастем, ҳар гиз таҳқиқ пайдо намекард.

Ҳаракату наҳзат ва инқилобу раҳбарӣ, натиҷаи заҳамот ва талошҳои инсонҳост. Яке дар хатти аввали маърака сина сипар карда хун мерезад ва дигаре дар пушти ҷабҳа арақрезон хуни ҷигар мехурад ва бархе низ гар чӣ дар зоҳир бо ҷанг ҳеҷ робитае надоранд, дар ҳақиқат нақши бисёр умдае дар ростои ба самар расидани пирӯзӣ иҷро карданд. Дар паси ин мафоҳим бидуни шак достони як умр қурбонӣ доданҳо, исорҳо ва аз худгузаштагиҳо хуфта аст

Ин китоб аз саҳнаи ин хона парда бардошта аст, то хонандагон ҳақиқати ҳикоятро дарёбанд, ки:

Чӣ мегузарад бар қатра то гавҳар шавад...!

Ба хотири кӯтоҳ будани худи маҷала, натавонистам дар мақолаи "дарахтони соядор" модарбузӯрги арҷманд, падари гиромиям ва модари меҳрубонам –хотироти зиёде матраҳ сазом. Дар ин ҷо ба дархости ханандагон, хоҳарон ва дӯстдорони он абармарди таърихи муъосир "лаббайк" гуфта ва гулҳои дигаре бар он гулдаста афзудаам, баи н умед, ки хонандагон бо варақ задани ин дафтари ёдбуд, шоҳиди

---

=Қутб, тарҷума ва нигориши Нурмуҳаммад Умаро. Нашри Эҳсон, 1384 ҳиҷрӣ шамсӣ.

[1] : Нигоҳ: "Фи зилолил-Қуръон", ҷилди 3, сафҳаи 1444 дори шуруқ, табъи биступанҷум, соли 1417/ ҳиҷрӣ/1996 милодӣ

тасвири возеҳу равшан ва хотироти зинда аз он шахсиятҳои бузӯрг бошанд.... иншоаллоҳ.

**Ҳумайро Мавдӯдӣ**

## (1)

**Зи аҳди падар ёд дорам ҳаме**
**ки бороні раҳмат бару ҳар даме**

Агар осмон сарнавишти касеро барои кори бузӯрг рақам зада бошад, нохудогоҳ бар дафтари замин ҷойи пойҳои ӯ нақш мебандад ва он шахс аз ибтидои таваллуд гом ба гом ба сӯйи он сарнавишт мешитобад.

Падари бузӯргворам чароғе буд, ки дар яке аз сулолаҳои Аҳли байти Паёмбри Акрам (с) фурузон гашт. Хонаводаамон дар замони ҷадди акбарамон, Амҷад Қутбуддин Мавдӯди Чиштӣ (1039-1313) –поягузори фирқаи "Чиштия" дар тасаввуф, ки бо пойбандӣ ба каломи Худо ва Суннати Расули Акрам (с) даъват мекунад- аз Ҳироти Афғонистон ба Ҳиндустон ҳиҷрат карда буд.

Падарбузӯргамон –Сайд Аҳмади Ҳусайн- (1855-1920)- низ инсони волое буд, ки дар либоси ваколат танҳо аз парвандаҳое, ки адлу инсоф бо онҳо буд, дифоъ мекард. Албатта бо гароиши шадиде, ки ба ибодат ва зуҳду парҳезгорӣ дошт наметавонист зиёд бо кораш бирасад.

Дар ин фазои оромбахши зуҳду парҳезгорӣ ва дар зери сақфи ин кулбаи дарвешмаобона дар маҳалаи "Аврангобод", шаҳри "Ҳайдаробод"и Дакан (Маҳороштеҳри имрӯза), дар таърихи 25 декабри соли 1903 гиряи навзоде танинандоз шуд, ин буд падари бузӯргворам!.

Падарам дар зери чатри ин фазои пурмеҳр ва беолоиши зуҳд ва парҳезгорӣ дар канори падари доно ва бисёр намуна парвариш ёфт ва дар зери сояи он бузӯргмард зербинои шахсиятии ӯ шакл гирифт. Падаре, ки кӯдаки хурдсолашро бо худ ба масҷид мебурд ва дар маҷолиси донишмандон, суханварон, рӯҳониён ва бузӯргон дар канори худ

мешинонид. Сураҳои Қуръониро чун шаҳди гуворо дар комаш менишонд. Ду забони Арабӣ ва Урдӯро ба ӯ омухт. Дар сукути шабҳои тор, қиссаҳои ширини Паёмбарони Худо ва саргузашти бузӯргони таърихсози ҷаҳони Исломро барои фарзандаш таъриф кард ва бо камоли сабру шикебойи боварҳо ва ақоиди Исломиро дар зеҳну қалби ҷигаргӯшааш кошт. Таваҷҷуҳи хосе ба таълиму тарбияти фарзандаш дошт ва нишасту бархосташро ҳамеша зери назар мегирифт. Падарамон мегуфт:

*"Агар падарам мутаваҷҷеҳи одати зиште мешуд, бедаранг онро тасҳеҳ мекард. Рӯзе писари яке аз ходимҳоро калтак задам. Падарам ӯро садо зад ва гуфт: ҳамонтавре, ки ин туро калтак зада тӯ ҳам ӯро бизан". Ин воқеъа ба ман дарсе дод, ки то охири умр сармашқи зиндагиям шуд ва ҳар гиз аз он пас дастамро ба рӯйи касе дароз накардам".*

Қабл аз фиристодан ба мадраса дар хона мароҳили ибтидоии омӯзиши ӯро тартиб дод. Падари бузӯрговарам дар ин маврид дар ҷое навиштааст:

*"Хонаводаи ман беш аз 1300 сол аст, ки дар сояи зуҳду парҳезгорӣ дар ростои ҳидоят ва иршоду насиҳати мардум, гом бар медоранд. Яке аз шахсиятҳои машҳӯр ва номии ин хонадон, мавлоно Абӯ Аҳмад Абдони Чиштӣ (д.1945) аз фарзандони ҳазрати Ҳасани Мусанно (р) ва аз нувосаҳои ҳазрати имом Ҳасан (р), нувосаи Паёмбари Акрам (с) ҳастанд. Дигаре хоҷа Носируддин Абӯюсуф (р) аст, ки фарзанди бузӯргаш, Хоҷа Қутбуддин Мавдӯди Чиштӣ, раҳбар ва бузӯргтарин шайхи сулолаҳои Чиштияи Ҳинд ва нувосаи бузӯрги хонадони Мавдӯдӣ аст ва бар касе пушида нест, ки дар он рӯзгор, ки фарҳанг ва забони Англисӣ ва Аврупойи дар ин минтақа чӣ ошӯбҳое ба по кард, хонаводаи мо дар роҳбарӣ ва ҳидояти мардум, чӣ нақши умда ва басазое ифо кард. Зиндагии падару модари бузӯргворам дар сояи ойну мазҳаб ранг гирифта буд ва дар соясори ин зиндагии пурмеҳр буд, ки тарбият ёфтам ва дину ойн бар дилу ҷон ва рӯҳу равонам нақш баст. Падари бузӯргворам аз ҳамон рӯзҳои аввал дар канори забони Урдӯ ва*

*Форсӣ, Арабиро низ ба ман омӯхт ва ишқу алоқа ба фиқҳу ҳадисро дар колбадам ҷой дод".*

Падарам дар мавриди яке аз устодони машҳур ва донишмандаш чунин мегуфт:

*"Мавлоно Абдуссалом Ниёзӣ (д.1954) яке аз барҷастатарин, машҳуртарин ва моҳиртарин устодони фалсафа ва улуми ақлӣ, аз ҷумла: риёзиёт ва мантиқ дар Деҳлӣ ба шумор мерафт ва дорои забони бисёр шево ва услуби бениҳоят ширин буд, ки агар соатҳо дар маҳзари дарсашон менишастӣ, ҳар гиз сер намешудӣ. Эшон иродоти хосе ба падари бузӯргворам доштанд. Ман аз ҳамон кӯдакӣ дарсҳои ибтидоиямро аз эшон омухтам. Рӯзе, ки падари гиромиям бо камоли адаб ва эҳтиром аз эшон пурсиданд, то дар муқобили заҳамоте, ки мутаҳаммил мешавед, чӣ қадар бояд пардохт кунам? Эшон ҷавоб доданд: "Ман илму донишро намефурушам!" –аҷабо! Чӣ замонае будааст! Имрӯз зери шиъори "класҳои хусусӣ" бар сари ҳар кӯча ва хиёбоне мебинӣ, ки илму донишро чӣ гуна ҳироҷ мекунанд- хулоса ин, ки эшон дар муқобили тадрисашон чизе қабул накарданд. Баъдҳо низ дар рӯзҳое, ки маҷалаи "Ал-ҷамъия"ро дар Деҳлӣ идора мекардам, ба эшон гуфтам, ки бархе китобҳое монда аст, ки мехоҳам бихонам. Эшон фавран фармуданд: "вақти намози субҳ биё хонаам". Манзили устод дар канори дарвозаи Туркман буд, ки аз манзили мо беш аз ду километр фосила дошт. Ман ба таври муназзам вақти азони субҳ дар хонааш мерасидам. Ва агар рӯзе касолате медошт аз дохили манзил садо мезад: "Оқо подшоҳ Сайд имрӯз ҳолу ҳавсала надорам, фардо ташриф биёред!".*

*Дар ин рӯзҳо буд, ки яке аз сарватмандони бузӯрги Деҳлӣ, ки соҳиби чандин корхона буд, хидмати мавлоно Абдуссалом Ниёзӣ расид ва гуфт: "шумо ба ҳама дарс медиҳед, чаро намехоҳед ба бачаҳои ман дарс бидиҳед?" Мавлоно дар ҷавобашон гуфтанд: чӣ кунам, ки дар сари бачаҳои чиркину бозории шумо ақле нест! Онон ро назди донишфурушон –класҳои хусусӣ- бибар. Ман наметавонам бо онон дарс бидиҳам.*

*Мавлоно Абдуссалом аз пайравони силсилаи "Чиштия" буд ва ба хотири иродоти хосе, ки ба яке аз бузӯргони ин силсила ба номи "Ниёз Аҳмад Барелавӣ (р)" дошт, ба "Ниёзӣ" машҳур шуда буд. Ва чун хонаводаи мо ҳамеша аламбардори силсилаи "Чиштия" дар Ҳиндустон буд ва бо вуҷуди бузӯргияш ва ин, ки устод ҳам буд, бароям эҳтироми хосе қоил мешуд ва ҳамеша маро ба "подшоҳ Сайд" садо мезад".*

Ин ҳикояти солҳои 1924 аст, ки падари бузӯргворам саҳаргоҳон аз хоб бармехост ва кӯчаҳои тангу торики Деҳлиро зери по мениҳод, то ба манзили Мавлоно Ниёзӣ бирасад. Ҳамон шахсе, ки дар он рӯзҳо дар улуми ақлӣ, фалсафӣ, риёзӣ ва донишҳои адабӣ ва Арабӣ, забонзади ому хос буд, инсоне озодманиш дар зиндагӣ зердасти касе кор накард. Марди дарвеш буд, ки бо атторӣ гузарони рӯзгор мекард ва бештарини вақташро дар кунҷи масҷид ё хонақоҳе ба зикр машғул буд ва ба бачаҳои мардум дарс медод ва дар муқобили он низ чизе намегирифт!.

Ин тақдири Илоҳӣ буд, ки бар сари роҳи падарам, ки натавониста буд дар "девбанд" ё "надватул-уламо" ва ё мадрасаи "мазоҳирул-улум" ба таҳсил машғул шавад ва пас аз марги падарбузӯргамон низ аз рафтан ба донишгоҳи "Алигарҳ" маҳрӯм монада буд, ин нобиғаи бузӯргро қарор диҳад. Бисёре аз уламои бузӯргвор аз ин, ки падар аз ҳеҷ ҳавза ва донишгоҳе фориғутаҳсил нашуда буд, интиқоду эрод мегирифтанд ва ӯро аз уламои дин намешумориданд ва имрӯз бингар, қудрати Худоро, ки гӯша ва канори ҷаҳон ва дар бузӯргтарин донишгоҳҳо ва марокизи таҳқиқотӣ ва пажӯҳишӣ дар мавриди ӯ ва навиштаҳо ва китобҳову андешааш ва ҳаракату ҷамоаъаташ, баҳсҳову пажӯҳишҳои илмӣ тақдим мегардад.

Пас аз таъсиси кишвари Покистон, яке аз шогирдони мавлоно Абдуссалом Ниёзӣ, ки аз Деҳлӣ озими Покистон буд, барои худоҳофизӣ хидмати устод расиданд ва ба эшон гуфтанд: Ба Лоҳур меравам. Мавлоно Абдуссалом Ниёзӣ ба ӯ

гуфтанд? *"Дар Лоҳур ду шогирд дорам, ки бародаранд, ҳатман ба диданашон бирав. Бародари бузӯргтар, Сайд Абӯлхайр Мавдӯдӣ (1899-1979) ва бародари кӯчактар, Сайд Абӯлаъло Мавдӯдӣ аст"*. Сипас бо равиши хоси худаш дар суҳбат кардан ба ӯ гуфт: *"Албатта аввал назди бародари кӯчактар барав ва баъд пеши бародари бузӯргтар, баъд аз он дар маънои "لا إلـــــه إلا الله" хуб биёндеш!"*.

Биёед бубинед дар зери сақфи ин хона чӣ касоне зиндагӣ мекарданд ва фармонравои ин киштӣ ки буд? Ӯ чӣ касе буд, ки нобиғаи замонааш ӯро чунин тавсиф кард? Пас бо ҳам ин абёти Иқболро бихонем:

*"Ҳар лаҳза мӯмин дар ҳолу ҳавои тоза аст. Дар суханаш, дар корҳояш нишонаест аз Худо, касе аз ин сир иттилоъе надорад, ки мӯмин дар зоҳир Қуръон тиловат мекунад, вале дар ҳақиқат ӯ худ Қуръон аст"*[1].

Дар охирҳои декабри соли 1926 буд, ки бунёнгузори ҷунбиши "Шудҳӣ"[2], оқои Саввомӣ Сарҳонд, тавассути ҷавони мусалмон ба номи Қозӣ Абдуррашид (р) ба қатл расид. Ҳизби Ҳоким –кунгура- ва дигар аҳзоби Ҳиндӣ аз ин ҳодиса сӯистифода карда ва дунёро бар зидди мусалмонон шуронида ва бонгҳои табилиғотии худро бо бадтарин оҳангҳои фитнасоз бар зидди Ислом ва мусалмонон ба садо даровардаанд, то ҷое, ки оқои "Гондӣ" (1948) эълон дошт:

*"Забони тафоҳуми мусалмонон дирӯз низ шамшер буда ва имрӯз низ шамшер аст!"*.

Падари гиромӣ дар ин маврид менависад:

---

1 : هر لحظه هي مؤمن کی ني شان نئی آن
گفتار مین کردار مین ألله کی برهان
یه راز کسی کو ههین معلوم کی مؤمن
قاري نظر آتا هی حقیقت مین هی قرآن

2 : Ҷунбиши радикалии "Шудҳӣ" -гуруҳи поке- ҷунбиши усулгаро ва ифротӣ дар Ҳинд аст, ки дар ростои маҷбур сохтани мусалмонон ба бозгашт ба дини Ҳиндуии қадимашон фаъолият мекунад ва муассиси он "Сувой Шардҳонанд" буд.

*"Ин ошӯбу балво замони дарозе тӯл кашид, то ҷое, ки Мавлоно Муҳаммад Алӣ Ҷавҳар (1931) имомҷумъаи Деҳлӣ аз ин буҳтонтарошиҳо ва таблиғоти сӯ ба танг омад ва дар хутбаи намози ҷумъа гуфт: "Эй кош яке аз бандагони Худо дасти ҳиммат боло занад ва дар як китоб ба тафсил дидгоҳ ва биниши дурусти Исломиро дар мавриди "**ҷиҳод**" тавзеҳ диҳад ва решаҳои ин эътирозот ва фитнаву ошӯбҳоро бо далелу мадрак аз ҷо барканад!" Ман низ аз касоне будам, ки ба ин суханронӣ гӯш медодам ва ба ҳангоми хуруҷ аз масҷид рӯйи зинаҳо ба худ фикр кардам, чаро ман ин бандаи Худо набошам ва бо таваккал ба Худо даст ба ин кор назанам?!".*

Аз соли 1928 падар навиштани мақолааш ба номи "**ҷиҳод дар Ислом**" ро дар рӯзномаи "ал-ҷамъия"и Деҳлӣ шурӯъ ва чун мавзӯъ аз ҳадди рӯзнома фаротар рафт, онро дар қолаби китоби мустақил мунташир кард[1]. Дар ин рӯзҳо падар танҳо бистучаҳор сол умр доштанд. Ӯ дар ин китоб бо таҳқиқ ва пажӯҳиши бемонанд парда аз мафҳуму моҳияти ҷиҳод бар кашид ва бо далоилу мустанодоти возеҳ ва инкорнопазир барои ҳамагон равшан сохт, ки ҷиҳод аз дидгоҳи Ислом, талошест мухлисона дар роҳи ислоҳи ҷомеъаҳо ва бо қатлу куштори ваҳшиёна ҳеҷ иртиботе надорад. Ҷиҳод аз назари Ислом вазифаи дифоъ аз ситамдидагон ва мазлумонро бар уҳда дорад ва ҳизбу гурӯҳи зеризаминӣ нест, номест дигар барои ободони ва тавсеъаву пешрафт. Асосномаи ҷангу амният аст. Аз дидгоҳи Ислом ва бар асоси қавонини он муҷоҳиди мусалмон илова бар даъват ба сӯйи Ислом, бо қабули масъулияти ҷону мол ва амнияти душманонаш ба сарзаминҳои онон қадам мениҳад ва вазифа дорад, ки бо асирони ҷангӣ ба беҳтарин ваҷҳ рафтор кунад ва ҳақ надорад, ки муътариз ба занону кӯдакон ва пирону маризон шавад ва вазифа дорад амнияти комили ибодатгоҳҳои дӯшманонашро

---

[1]: "Ҷиҳод дар Ислом", Сайд Абӯлаъло Мавдудӣ, дорул-мусаннифин, Аъзамкара, чопи аввали соли 1348 ҳиҷрӣ 1930 милодӣ дар 506 сафҳа.

ҳифз кунад ва ҳақ надорад ононро ба зӯр ба сӯйи дини худ бикашонад.

Дирӯз мафҳуми "ҷиҳод" дар Ислом бо абарқудратҳо ва имтпратурҳои замона омухт, ки чӣ гуна мебоист бо инсонҳо рафтор кунанд ва имрӯз низ абарқудратҳои ҷаҳон ва сардамдорону равшанфикрон бояд аз дидгоҳи ҷиҳодии Ислом биёмузанд, ки чӣ гуна бо инсонҳо рафтор кунанд ва чӣ тавр ба шарофату  каромати инсоният эҳтиром бигзоранд ва ҷолиб инҷост, ки ҳамаи созмонҳои байналмилалии дифоъ аз ҳуқуқи башар ва конфронси Женева дар дифоъ аз ҳуқуқи башр ҳама асосномаҳояшонро бар асоси ҳамон қавонини ҷиҳоди Исломӣ рақам задаанд.

Ин китоб ҷавоби дандоншиканест ба ҳамаи эътирозот ва шоэъапароканиҳову дурӯғпардозиҳои Яҳудиёну Масиҳиён ва Ҳиндуҳо бар зидди Ислом ва тафаккури ҷиҳодии он. Масъалае, ки имрӯз низ бозори он чун дирӯз гарм аст ва ҳама таблҳои табилиғотӣ бар зидди он дурӯғпардозӣ мекунанд ва сад афсус, ки бисёре аз мусалмонони имрӯз низ чун ғайри мусалмонон бо диди тангназарона ба ҷиҳод менигаранд ва моҳияту ҳақиқати онро дарк накардаанд ва хоста ё нохоста дар раванди таблиғоти манфӣ бо душманони Ислом ҳангом мешаванд. Вақте "**ҷиҳод дар Ислом**" ба сурати китобе мунташир шуд ва дар ихтиёри ҳамагон қарор гирифт, Аллома Иқбол гуфтанд:

*"Беҳтарин китобест, ки дидгоҳи Исломро дар мавриди ҷангу сулҳ ба риштаи таҳрир даровarda аст. Ва ҳамаи андешмандон ва оқилонро тавсия мекунам, ки ҳатман ин китобро мутолиъа бифармоед".*

Ин китоби бемисл ҳалқаи васле шуд, ки падарро бо муфаккиру файласуф ва шоири бузӯрги муъосири ҷаҳони Ислом, Аллома Иқбол ошно сохт ва ин садоқату дӯстӣ ба ҷое расид, ки Аллома Иқбол дар соли 1937 падарро ба Лоҳур

даъват карданд то дар фазои ором ба ҷиҳоду иҷтиҳод ва донишу тарбият бипардозад[1].

Гӯё Аллома Иқбол пешопеш мехост ҷойи холиро, ки бо марги худ дар як сол баъд (21 апрели соли 1938) тарк мекунад, бо падар пӯр кунад.

Албатта Лоҳур сарзаминест бисёр аҷиб ва онро бо суфиён ва солиҳону зоҳидон ва дарвешон ҳикоятест шуниданӣ. Шаҳре, ки наметавон бидуни дарбар гирифтани зоҳиде ва ё ислоҳгаре лаҳзаи чашм барҳам ниҳад. Сайд Алӣ Ҳаҷверӣ[2], ки аз бузӯргони машҳӯр ва номиест, ки дар ин сарзамин пайравони зиёде дорад, дар қалби ҳамин шаҳри ором хуфта аст. Хоҷа Низомуддин Авлиё (1335) овардааст, ки "Сайд Алӣ Ҳаҷверӣ" бино ба дастӯри муршиди худ дар замони Носируддин Масъуд (1040), фарзанди Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (1030) барои даъвату нашр ва таблиғи дин ба Лоҳур ташриф оварданд. Қабл аз эшон яке дигаре аз бузӯргон ва дарвешону зоҳидони замона ба номи ҳазрат Ҳусайн Зинҷонӣ дар ин шаҳр машғул ба даъват ва мавъизаву ҳидояти мардум буданд.

Вақте муршид Сайд Алӣ ба эшон фармуданд, ки ба Лоҳур биравад, эшон гуфтанд: Шаҳреро, ки дар он чун Ҳазрат Ҳусайни Зинҷонӣ ташриф доранд, чӣ ҳоҷат ба мисли ман?! Шайхи ӯ исрор карданд, ки бояд биравӣ. Сайд Ҳаҷверӣ мегӯяд: *"Шаб дервақт ба Лоҳур расидам, дарҳои шаҳрро баста буданд, маҷбур шудам шабро пушти дарҳои баста ба субҳ бирасонам ва субҳ зуд ҳамин, ки дарҳои шаҳр кушода шуд, дидам, ки ҷанозаи Ҳазрат Ҳусайн Зинҷонӣ* аст, ки савор бар дӯши

---

[1] : Нигоҳ: "Зиндарӯд", навиштаи дуктур Ҷовид Иқбол, саввум, сафҳаи 613. Хутути Мавдӯдӣ (ба номи Ниёз Алихон, сафҳаи 41-154. ва ба номи Сайд Назир Ниёзӣ, сафҳа 180-192), тартиб: Рафиъуддин Ҳошимӣ ва Салим Мансӯр Холид. Таърихи Ҷамоъати Исломӣ: Обод Шоҳпӯр. Аввал. Иқбол, доруссалом увр Мавдӯдӣ: Асъад Гилонӣ.

[2] : Абӯлҳасан Алӣ бин Усмон Ҷаллобӣ Ҳаҷверӣ Ғазнавӣ, нависандаи қадимтарин китоби Тасаввуф дар забони Форсӣ ба номи "Кашфул-маҳҷуб" аст, ки дар соли 1009 мутаввалид ва соли 1073 вафот ёфт.

мардум ба беруни он шаҳр меравад". Аз он рӯз Лоҳур маркази рушду ҳидоят ва таълиму иршоди Сайд Алӣ Ҳаҷверӣ ва пас аз он оромгоҳи ӯ гашт.

Ва таърих бори дигар такрор шуд ва пас аз садҳо сол баъд аз Сайд Алӣ Ҳаҷверӣ зоҳиди шабзиндадор ва шамъи фурузон аз маърифат, ба ин шаҳр ҳиҷрат кард, то чароғҳои маърифатро яке пас аз дигаре рафшан созад ва дар роҳи барпоии низоми Исломӣ ва бори дигар зинда шудани аҳкоми Илоҳӣ бар замин, инқилобе барпо кунад. Фарҳанги Ғарб чун селоби хурушон ҳама абъоди зиндагии ин минтақаро дар бар гирифта буд ва танҳо роҳи бозгашт ба сӯйи Нӯр инқилобе буд ҳамагир ва ҳамаҷониба дар ҳамаи майдонҳои зиндагӣ аз омӯзишу парвариш гирифта, то сиёсату иқтисод, инқилобе ки чун пулки муҳкам бар сари ҷоҳилият ва тангназарӣ ва маслиҳатпарастии Ғарб фуруд ояд ва ҷомеъаро аз дараҳои ҳалокату фалокат берун кашад. Аз ҷумлаи ҳарфҳои падар ин аст:

"*Шикасти фарҳангӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ дар баробари тасаввурот ва дидгоҳҳои Ғарбӣ аз шикасти сиёсиву низомӣ бисёр хатарноктар аст, чаро ки ғалабаи сиёсиву низомии истеъморгарон танҳо кишварҳо ва сарзаминҳоро ба тороҷ мебарад, аммо пирӯзии фарҳангӣ ва ахлоқии онон фикру андеша ва ормонҳои моро дигаргун сохтааст. Адабиёт ва донишу фалсафа ва ахлоқу тамаддуни ҷаҳони Ғарб дар байни мо мусалмонон афроде парвариш дода, ки ба таври куллӣ бандагӣ ва бардагии ононро пазируфтаанд ва камари тоъат дар муқобилашон хам кардаанд. Онон нодониста ва шояд ҳам нохоста дар зиндагиашон тамоман бар ҳамон нақша ва минволе пеш меравӣнд, ки аз алиф то ёи он дастпухти ҷаҳони Ғарб аст*".

Падар дар бухронитарин шароити иқтисодии худ, фурсати тиллойи тадрис дар донишгоҳи Усмонияи Ҳайдарободи Даканро ба хотири пойбандӣ ва арзиш додан ба боварҳо ва ормонҳояш, пушти по зад.

Падар қабл аз навиштани китоби "**ҷиҳод дар ислом**", китобҳои "гито"[1] ва "ромоин"[2] ва "маҳоборот"[3] ва ғайраро ҳамроҳ бо кутуби осмонии таҳирфшуда "Инҷил" ва "Таврот" ба хубӣ мутолиъа кард, то нуқтаназарҳои дурӯғпардозон дар мавриди ҷиҳоди Исломиро аз масодир ва манобеъи аслиашон истихроҷ кунад. Эшон дар он рӯзҳо дар дарсҳои "Ҷомеъи Тирмизӣ" ва "Муватта"и имом Молики ҳазрати Малоно Ишфоқурраҳмони Кондеҳлавӣ низ ширкат ҷӯста ва ҳаргиз иҷозат намедоданд, ки бисёре аз навиштаҳо, теъдоди мақолоташ дар заминаҳои мухталифе чун Қуръон, ҳадис, фиқҳ, таърихи Ислом, сиёсат, иқтисод ва ҷомеъашиносӣ ба ҳисоби ҷониби илмӣ ва пажӯҳишӣ корашон тамом шавад. Эшон дар адабиёти Араб ва фалсафаву мантиқ низ табаҳҳур ва маҳорати кофӣ доштанд ва дар камоли итмиъноні хотир ва суботу ризоият ба қазои Илоҳӣ бо дили ором ва қалби саршор аз умед ба Худо, зиндагиро ба сар мебаранд. Дар он рӯзҳое, ки фишорҳои куфр ва беимонӣ ба ҳадди сарсомоварӣ расида буд ва чароғҳои тавҳид ва имом яке яке дар зери патакҳои сангини куфр ва бединӣ хомӯш мешуд, падар шамъҳои умед ба зиндагиро дар афкори ва андешаҳои мардум барафрохт ва инқилобе пурҷушу хуруш ба бор овард ва тавонист бо даридани занҷири бардагӣ аз гардани ҷавонони таҳсилкарда, насли навро аз ғарбзадагӣ раҳо созад. Ба ҷавонони имрӯза омухт, ки чӣ гуна ба дин ва ойнаш биболанд. Бо тафсири "**Тафҳимул-Қуръон**"и худ робитаи мустаҳкам ва устувор байни насли нав ва Қуръон барқарор сохт ва ба ин сурат дар зиндагияшон инқилоб ва ҳаяҷони пуршӯр ба по шуд, ки ба қавли Аллома Иқбол:

---

[1]: Яке аз китобҳои мазҳабӣ дар Ҳиндустон аст.

[2] : Қиссаҳои ҳаммосӣ динии Ром Чандар. Шеърҳои ҳаммосии Размӣ аст, аз раҳбарони Ҳиндуҳо, ки Бараҳмон барои мардум мехонанд. "Волӣ Мик" барои аввалин бор ба забони сансикрит навишта аст ва баъдҳо "Теле Дос" онҳоро ба Ҳиндӣ тарҷума карда аст.

[3] : Китобест, ки набарди ҳаждаҳрӯзаи "Курдун" ва "Пондун"ро дар майдони Кашитар ба тасвир мекашад.

Чун ба ҷон даррафт ҷон дигар шавад
Ҷон чу дигар шуд, ҷаҳон дигар шавад

Ҳар замонаеро фитна ва фасоди хосест ва бузӯргтарин фитнаи имрӯз, ҳамон ҷоҳилияти таҳсилкардагон аст! Таҳсилкардагони имрӯза ҳар кадом дар риштаи илмӣ ва майдони хоси худ тахассус ёфтаанд ва чун забон дар масоили динӣ мекушоянд, гумон мебаранд, ки Афлотуни замона ва Буқроти рӯзгори худанд ва бо ҷуръату шуҷоаъти бемонанде дар майдони дин метозанд ва фатво медиҳанд. Онҳо чун китобҳои падарро мехонданд, дармеёфтанд, ки дар ин замина кӯдакони мактабхоне беш нестанд.

Дар сукути шабҳои тор, ки дунё бар бистари нарму гарми худ ба хоби харгӯшӣ фуру мерафт, он зоҳиди шабзиндадор бо хуни ҷигар ин китобҳоро менавишт, китобҳое, ки ба уммати Муҳаммад (с) роҳи пешрафту тараққӣ ва саъодат дар ҷаҳон ва хушбахтӣ дар охират меомӯзонд.

Хунук касе, ки пас аз вай ҳадиси хайр кунад
Ки ҷуз ҳадис намемонад аз бани Одам

**(2)**

Модарам, Маҳмудахонум дувоздаҳсола буд, ки шабе дар хоб дид дорад хокбозӣ мекунад ва хок рӯйи пойҳояш мерезад ва бо дастонаш бар он мекубад ва сипас пояшро ором аз хок берун мекашад ва як сурохи хокӣ дуруст мекунад. Дасташро дар дохили сурох мебарад ва қитъаи алмоси дурахшон берун меоварад. Дурахшиши алмос мардумро аз ҳар тараф ба сӯйи худ мекашонад ва ҳама мепурсанд, ки ин лӯлӯи дурахшонро аз куҷо овардаи? Ва насиҳаташ мекунанд, ки мувозиби ин сангҳои гаронбаҳо ва қиматӣ бош. Субҳи рӯзи баъд модар хобашро барои падарашон –падарбузӯргамон Сайд Насируддини Шамсӣ (р) таъриф мекунанд. Эшон аз модар мехоҳад, ки хобашро барои касе таъриф накунад, ва худаш назди яке аз уламои барҷаста ва парҳезгори Деҳлӣ меравад, то хоби духтарашро таъбир кунад. Эшон мегӯянд: ин духтар ба издивоҷи яке аз бузӯргтарин донишмандон ҷаҳони Ислом дар меояд, ки шуҳраташ ҷаҳонро фаро хоҳад гирифт.

Падарбузӯргамон яке аз сарватмандони саршиноси Деҳлӣ буд ва аз мавқеъияти иҷтимоъии хубе бархурдор буд, изин рӯ бисёре аз хонаводаҳои мушаххас ва сарватманди Деҳлӣ ба хостгории модарам меомаданд, аммо касе аз онон дар назари падарбузӯрг лаёқати духтарашро надошт, то ин ки падарбузӯрги падариамон барои хостгорӣ дари хонаашонро зад ва инҷост, ки падарбузӯрги модариамон ингор, ки ба муроди худ даст ёфта, бо хушҳолӣ "бале"ро мегӯяд.

Зигдагии падар ҳамеша партаве аз сафарҳо ва адами истиқрори иҷтимоъи ба дур аз истеҳкоми иқтисодӣ будааст, албатта ӯ инсони бисёр софу содда ва ростгӯ буд. Бо камоли садоқат ва ба дур аз макру ҳиллае барои хонаводаи модарам барномаи зиндагӣ ва аҳдофу орморҳояшро шарҳ медиҳад ва

мегӯяд, ки ҳар гиз дар ростойи таҳаққуқи ормонҳо ва ҳадафҳояш шикастро нахоҳад пазируфт ва ақибнишинӣ нахоҳад кард. Ва мегӯяд агар Худованд хост мехоҳам хонаи хубе бисозам, чаро ки худам аз адами истиқрор безорам ва мехоҳам дар камоли оромиш аҳдофамро дунбол кунам, аммо агар Худованд ба ман молу сарват надод, дар бадтарин авзоъи иқтисодӣ ва фақр низ аҳдоф ва ормонҳоямро ба пеш хоҳам бурд.

Падарбузӯрги модариям хост, ки ҷавоби ҳарфҳои падарро ба сурати навишта барояш ирсол кунад. Албатта ӯ номаашро қабл аз фиристодан барои модарам ва падарбузӯрг ва модарбузӯргамон хондааст. Модар мегӯяд, ки падарбузӯргаш дар он нома навишата буд: "*духтарамон шарики шодиҳо ва гамҳоят хоҳад буд, чӣ дар қасрҳои шоҳона ва чӣ дар кулбаи дарвешӣ*". Модарам мегуфт: "*ин ҷумлаи падарбузӯрг дар тамоми мароҳили зиндагӣ дар гӯшҳоям мепечид ва азм ва námродаамро қувват мебахшид*".

Дар 15 марти соли 1938 дар шаҳри Деҳлии Ҳиндустон модарам ба ақди падарам даромад. Маҳрияи ин издивоҷи муборак танҳо 2000 рупия буд. Падар бо камоли сароҳат гуфта буд: "*Аз он ҷо, ки маҳрия барои пардохт аст, бояд дар ҳадди тавон пардохтро таъйин кунед*".

Аз тарафи хонаводаи падарам як даст либос ва як ангӯштарӣ низ ба модарам ҳадя доданд. Ин ҳикоят марбут ба замонест, ки хонаводаҳои сарватманд маҳрияи духтаронашонро беш аз саду биступанҷ сикка тилло менавиштанд ва дар айн ҳол пардохти маҳрия аслан дар расму ривоҷи мардум матраҳ набуд.

**(3)**

**Зи обу гил Худо хушпайкаре сохт**
**Ҷаҳоне аз арам зеботаре сохт**
**Вале соқӣ ба он оташ, ки дорад**
**Зи хоки ман ҷаҳони дигаре сохт**

Шаҳри "Путонкут" дар охири силсилаи куҳҳои "Ҷамун" қарор дорад ва қаряи "Сарно" яке аз қаряҳои атрофи ин шаҳр аст, ки дар наздикии он Ниёз Алихон[1] қитъаи замини бузӯрге дошт, ки бино ба машварати Аллома Иқбол онро вақфи мусалмонон кард ва падар исми ин қитъаи вақфияро "**дорус-салом**" ном ниҳод.

Ман дар ин "дорус-саллом" чашм ба ҷаҳон гӯшудам ва рӯзҳои аввали кӯдакиямро дар он ҷо сипарӣ кардам. Минтақае, ки бисёр сарсабз ва шодобу зебо, ки куҳҳои сар ба фалак кашидае дар баробарамон қад алам карда буданд. Вақте хуршед худашро боло мекашид, барфҳо ранг иваз мекарданд ва вақте хуршед ғуруб мекард, барфҳои сафед ба торикӣ мегароиданд, сипас норинҷиранг мешуданд ва пас аз ғуруби хуршед инъикоси рангҳои шафақи зебо дар синаи барф тамошоӣ буд. Хулоса ин, ки тобалваре буд аз зебогии табиъати сеҳромез, ки чашм аз назорааш сер намешуд.

Аз имконоти шаҳрӣ ҳеҷ асаре набуд. Мардум чизе ба номи барқ ва ё оби лулакаширо (трубаи об) ҳатто дар хобу хаёлашон низ тасаввур намекарданд. Хонаи мо низ бисёр содда ва беолоиш буд, вале бо вуҷуди ин падар саъй дошт васоили осоиш ва роҳати модарамонро то ҳадди тавон ба гунае муҳайё созад ва ӯро дилдорӣ диҳад. Модар низ аз хонаводаҳои ашрофии Деҳлӣ буд ва дар нозу неъмат бузӯрг

[1] : Мутаваффо 24 феврали соли 1976 дар Ҷавҳаробод

шуда буд, бо камоли сабру истиқомат дар канори падар бо хушбахтӣ ва саъодат чархи зиндагиро ба пеш мебурд.

Падар барои рафту омад як аспгорӣ (ароба) харид, ки ҷавони Туркистонӣ ба номи "Тухтибег" онро меронд. Аз Деҳлӣ низ ошпазе бо худ оварда будем ва як хидматгоре низ дар тарбияту парвариши бачаҳо бо модар ҳамкорӣ мекард. Ҳар рӯз модар ба хидматгор мегуфт, ки чӣ бипазад ва ӯ ба ошпаз, ки "Мақбул" ном дошт васоили лозимро таҳвил медод. Вақти наҳор ё шом, ошпаз ғизоро дар утоқи канори утоқи ғизохурӣ мегузошт ва хидматгор онро ба модарамон таҳвил медод. Ошпазхона ҳар хориҷ аз ҳавлии хонаамон буд. Албатта Мақбӯл ва Тухтӣ ва ҳеҷ марди бегонае, чӣ аз кормандон ва ё дигарон ҳеҷ вақт дохили хона намеомаданд.

Нависандаии "Роҳи Макка", Аллома Муҳаммад Асад (д.1992) ба ҳамроҳи хонумашон Мунирахонум ва писари кӯчакашон, Таллол сафаре ба "доруссалом" доштанд. Падар ононро барои сарфи ғизо ба хона хона даъват кард. Модар низ сервиси ҷаҳизияи худро берун овард –дар он замон одати бархе аз хонаводаҳои мураффаҳ буд, ки барои зинати дастархон бар рӯйи пиёлаҳо дастмоли тӯрии зебое меандохтанд ва барои ҳифзи тавозуни дастмол дар атрофи он муҳраҳои бузӯрги марворидмонандеро овезон мекарданд. Албатта ғайр аз зебойи ин дастмолро мегузоштанд то магасу паша дар пиёлаҳо наафтад-. Модар бо завқу салиқаи бисёр зебое дастархони ғизоро чид ва Мақбул низ дар ошпазӣ маҳорати хубе ба харҷ дода буд. Аллома Муҳаммад Асад ва Хонумашон аз ин эҳтироми ва меҳмоннавозӣ бисёр хушҳол шуданд ва аз падару модар бисёр ташаккур ва қадрдонӣ карданд.

Дар ин рӯзҳо буд, ки секретари хоси Ҷавоҳирлаъл Неҳрӯ (д.1964) раҳбари ҳизби қавмгарои кунгураи Ҳинд барои гузоронидани даврони нақоҳати бемории худ ба рустояш, ки наздики "Сарно" буд, омад ва аз наздиконаш хабари падар ва иқоматаш дар Доруссаломро шунида буд ва ба ҳамроҳи чанд

руфақои Ҳиндӯяш ба Доруссалом омад. Дар дидораш бо падар суолоти бисёр беҳуда ва эътирозоти бемавриде матраҳ сохт ва бо равиши бисёр ношоиста ба Ислом ва Мусалмонон ҳамлавар шуд. Падар бо камоли хунсардӣ кортролашро ҳифз кард ва ба суолоташ ба оромӣ ҷавоб дод ва эътирозоташро бартараф кард. Вақте ӯ дар муқобили ҳарфҳои хушмандонаи ва истидлолҳои дақиқи падар ва ба вижа аз ин, ки падарам дар муқобили эътирозоти бепоя ва асос ва лаҳҷаи тунду тези ӯ ва ҳуҷуми зишташ, камоли хунсардӣ ва матонати худро ҳифз карда буд, бисёр мутаъассир ва шигифтзада шуда буд. Ӯ баъдҳо ба дӯстонаш гуфта буд, ки ҳар гиз гумон намекардам дар байни мусалмонон чунин афроди доно ва огоҳу бофарҳанг ва ҳушу заковат ҳам бошад. Агар мусалмонон дар рустоҳои дӯрафтода чун ин ҷо донишманди огоҳ ва бо шахсияте чун Мавдудӣ доранд, пас дар шаҳрҳои бузӯрг чӣ хабар аст?!.

Он раҳбари Бараҳман дар ҳоле аз рӯстои Доруссалом хориҷ шуд, ки дар дарунаш инқилобу таҳаввулоти бисёр бузӯрг рӯй дода буд. Чанд рӯз пас аз ин воқеъа барои ширкат дар иҷлосе, Мавлоно Муҳаммад Манзӯр Нуъмонӣ (1997) ва Мавлоно Ҷаъфаршоҳи Паҳлаворӣ (1982) ҳамроҳ бо чанд тан аз уламои дигар ба Доруссалом ташриф оварданд ва беш аз як ҳафта дар онҷо монданд. Падар низ ононро барои сарфи ғизо ба хона даъват кард. Ӯ дар шинохти афрод бисёр дақиқ буд ва бо мардум бисёр бо эҳтиёт рафтор мекард.

Падарам аз модарам хост, ки ҳамон косаҳои никлӣ ва оҳаниро, ки рӯзона дар он ғизо мехурем, рӯйи суфра бичинад ва хоҳиш кард, ки сервиси ҷаҳизияи худро берун наоварад ва рӯйи ливонаҳо ҳам дастмоли тӯрии марворидӣ нагузорад ва ҳамчунин аз ӯ хост, ки ғизои пуртакаллуф дуруст накунад ва ба ҳамон долмош ва нахуду ғизоҳои соддае, ки мо рӯзона мехурем иктифо кунад. Аммо модар бо исрори тамом таъкид кард, ки на, ҳар гиз...! инчунин уламои бузӯрг ба хонаи мо ташриф биёваранд ва ман ба таври муносибе расми

меҳмоннавозӣ ба ҷо наоварам ва бо ғизои маъмулӣ ва дар лаълиҳои содда аз онон парзирои кунам? Имкон надорад! Ва гуфт: *"Агар мо барои уламо ва донишмандони худамон эҳтиром қоил нашавем ва ба хубӣ аз онон пазиройи накунем, аз мардуми оддӣ чӣ интизоре бояд дошта бошем?!"*

Хулоса ин, ки Мақбул беҳтарин ғизоеро, ки медонист пухт ва модарам низ суфраашро бо беҳтарин лаълиҳояш чид. Меҳмонон ташриф оварданд ва ғизо сарф шуд ва чанд рӯз нагузашта буд, ки ҳарфҳо бар забонҳо сабз шуд ва бугӯбугӯҳо ба роҳ афтод ва масъала ба ҷое расид, ки бисёре аз ин бузӯргон аз Ҷамоъати Исломӣ истеъфо доданд! Ин ҳазароти гиромӣ пас аз сарфи ғизо ба чапу рост ва ҳар ҷо, ки садояшон мерасид мегуфтанд: Мавдӯдӣ мардест дунёпараст, ки симои воқеъии худашро дар пушти пардаи диндорӣ пинҳон карда, дар хонааш ошпаз дорад. Бачаҳояшро хидматгорҳо бузӯрг мекунанд. Занаш давои чӣ дарде аст, намедонем? Занаш баъзе вақтҳо либосҳои ҳиндӣ мепушад ва баъзе вақтҳо домани аврупойи, сандуқчаи понхуриш[1] аз нуқраи холис аст ва понҳояшро дар сандуқчаҳое аз нуқраи холис нигаҳдорӣ мекунад. Кулфатҳо бачаҳояшро ба мошин ба ин сӯ ва он сӯ мебаранд. Агар ҳамаи инҳо дар зери чатри диндорӣ, дурӯғу макр ва ҳила нест, пас чист?!

Модарбузӯрги модарпадариям Руқия хонум[2] аз шунидани ин ҳарфҳо бисёр ҳайратзада шуд ва гуфт: *"Худованд ба ҳар касе ба андозаи қадаш либос медиҳад. Зарфияти онон фақат ҳамин қадр аст!"*

Баъд аз ин воқеъа, модарам ҳар гиз бо падарам мухолифат накард ва ҳамеша ҳарфҳояшро мӯ бу мӯ иҷро мекард ва ҳамеша худашро сарзаниш мекард, ки агар дар дуруст кардани ғизо такаллуф ба харҷ намедод ва аз зарфҳои

---

[1] : Пон: чизҳои хушбуе аст, ки мардуми кишварҳое чун Ҳинду Покистон ва Банглодеш барои хушбуйии даҳон истифода мекунанд ва бархе анвоъи он бисёр тунд буда инсонро муътод месозад.

[2] : Мутаваллиди соли 1872 ва вафот, 8 декабри соли 1957

оддӣ ғизо истифода мекард, Ҷамоъати Исломӣ ин чунин зарбае намехурд.

Шояд ин танҳо рӯзе буд, ки дар зиндагиямон кудурате байни падару модар эҳсос кардем ва онон бо лаҳҷаи тунду тез бо ҳам ҳарф заданд. Албатта як бори дигар ҳам иттифоқе афтод, ки байни модару модарбузӯрг ва падар ихтилофи шадиде рӯй дод.

Дар августи соли 1947 буд, ки наъраҳои пурошӯб ва фасоди фирқапарастону қавмгароён ба ҳадди аъло расида буд. Албатта ҳаймана ва ҷойгоҳи падар ва коркунони Доруссалом дар минтақа хуб печида буд ва ҳеҷ Ҳинду ва ё Сихӣ[1] ҷуръати наздик шудан ба маҳдудаи Доруссаломро надошт ва танҳо исми Доруссалом кофӣ буд то ларза бар андомашон бияфтад. Аз инрӯ мусалмононе, ки дар қаряҳои атроф зиндагӣ мекарданд аз тарси ҷон хонаҳояшонро тарк карданд ва бо зану бача ва ҳайвонотушон ба Доруссалом паноҳ оварданд.

Ҳамаи минтақа аз мусалмонон пур шуда буд ва ҳар лаҳза ҷамъияти муҳоҷир дар минтақа бештару бештар мешуд. Бо ин вуҷуд аз тарафи артиш танҳо се афтобус барои интиқоли муҳоҷирон ба Лоҳир фиристода шуд, ки албатта яке аз афтобусҳо ба таври хусусӣ барои хонаводаи чударӣ Ниёз Алихон фиристода шуда ва танҳо ду афтобус барои ҳамаи он муҳоҷирони мусалмони дигар ихтисос дода шуда буд. Падар фавран тасмим гирифт, ки феълан танҳо занҳо ва кӯдакҳо бо ин афтобусҳо бираванд, мардон баъдан пушти сар ҳаракат мекунанд.

Сарбозони артише, ки бо афтобусҳо омада буданд, дастӯр доданд, ки вақтамон бисёр кам аст, ҳама дар зарфи даҳ дақиқа савор шавед, ки ҳаракат мекунем. Модар ва модарбузӯрг бо таъаҷҷуб гуфтанд: чӣ тавр мо бидуни мардҳо аз инҷо хориҷ

[1] : Сих ё ки Сик аз ҷумлаи диёнатҳои роиҷ дар Ҳиндустон аст

шавем, дар ҳоле, ки Сихҳо ва Ҳиндуҳо ханҷарҳояшонро кашида ва сари роҳҳо ба камин нишастаанд?!

Садои ин эътироз ва бугӯ бугӯ дар ҳамаи хона баланд буд, аммо чун хонаводаи мо ҳукми раҳбариятро дошт, ҳамаи чашмҳо ба мо духта шуда буд. Падар гуфт: мусалмонони бечора аз ҳар тараф ба ман паноҳ овардаанд, чӣ тавр имкон дорар ононро зери сояи раҳму шафқати Ҳидуҳои хунхор раҳо кунам ва дасти зану бачаамро бигираму аз онҷо биравам? Агар зану бачаҳоямон инҷо бимонанд далертарин ва шуҷоътарин мардонамон буздилу тарсӯ шуда, танҳо ба наҷоти ҷони худ меандешанд, вале агар зану бачаҳоямон ба ҷойи амне бирасанд, ҳадди ақал дар фикри шараф ва ғайратамон нестем ва мемонад ҷонҳоямон, ки он ҳам дасти Худост ва ҳар чӣ бихоҳад, мо розӣ ба қазои ӯ ҳастем, пас хоҳишан шумо ташриф бибаред ва ба фикри мо набошед.

Дар ин бугӯ мугӯҳо вақт ба тундӣ мегузашт ва сарбозон овоз мезаданд. Ниҳоятан падар бо лаҳҷаи тунде ба модар гуфт: *"то вақте, ки охирин фарди мусалмон аз ин ҷо ба Покистон мунтақил нашавад, ман аз ҷоям такон намехурам".* Модарбузӯрг бо шунидани ин ҳарф Қуръонашро бар гарданаш овезон кард ва офтобаи вузуашро бардошт ва бо модар дасти бачаҳоро гирифт ва бо чашмони пӯр аз ашк ва лабони хушк ва суратҳои ғамгин ва нороҳат савори афтобусҳо шуданд. Вақте афтобусҳо ба ҳаракат даромаданд, бисёре аз мардон аз шиддати нороҳатӣ ва ғаму андуҳ беихтиёр ба ин сӯ ва он сӯ медавиданд ва аз панҷараҳои афтобус ба падарамон нигоҳ мекардем, ки бо имони пулодӣ чун куҳи устувор бар ҷояш муҳкам истода буд ва бо нигоҳҳои тезаш бо мо худоҳофизӣ мекард!.

Баъд аз аср афтобусҳо аз "сирно" ҳаракат карданд ва шаб ба "амиртасар" расиданд ва ба хотири ноамн будани роҳҳо маҷбур шуданд, тамоми шабро дар онҷо таваққуф кунанд. Нимаҳои шаб буд, ки модарбузӯрг барои қазои ҳоҷат бо вуҷуди мухолифати ҳама исрор кард, ки аз афтобус берун

шавад. Аз берӯн рафтани модарбузӯрг дар ин шаби торик ва ваҳшатнок вақти зиёде гузашт ва тақрибан ҳама аз бозгашт ноумед шуда буданд, ки ногаҳон ҳодисаи аҷибе рӯй дод: дидем, ки ду Сихи бузургпайкар дастҳои модарбузӯргро гирифта ба ин сӯ меоянд ва аз ӯ мепурсиданд, ки модарҷон! метавонӣ ташхис бидиҳӣ, ки афтобуси шумо кадом яке аст? Мо бо дидани модарбузӯрг нохудогоҳ дод мезадем, модарбузӯрг, модарбузӯрг, аз ин тараф! Мо инҷоем.

Бо кумаки он ду мард, модарбузӯрг савори афтобус шуд ва яке аз онон офтобаи пури обро аз панҷара ба модарбузӯрг дод ва бо салому эҳтиром аз он ҷо дӯр шуданд. Модарбузӯрг нафси роҳате кашид ва гуфт: *"шумо беҳуда мегӯед, ки Сихҳо одам мекушанд. Маргу зиндагӣ танҳо ва танҳо дасти Худост..."*.

Падар аз боби эҳтиёт яке аз бузӯргони Ҷамоъати Исломӣ ба номи Мавлоно Абдулҷаббор Ғозиро (д.1981) бо корвони мо ҳамроҳ ва ба ӯ гуфта буд, ки афтобусҳоро дар Лоҳур мустақим ба "Гуволмандӣ" назди хонаи Малик Насруллоҳхон Азиз (1972) бибарад ва супориш дода буд, ки моро бо аспи горӣ дар минтақаи Парки Исломӣ ба "Фасеҳ манзил" назди Мавлавӣ Иқбол (1985) бирасонад ва ба ҳамин шакл ҳамаи зану бачаҳоро ба хонаҳои хешовандонашон бирасонад.

Мо чанд рӯзро дар "Фасеҳ манзил" сипарӣ кардем ва ҳеҷ хабаре аз падар надоштем, ки куҷост ва ё ки чӣ тавр аст ва чӣ кор мекунад. Ҳар рӯз барои модар ва модарбузӯрг чун як қарну ҳар шаб чун қиёмат сипарӣ мешуд. Хонаводаи Мавлавӣ Зафар Иқбол дар ин чанд рӯз ба беҳтарин ваҷҳ аз мо истиқбол карданд ва бо тамоми тавонашон аз мо дилҷӯйи ва бо мо ҳамдардӣ мекарданд ва бо ҳар он чӣ доштанд давову дармон ва асбоби роҳати моро фароҳам мекарданд ва бо заҳматҳои бедареғашон хотираи истиқбол ва ҷавонмардӣ ва исор ва гузашти Ансор –аҳли Мадина- ро дар ҳаққи Муҳоҷирин –аҳли Макка- дар замони Расули Худо (с) дубора зинда карданд.

## (4)

Августи соли 1947, пас аз истиқлоли Покистон аз Ҳинд, мо аз Доруссалом (дар Пуҳтони Кӯт, шарқи Панҷоб) ҳиҷрат карда ва дору нодорамонро раҳо карда ва ба Лоҳур омадем. Ба ҷойи хонаву кошона ва молу зиндагиямон сохтмони донишкадаи "Суҳан лол" назди "Чубарӣ"ро ба мо ва Ҷамоъати Исломӣ вогузор карданд. Дар Доруссалом хонаи мо ва дафтари Ҷамоъати Исломӣ яке буд. Ин ҷо хонаи раиси донишкадаро ба мо доданд. Вақте вориди хона шудем, эҳсос кардем, ки сокинони ин хона машғули сарфи чой буданд ва ногаҳон маҷбур шуданд хонаашонро тарк кунанд ва бигрезанд. Чой дар стаконҳо хушк шуда буд. Хамир омода дар ошпазхона чун санг шуда буд. Дари кумадҳо (шкаф) боз буд ва васоили хона ин тарафу он тараф рехта буд. Эҳсос мекардӣ, ки аз ҳар чизи ин хона садои ҳасрат меборад. Ҳамин, ки вориди хона шудем, модарбузӯрг бо лаҳҷаи тунд ба мо гуфт: *"моле, ки ба соҳибаш вафо накард, ба мо низ ҳар гиз вафо нахоҳад кард. Бачаҳо мувозиб бошед, ки ба ҳеҷ чиз дар ин хона даст назанед!"*.

Тақрибан ду моҳ дар ин хона будем. Дар ин муддат Аллома Муҳаммад Асад ҳамроҳи хонуму фарзандонаш ба дидани мо омаданд. Аз табақаи саввуми ин хона суханронии Қоъид Аъзамро (1948), ки пас аз эълони истиқлоли Покистон дар ҷаласаи умумии 30 октябри соли 1948 дар майдони донишгоҳи Панҷоб ирод кард, шунидем.

Ин ҳамон рӯзҳое буд, ки падар бо чуҳдарӣ Муҳаммад Алӣ (1980), (ки баъд аз он нахуствазири Покистон шуд) дидор дошт ва ба ӯ гуфт: *"Аз бисёре аз шахсиятҳои бориз дар кадри раҳбарии ҳизби Робитаи Исломӣ шунида шуда, ки аз барқарории ҳукумати секулари бединӣ дар Покистон мезананд. Ин ҳарфҳо*

*намак аст бар захми ситамдидагони мазлум ва хиёнат аст бар хуни шаҳидони гулгункафани майҳан".* Пас аз он падар таваҷҷуҳи ӯро ба пайкарҳои шаҳидоне, ки ҳануз дар атрофи истгоҳи қитори *Лоҳур* афтода буданд ва ҷонварон дар атрофашон давр мезаданд, ҷалб кард. (ононе, ки вазифаи ҷамъ кардани ин ҷасадҳо ва кафану дафнашонро бар уҳда доштанд, ба сирқату тороҷ бурдани хонаҳои Ҳиндустон ва Сиххҳои фирорӣ машғул буданд) ва ба ӯ гуфт: "*чанд рӯз бештар нест, ки қатори кормандони давлатӣ аз "Шамлӣ!" ба Лоҳур расид ва як одами зинда дар он намонда буд, ҳанӯз ҳам хунҳои хушк шуда бар чархҳои оҳании қатор овезон аст. Ҳанӯз ҳам хабаре аз духтарони мусалмоне, ки тавассути Ҳиндуҳо дуздида шудаанд, дар даст нест. Ҳануз, ки пайкарҳои шаҳидон дафн нашуда ва хунашон хушк нашуда ва араќи муҳоҷирини хаста пок нашуда, дам аз ҳукумати сикулор мезанед?! Ин мардуми бечора танҳо ва танҳо ба ин хотир, ки шумо шиъор медодед: "ҳадафи аз Покистон чист? لاإلــــه إلا الله" даст аз хонаву кошона ва молу манол ва зиндагияшон шуштанд ва ҷонашонро бар каф ниҳоданд ва ба дунболи шумо роҳ афтоданд!".*

Чударӣ Муҳаммад Алӣ саре такон дод ва танҳо ба падар гуфт? Ҳарфҳои шуморо ба ҷаноби нахуствазир Лаёқат Алихон (1951) мерасонам.

Ҷавоби ҳарфҳои падар ин буд, ки ҳукумат баъд аз як ду моҳ афродеро фиристод, ки моро аз сохтмон берун кунанд. Падар низ бидуни ҳеҷ гуна эътироз ва шикояте, дастӯр дод, ки сохтмони дошишкадаи "Суҳанлол" –мадрасаи духтаронаи хиёбони лийк чубарҷии кунунӣ- ро холӣ кунем. Қабл аз ғуруби офтоб ду аспгорӣ овард ва ба модар ва модарбузӯрг гуфт: танҳо чизҳоеро, ки бо худ аз Доруссалом овардаед, бардоред ва бо бачаҳоятон фавран савори ароба шавед.

Ҳоло на модар ва на модарбузӯрг, касе напурсид, ки ҳамаи чизамонро раҳо карда аз Ҳиндустон ба ин ҷо ҳиҷрат кардем, ҳоло мехоҳем ба кучо биравем?... чаро?... ва чӣ тавр?... ва барои чӣ?... Албатта ин гуна суолҳо аз рӯзи аввал ҳам ҷузъи

одатҳои хонавода набуд ва ҳар он чиро падар гуфт, бечуну чаро иҷро мекардем.

Ҳар ду зан баланд шуданд ва танҳо ҳамон чизҳоеро, ки аз Доруссалом бо худ оварда будем, дар хурҷинҳое бастанд. Мо бачаҳо ҳангоми тарки хона баъзе аз асбобҳои бозиро, ки қабл аз мо дар хона буд, бо худ бардоштем. Модарбузӯрг бо меҳрубонӣ онҳоро аз дастамон гирифт ва бар замин андохт ва гуфт: магар нашунидед, ки бобо чӣ гуфт? Набояд чизеро аз ин хона бардорем.

Бадин шакл онҷоро тарк гуфта ва савори горӣ шудем. Падар ва соири дӯстонаш қабл аз мо дар гориҳояшон нишаста буданд. Корвон ором ором ба тарафи Парк Исломӣ - ҷое ки имрӯз манзили марҳум дуктур Риёз Қадир аст- ба роҳ афтод. Афроди Ҷамоъати Исломӣ қабл аз мо ба он ҷо рафта буданд ва хаймаҳое барпо карда буданд. Рӯзи баъд падарам калидҳои сохтмонҳои маҳали иқоматамонро ба масъулони ҳукуматӣ супорид. Ҳудуди яку ним моҳро дар хайма сипарӣ кардем.

Падар бо камоли бурдборӣ ва ниҳоят иззати нафс ва бидуни ҳеҷ гуна эътирозу шикоят ва ё бархурде сохтмонро холӣ кард! Ин сабру шикебойи ва ҷавонмардӣ танҳо ва танҳо аз афроде чун ӯ бармеояд!

Ӯ дар ҷое навиштааст:

*"Чун имон вуҷуди хориҷӣ надорад ва таъбирест барои як кайфияти қалбӣ, ҳеҷ харидоре наметавонад қимати онро таъйин кунад ва танҳо худи мӯмин аст, ки метавонад бар имонаш қимате бигзорад. Назди бархе бисёр ночизу паст аст ва бо камоли ихтиёр онро бо луқмаи нони хушке иваз мекунад ва назди бархе дигаре матоъест бисёр гаронбаҳо, ки ҷуз Худои осмонҳову заминро тавони хариди он нест. Ин ҳамон қудрат ва тавони волоест, ки фарди мусалмонро водор месозад барои барпоии дини Худо ва барқарории Суннати Паёмбар (с) аз ҷону молаш бигзарад ва ҳар осебу газандеро бо ҷону дил пазиро бошад. Он рӯзе, ки имони мусалмонон матоъи гаронбаҳо буд ва ҳеҷ харидоре тавони*

*харидашро надошт, абарқудратҳои ҷаҳон аз мусалмон ҳисоб мебурданд ва тарсу воҳима саропояшонро гирифта буд ва итрӯз, ки қимати имон басе ночиз гашта, мусалмонон аз ҳар миллате биму ҳарос доранд ва тарс дар дилашон лона кардааст".*

Ин ҷо буд, ки ба дурусти дарёфтем, ки хаймаи каромату шараф басе аз қасрҳои зиллату хорӣ волотар ва бартар аст. Ба ҳар ҳол ин рӯзҳои сахт низ сипарӣ шуд.

Дар ин рӯзҳо буд, ки падар бо дӯстонаш тасмим гирифтанд қабл аз ҳар чизе аҷсоди шуҳадоро ҷамъ карда ва дафн кунанд. Барои ин кор як мошини кироя ва афроди Ҷамоъати Исломиро ба ду гурӯҳ тақсим карданд. Гурӯҳи аввал дар ҷое, ки имрӯз "Суманобод" ном дорад гӯрҳои дастаҷамъӣ меканданд ва гурӯҳи дуввум аҷсодро ҷамъ карда бо онҷо меоварданд ва ҳама бо ҳам бар онон намози ҷаноза хонда дафнашон мекарданд ва то гурӯҳи дуввум мошинро аз ҷаноза пӯр мекарданд ва ба онҷо меоварданд, гурӯҳи аввал гӯри дигареро меканданд. Мо дар каноре истода будем ва тамошо мекардем. Чанд бор моро аз онҷо пеш карданд ва ба сарамон фарёд мезаданд. Бачаҳо ба мурдаҳо нигоҳ накунед метарсед ва шаб кобус мебинед. Аз ин ҷо дӯр шавед.

Аммо мо дар деҳкадаи Дорулислом ба ҳадде ҷасад дида будем, ки тарсу ҳарос аз дилҳоямон рафта буд ва аз дидани ҷанозаҳо аслан наметарсидем.

Инҳо пайкарҳои он ҷавонмардоне буданд, ки бо хуни худ дарахти истиқлолу озодиро обёрӣ карданд ва дар сояи шаҳомат ва мардонагии он хунҳост, ки имрӯз кишваре ба номи Покистон дорем. Шояд имрӯз аҳолии "Суманобод" намедонанд, ки бар рӯйи мазори он далермардон рафту омад мекунанд ва хона месозанд!.

Вақте афроди Ҷамоъати Исломӣ хаёлашон аз бобати дафни аҷсоди шуҳадо роҳат шуд, ба фикри сару сомон додан ба авзоъи чодарнишинон афтоданд. Дар ин рӯзҳо бархе аз кормандони давлатӣ ва баъзе –ба истилоҳ- аз довталабони мардуме, ки барои хидмат ба хаймнишинон омада буданд,

шурӯъ карданд ба сирқати курпаҳо ва патуҳо ва соири кумакҳои нушиданӣ ва хурокие, ки аз тарафи мардум барои муҳоҷирон меомад. Духтароне, ки хонаводаҳояшонро аз даст дода буданд ва ё гум карда буданд ва аз дасти Сихҳо ва Ҳинӯҳо ҷон ба саломат ба дар бурда буданд, пас аз таҳаммули ҳазору як мусибат ба Покистон расиданд аз балоҳое, ки дар ин сӯйи марз қавмпарастони Покистонӣ бар сарашон оварда буданд, достонҳо таъриф мекарданд ва инҳо ҳама қисаҳои дардноке буд, ки дилу ҷигари ҳар инсонеро пора пора ва қалбҳоро хунин мекард. Сафаҳоти рӯзномаҳо аз ин достонҳои дарду ранҷ пӯр шуда буд ва бархе аз ин духтарони маъсуми бесару по пеши падар меомаданд ва аз таҳи дил фарёд мезаданд, ки агар дар Покистон низ иззату шарафамон маҳфуз намемонад, дигар ба куҷо равем?!

Бархе аз духтарони озодшуда аз чанги Сихҳо ва Ҳиндӯҳои ваҳшӣ ба хаймаҳо мерасиданд. Ин аз ториктарин ва дардноктарин хотираҳои зиндагии ман аст. Бештари ин духтарон аз захмҳои бисёр шадиде ранҷ мебурданд ва бисёре озурда ва заъиф шуда буданд. Бо чашмони худам духтареро дидам, ки яке аз Сихҳои разили ваҳшӣ яке аз чашмонашро бо нуки ханҷар аз косахонаи чашм дароварда буд. Ҳануз ҳам чеҳраи яке аз духтарони маъсуме, ки захми шадиде бар сураташ буд, пеши чашмонам аст. Бар андоми бегуноҳи баъзеҳо ҳанӯз осори захмҳои дандони Ҳиндуҳои гургсифат намудор буд. Қаламро тавон ба тасвир кашидани захмҳо ва ранҷҳои он духтарони маъсум ва бегуноҳи лоғарандоми сӯхтаҷон нест. Онон ҳамаи он дардҳову ранҷҳо ва сахтиҳову ситамҳоро бароиояндаи беҳтар ва ба умеди Покистони озод ва Исломӣ мутаҳаммил шуда буданд.

Инҳо ҳама танҳо бархе аз захмҳое буд, ки бар ҷисмҳояшон намудор буд. Албатта он захмҳое, ки дилҳояшонро хунин ва рӯҳашонро озурда карда буд, садҳо баробар аз ин захмҳо амиқтару шадидтар буд.

Буғз гулуяшонро гирифта буд ва аз шиддати нороҳотӣ ба худ меларзиданд ва бо чашмони гирён ҳак ҳак занон мегуфтанд, ки Сихҳо ва Ҳиндӯҳо ба зӯр ба онон шароб менӯшонданд ва маҷбурошон мекарданд, ки бирақсанд. Онон бо бетобӣ мехостанд, каме аз дарду ранҷашон кам кунанд ва бидуни таваҷҷуҳ ба ҳузури духтарони камсину соле чун мо дар утоқ барои модар ва модарбузӯрг қиссаҳои дарду ранҷашонро бозгуфта ва либосҳояшонро канор мезаданд ва баданашонро луч мекарданд, то захмҳояшонро нишон диҳанд. Дили модарам хун шуда буд ва аз шиддати шарму ҳаё ва дарду ранҷ ба ҳар як аз онон мегуфт: *"духтарам аз ин ҳарфҳо нагӯ, либосатро канор назан*!" Онон гиря мекарданд ва мегӯфтанд: дигар бароямон чӣ монда, ки аз он шарму ҳаё кунем?!

Ин ҳарфҳои дарду мотам, ки дар он рӯзҳо мустақиман ба гӯши падару модарбузӯрг мерасид, фазои хонаи моро мотамзада ва сӯгвор карда буд. Лаҳзае ашк аз чашмони модар намеистод ва ранг аз сурати падар парида буд. Фазо фазои дард буд ва ғусаву нороҳативу нотавонӣ ва мо низ аз ин фазо саҳми кӯдаконаи худамонро ба дӯш мекашидем ва шарики дард будем.

Ҳанӯз бо яке аз он бонувони озод шуда рафту омад дорам. Писараш ҳоло корманди олирутбае аст ва бо ин, ки дар зиндагӣ ҳеҷ каму косте надорад. Ҳар аз чанд як бор ва ба вижа дар моҳи август, навъи афсурдагӣ ба ӯ даст медиҳад!

Чаҳордаҳуми августи гузашта ба ман телефон кард ва хост наздаш биравам ва шуруъ кард ба дарди дил карданд:

*"Бо ин, ки зиндагиям дар коҳҳои шимоли шаҳр сипарӣ шуда, ҳамеша охирин манзараи хонаамон дар "Ладҳиёнӣ"-Ҳиндустон- ро дар хоб мебинам... хона дорад дар оташ месузад... ҷасади падарам дар ҳаёт афтода ва чандто аз Ҳиндӯҳои ваҳшӣ дастҳои хоҳари бузӯргамро гирифта ӯро рӯйи замин кашон кашон мебаранд. Яке аз Сихҳое, ки мо ӯро "амакҷон" садо мезадем ба тарафи ман ҳамлавар шуд. Аз шиддати тарсу ваҳшат беҳӯш бар замин*

*афтодам. Баъдҳо фаҳмидам, ки хаҳари бузӯргам бар асари як таҷовузи гурӯҳӣ ҷон бохта аст. Марг назди мани бадбахти хок бар сар наёмад... ва ҳоло ҳар сол дар чаҳордаҳуми август ҳама ҷо чарогонӣ мешавад ва садои таронаҳо гӯши осмонро кар мекунад ва ту гӯйи, ки мехоҳад қадам ин сарзамини покро ба тороҷ диҳад. Ба номи истиқлолу озодӣ, ҷавононе, ки мебоист аз сарзамини худо дифоъ кунанд, муйҳояшонро мисли дӯхтарон дароз карда бар шонаҳояшон рехтаанд ва камарҳояшонро чапу рост мечархонданд ва пойкӯбӣ мекунанд ва тарона мехонанд. Аз мо бипурсед, ки чӣ баҳои гароне барои ин озодӣ додаем?! Танҳо хоки майҳан аст, ки метавонад гувоҳи дардҳои мо бошад. Ин таронаҳо ва рақосҳо ҳар гиз дарк намекунанд бар духтарҳое, ки дар зери таҷовузҳои гурӯҳӣ ҷон доданд, чӣ гузаштааст! Ба Худо ҳарфамро қабул кун, ки Покистониҳо арзиши озодӣ надоранд! Магар сардамдорони мо намедонанд ин Ҳиндуҳо ва Сиххое, ки ҳоло ба сӯяшон дасти дӯстӣ дароз мекунанд, ҳамонҳое ҳастанд, ки мо дар маҳалҳоямон ба "бобоҷон" ва "момоҷон" ва "амакҷон" садо мезадем?!*

*Бовар кун, ки ҷашнҳо ва пойкӯбиҳои ҷаҳордаҳи август, дардҳоямонро сад баробар ва дилҳоямонро сиёҳтар ва рӯҳу равонамонро ториктар мекунад. Афроде чун хоҳари ман, ки ҳеҷ номаҳраме либосашро надида буд, зери тозиёнаи таҷовузҳои гурӯҳӣ, ҷон доданд ва ингор, ки ин ҳама қурбониҳоро барои ин раққосаҳову таронахонҳо ва беҳаёҳо дода будем, то инҳо дар камоли озодӣ ишқу ошиқӣ ва беҳаёиву фасодашонро ба рухамон бикашанд... туро ба Худо! ба ман бигӯ: оё Покистон барои ин чизҳо ба вуҷуд омад?!".*

Албатта ман барои ҳарфҳо ва пурсишҳояш ҳеҷ ҷавобе надоштам ва фақат гӯш супурда будам, ки дилашро холӣ кунад. Хонаводааш аз шунидани номи "Ладҳиёнӣ" ба танг меомаданд ва ҳозир набуданд, ки гӯш кунанд, чӣ балоҳое бар сари модару хола ва падарбузӯргашон омадааст ва бадтар аз ҳама ин, ки вақте ба хонаашон мерафтам, ҳама нувосаҳояш ҷамъ мешуданд ва ҳама бо ҳам як садо бо тамасхур шиъор медоданд: *Ладҳиёнӣ* зинда бод!.

Талош барои бозмондагони он духтарҳои бесарпараст ва расонидани онон ба хешовандони дуру наздикашон худ як мушкили бисёр бузӯрге буд. Худатон тасаввур кунед он лаҳзаи дардноку шумоваре, ки духтареро ба хонаводааш мерасонданд ва онон аз таҳвил гирифтани хоҳару духтарашон сарпечӣ мекарданд ва нисбаташонро инкор мекарданд. Ин ҷо буд, ки чиғҳои дарду ранҷе, ки аз таги дили он духтарон ба осмон баланд мешуд, қалбҳои зиндаро дар синаҳ тикаву пора мекард ва носазоҳову баддуоиҳое, ки нисори падару бародарҳояшон мекарданд, мӯй бар бадан сих ва ақлро ҳайрону ваҳшатзада месохт. Падар бо ҳамкорӣ бо дӯстону ҳамфикрон саъй мекарданд ба наҳве барои ин духтарон шавҳарони муносиб пайдо кунанд ва аз зоэъ шудан наҷот диҳанд ва дар сояи зиндагии заношӯйи аз дарду ранҷашон бикоҳанд.

Бо вуҷуди ин ҳама фаъолиятҳои имдодрасонӣ, падар муваффақ шуд "**қарордоди мақосид**[1]"ро тартиб диҳад ва барои тасвиби он ба ҳукумат фишор оварад. Дар силсила сафарҳои тӯлонӣ ба ҳамаи кишвар сар зад. Суханрониҳои дар радёи Покистон ирод кард ва дар донишкадаи Панҷоб низ тадрис мекард. Чун садди мустаҳкас пеши бемасъулиятҳо ва бевиҷдониҳои кормандони ҳукуматӣ ва ба истилоҳ довталабони мардумӣ, ки бо бераҳмӣ ва сангдилӣ, кумакҳои фиристодашуда ба муҳоҷиронро ба сирқат мебурданд, истод. Натиҷаи ҳамаи ин фаъолиятҳо ин шуд, ки ҳукумат, Ҷамоъати Исломӣ ва падарамонро душмани шумораи яки худ муъаррифӣ кард. Нахутвазири вақт, Навобзода Лаёқат Алихон аз тарси посту мақоми худ ва давлатмардони секулар аз бими аз байн рафтани афкор ва идеяҳои худ, аз

[1] : Мавдӯдӣ ва ҳамфикронаш бо ҳамёрии миллат бар давлат фишор оварданд то қонуни асосии кишвар бар тибқи дастӯроти Ислом бино ниҳад. Дар 3 ҷимодулувлои соли 1368 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 12 марти соли 1969 мелодӣ, ҳукумат маҷбӯр шуд ба хостаҳои онон тан дар диҳад ва "қарондоди мақосид"ро тасвиб кунад.

фаъолияҳои мухлисонаи падару тарафдоронаш ба танг омада буд. Ин ҷо буд, ки ҳукумат ҳаракати таблиғотии васеъе бар зидди онон шуруъ кард. Иттиҳомоти бемавриде бар ҷиҳоди Кашмир ворид сохтанд ва ба роҳҳои мухталиф садди роҳи фаъолияти Ҷамоъати Исломӣ шуданд.

Нахуствазир низ рӯзномаҳоро пӯр кард, ки Мавлоно Мавдӯдӣ мехоҳад Амири Мӯминони Покистон шавад. Ин подоши касе буд, ки аз ҳукумат мехост ба ваъдаҳое, ки ба мардум дода буд, амал ва амнияти хаймаҳои муҳоҷиронро таъмин кунад ва роҳи зулму ситам ва дӯздӣ ва чаповулро бигирад!

Дар ин рӯзҳо, ки теғ ба устухон расида буд, падар бо садои баланд фарёд мезад: *"Агар сардамдорони ҳукумат ва сиёсатмадорони кишвар дар қонуни асосӣ дарҷ накунанд, ки ҳадаф аз истиқлоли Покистон барқарории ҳукми "لا إله إلا الله" аст ва иқрор накунанд, ки мо дар сояи ин ақида ва маром пеш хоҳем рафт, бузӯргтарин фиребу найранг хоҳад буд, ки таърих бар зидди мусалмонони Ҳинду Покистон ба ёд хоҳад супурд*" ва барои расидан ба ин ҳадаф буд, ки "**қарордоди мақосид**"ро пешниҳод кард, то бадин сурат ҳокимияти мутлақ аз они Худованд шинохта шавад ва дар сояи он тамоми ҳуқуқи иҷтимоъии мардум ва амнияти миллии онон таъмин гардад.

Дар ростойи ба курсӣ нишондани ин қарордод, Мавлоно Шабир Аҳмади Усмонӣ (1969) ва Мавлоно Зафар Аҳмади Ансорӣ[1] ва бисёре аз намояндагони маҷлис аз ҳизби Робитаи Исломӣ -Муслим Лиг-[2] душодӯши падар нақши бисёр волое анҷом доданд.

---

[1] : Дар соли 1907 дар Илоҳободи Ҳиндустон ба дунё омад ва дар ҷудоии Покистон аз Ҳинд нақши умдае дошт. Дар соли 1907 ба парлумон роҳ ёфт ва дар соли 1977 ба унвони узве аз Маҷлиси Шууни Исломӣ пазируфта шуд ва саранҷом дар 20 декабри соли 1991 дар Исломобод вафот кард.

[2] : Ҳизби Муслим Лиг –ҳамоҳанги Исломӣ- дар соли 1906 дар сояи эътироф ва вафо ба тоҷи маликаи Англистон барои дастёбӣ ба баъзе аз ҳуқуқи мусалмонон дар Ҳинд таъсис шуд.

Маҷбур сохтани ҳукумат ба таъйиди "қарордоди мақосид" яке аз арзандатарин ва пурифтихортарин фаъолиятҳои корномаи падар ба шумор меравад.

Вақте тӯфони соҷиализм ва комунизм ба Покистон ҳамлавар шуд, падар бо камоли ҷуръат эълон кард: *"Инҷо сарзамини миллати Муҳаммади Арабӣ (с) аст, на Карл Маркс (1883) ё Маоцудун (1976). Агар маҷбур шавем дар роҳи Худо биҷангем, тавони онро дорем, ки як лаҳза даҳ ҷабҳаро дар ҳам бикубем ва ҳеҷ қудрат ва нерӯе тавони муқобила бо моро нахоҳад дошт. Мо бо ёрии Худо дар як замон метавонем косаи кузаи сардамдорони ҷоҳталабу молпараст ва бединони хоин ва комунистҳои ватанфурушро ба ҳам бизанем. Ва модоме, ки ҷон дар танамон ҷорӣ аст ва сарҳоямон ба гарданҳоямон устувор аст ва то охирин қатраи хунамон, касе нахоҳад тавонист дар ин сарзамин дине ғайр аз Ислом пиёда кунад ва дам аз комунизт ва илҳод бизанад".*

**(5)**

Бархе аз инсонҳо аз шоистагиҳои иҷтимоъии волое бархурдоранд. Онон чун дарахтони соядор ва пурсамаре ҳастанд, ки амирону фақирон, дӯрон ва наздикон, хешон ва дарвешон, кӯдакон ва хурдсолон, занон ва мардон, ҳама ва ҳама яксон ба зери сояашон паноҳ оварда ва аз меваҳои бо тароваташон истифода мебаранд ва онон низ дар камоли саховат ва кушодадастӣ ҳамаро дар оғӯш гирифта ва меҳру утуфати хешро аз касе дареғ намедоранд.

Модари азизамон яке аз ин дарахтони пурсамар ва сарсабзу шодоб буд. Бо қалби бо вусъат ва паҳнои дунё ва бо ҷушу хуруши дарёҳои бесоҳил. Улгӯе аз як модари намунае, ки бо рӯҳи падарона, мо нуҳ хоҳар ва бардарро дар оғуши гарми хеш парваронид.

Ба хотири мавқеъияти иҷтимоъии падарамон, Абӯлаъло Мавдӯдӣ, хонаи мо ҳамеша servодам буд. Занон дар хона ва мардон дар ҳиёти берун, мисли занбурҳои асал дар ҳаракат буданд. Аз ҳамон рӯзҳои кӯчакӣ ба ёд дорам, ки ҳамеша намози "ҷумъа" дар манзиламон барпо мешуд. Аз соатҳои ёздаҳи субҳ ҳамаи утоқҳои бузӯргро фарш ва ё чодар паҳн мекарданд ва модар шуруъ мекард ба хондани намози тасбеҳ –албатта намози тасбеҳ ибодати фардист ва ба ҳамин хотир ҳаргиз ба сурати ҷамоъатӣ адо намешуд –дар ин фосила хонумҳо кам кам аз дӯру наздик ташриф меоваранд. Вақти намози ҷумъа ҳамаи утоқҳо пӯр мешуд ва модар барои занон намози ҷумъа мехонданд. Пас аз намоз ҳамагӣ дастҳои ларзон умед ба даргоҳи Худованд баланд карда ва дуо мекарданд ва баъд аз дуо дарсе аз Қуръону ҳадис ва пас аз он низ дуои тӯлонӣ ва пас аз он ҷаласа ба поён мерасид ва занон ба хонаҳояшон мерафтанд, ба ҷуз ин барномаи намозҳои ид низ

дар хонаи мо иҷро мешуд. Модари азизамон пас аз намози фаҷр ба хондани такбироти рӯзи ид ва омодаги барои намоз, шуруъ мекарданд. Қабл аз ин, ки мо ҳама фарш ва чодарҳоро паҳн кунем, занон ба омадан барои намоз шуруъ мекарданд ва ба тартиб дар сафҳо менишастанд ва ҳама бо ҳам ва як садо, ором такбири идро такрор мекарданд. Бо боло омадани офтоб, равиши адои намози ид барои занон шарҳ дода мешуд ва модар бо садои зебо ва малакутии хеш, имомати намози идро ба ҷо меоварданд. Баъд аз намоз, хутбаи ид буд ва пас аз он дуо ва муноҷот ва дар ниҳоят ширинӣ тақсим мешавад ва занон идро ба ҳамдигар табрик мегуфтанд.

**(6)**

Ҳар вақт дар ойинаи гузаштаҳоям менигарам, ин хотираи талх дар зеҳнам таҷаллӣ мекунад. Дер вақти шаб аст, дунё дар торикии амиқе фурӯ рафтааст. Модарам дасти бачаҳои хурдсолашро гирифта ва дар канори девори утоқ, ҳайрону парешон истодааст. Ду пулиси зан бо ҳайкалҳои дурушташон пеши мо қад алам карда ва ҳама ҷоро зеру рӯ карда васоили манзилро ин ҷо ва он ҷо ба ҳам рехтаанд. Падарам либосҳояшро дар чамадоне гузошта ва омодаи рафтан ба ҷои ношинохта бо онон шуд. Дар як лаҳза бидуни ин, ки ба сӯйи мо нигоҳе бияндозад, бо садои баланд гуфт: "*Салом алайкум, Худо ҳофизатон, дар паноҳи Худо!*" ва бо пулисҳо аз хона хориҷ шуд.

Ин қиссаи 14 октябри соли 1948 аст. Рӯзе, ки ман кӯдаки ҳаштсола будам ва бо чашмони гирён барои аввалин бор медидам, ки падарро ба зиндон мебаранд. Баъдҳо аз модарам пурсидам: Чаро бобо қабл аз рафтанаш ба мо нигоҳ накард?! Модар нафаси амиқе кашид ва бо итмиънони хотир гуфт: *"Духтарам! Ҳазрати Иброҳим (а) низ вақте ҳамсараш, Ҳоҷар ва писараш ҳазрати Исмоил (а)ро дар саҳрои хушку сузон ва бе обу алафи Макка раҳо кард, ба онон нигоҳ накард. Ба пушти сар нигоҳ накардан ин ҳолатҳо ирода ва азми мардонро сусту заъиф мекунад*". Модар ҳамеша қиссаҳои Паёмбарони Худоро бароямон таъриф мекард ва ҳамин ишора кофӣ буд, ки тамоми қиссаҳоро дар мағзамон мурӯр кунем ва ҳадафи онро дар биёбем.

Ҳангоми дастгирии падар, маблағи бисёр ночизе пӯл бештар надоштем. Модар маҷбур шуда дар раванди маъмӯлӣ зиндагиямон тағйироте диҳад. Ба ҷойи додани либосҳо ба хушкшӯйи, худаш ба шуштани ҳамаи либосҳо шуруъ кард.

Зане, ки дар сояи нозу неъмати хонаи падари сарватамандаш дар шаҳри Деҳлӣ бузӯрг шуда буд ва ҳар гиз ҳатто як дастмолашро об накашида буд, дасти ҳиммат боло зад ва бо иродаи фулодинаш ба мубориза бо рӯзҳои талхи зиндагӣ баромад. Аз ошпаз маъзарат хоҳӣ карда ба пухтани ғизо шурӯъ кард. Дар ҳамон рӯзҳо бевазани фақир, ки аз "Ачараҳ" барои адои намози ҷумъа ба манзиламон меомад, бо исрори шадид модарамро розӣ сохт, ки иҷоза диҳад назди мо бимонад ва корҳои манзилро ба уҳда бигирад. Ӯ ба модарам гуфт: "*Шумо барои Худо кор кунед ва ман корҳи хонаатонро рӯ ба роҳ мекунам*". Номи ин хонум "Хушқисмат" буд ва мо бачаҳо, ки исмашро хуб мутаваҷҷеҳ намешудем "Хушшарбат" садояш мекардем, ӯ низ аз ин ном хушаш меомад.

Вирди "يا حي يا قيوم برحمتـــك أســـتغيث", ҳамеша бар забони модарам буд ва бо шуҷоъат ва далериву суботи бемонанд ба ҷанг бо мушкилот мерафт. Рӯзе бемори асма бисёр шиддат гирифт ва дар ҳоле, ки аз шиддати дарду нороҳатӣ ба худ мепечид, аз даҳонаш баромад: *"Эй Худо! Шавҳарам ба зиндон афтодааст, агар балое сарам биёяд, бачаҳоям аз шиддати гиря хоҳанд мурд ва касе нест, ки оромашон кунад!"*. Модарбузӯрг аз шунидани ин ҳарфҳо бисёр нороҳат шуд ва ба модар дод кашид: "*чаро ин ҳарфҳои ноумедкунанда мезанӣ! Як каме нафасат болову поин шудааст!"*.

Модарбузӯрг бисёр одами оқил, шикебо ва бурдборе буд. Ӯ ҳамеша модарамонро ин гуна насиҳат мекард:

*"Бачаҳоятро тавре тарбият кун, ки битавонанд бо сардӣ ва гармии зиндагӣ бисозанд. Як рӯз луқмаи тиллойи дар даҳонашон бигзор ва лӯлӯ ва марҷон барояшон бипаз ва рӯзи дигар нони хушк ва адас ба хурдашон бидеҳ. Бачаҳоро ба нозу неъмат одат мадеҳ ва ҳамеша низ хостаҳояшонро бароварда макун. Падару модарон бо осоиш ва роҳат бачаҳоро вайрон мекунанд. Онон намедонанд, ки рӯзгор ба касе раҳм нахоҳад кард ва сарҳои сар ба фалаккашидаи ғурӯр ва такаббурро зер хоҳад андохт. Як рӯз бо роҳатӣ ва осоиш ошнояшон кун ва рӯзи дигар бо нони хушку сирка"*.

Шояд ба ҳамин хотир буд, ки мушкилоти зиндагӣ ва сардую гармии рӯзгор наметавонист азму иродаи оҳании падарро хадшадор кунад. Ӯ бо иродаи фулодин чун куҳ дар муқобили таҳаввулоти зиндагӣ собитқадам меистод. Тукмаҳои кандашудаи пироҳанашро худ медӯхт ва сӯрохҳои либосашро поргӣ мезад. Дар васоили зиндонаш –ки пас аз дастгириии аввалаш ҳамеша омода гузошта буд- ҳамаи лавозимоти лаҳзаҳои танҳоиро медидӣ, сӯзанҳои хаётӣ ва риштаҳои рангорангу тукмаҳои кӯчаку бузӯрг ва ғайра.

Модарбузӯрг зани зоҳид ва бо Худо ва яке аз авлиёи Худо буд. Вақте мариз мешуд, бо чашмони пӯр аз умед ба осмон нигоҳ мекард ва бо як дунё хоҳишу таманно дуо мекард ва мегуфт: *"Ман маризам, ту табибам..."*, ва билофосила хуб мешуд. Дар зиндгияш ҳар гиз на духтуре дида ва на дорӯе хурда буд. Агар дона ё вараме бар баданаш зоҳир мешуд, дасташро рӯйи он мегузошт ва мегуфт: *"Эй варам! Бузӯрг машав! Худои мо бузӯргтар аст".* Бо гуфтани ин ҳарфҳо дона ва ё дунбал гум мешуд. Ӯ дар забону адабиёти Форсӣ маҳорати бисёр аҷибе дошт, барои ҳамин ҳам бештар ҳарфҳояшро бо шеъри Форсӣ дар ҳам меовехт. Дар ҳар маҷлисе, ки менишаст, гули сари сабади маҷлис буд ва дар ҳузури ӯ касе ҷуръати ҳарф задан надошт. Ҳамаи нигоҳҳо ба даҳони ӯ хира ва ҳамаи гӯшҳо мутаваҷҷеҳи ӯ мешуд. Аз шево ва фасоҳат ва хушзабонии хосе баҳраманд буд ва ҳар, ки як бор ҳарфҳои ӯро мешунид, ҳаргиз аз ёдаш намерафт. Намунае буд аз хушахлоқӣ ва хушзабонию ҳозирҷавобӣ ва ширинбоёнӣ. Ҳамаро механдонд ва худ орому хомӯш ва саргин ба онон нигоҳ мекард ва мо аз ин, ки медидем чӣ гуна маъсумона ва хомуш нишаста ва ба мо, ки ғарқ дар ханда ба худ мепечидем, хира шуда аст, бештар хандаамон мегирифт.

Як бор тағоямон, ки донишҷӯйи донишкадаи дорӯсозии "Эдвардшоҳ"и Лоҳур буд, бо модарбузӯрг қарор гузошт, ки бо ҳам мушоъара мекунанд. Модарбузӯрг, ки ниёз надошт, аз касе кумак бигирад вале тағо лаҳза ба лаҳза ба модари

азизамон паноҳ меоварад ва аз ӯ шеърҳое мепурсид ва ё мегуфт: як мисраъашро ба ё дорам, аммо мисраъи дувумашро фаромӯш кардаам. Модарбузӯрг ҳам на як мисаръро қабул мекард ва на шеъре, ки дар иштибоҳе буд. Мушкил ин ҷо буд, ки агар модар ба тағо кумак мекард, муъоҳода барҳам бехурд, барои ҳамин аз модарбузӯрг иҷоза мегирифт ва мегуфт: оё метавонам ба суолҳои Ҷалол ҷавоб диҳам? Мадарбузӯрг ҳам бо хушҳолӣ гуфт: бачааст, агар роҳнамойи хост, кумакаш кун. Як ҳафта нагузашта буд, ки таға Ҷалол шарташро бохт ва гӯшҳояшро мекашид ва мегуфт: Азин ба баъд бо модарбузӯрг ин шартҳо намебандам!

Модарам мегуфт: ҳар гиз мисли модарбузӯргатон надидаам, ки аз аввал дар ӯ тамаъу ҳирс набошад. Ҳар гиз нашуда, ки чизе барои худаш бихоҳад. Мадарбузӯрг мегуфт: "*Нишонаи сӯфӣ инаст, ки касеро боз намедорад, ҳирсу тамаъ надорад, чизе ҳам ҷамъ намекунад*".

Иттифоқат ин се сифат, вижагиҳои барҷастаи модарбузури азиз ва модари гаронқадр ва падари меҳрубонамон буданд. Ин се шахсияти воло, намунаҳои боризе аз таваккал ва ризо ба хости Худо ва сабру бурдборӣ ва шикебойи буданд, тасвири зиндае аз "нафси мутаиннаҳ".

Модар мегуфт: "*Роҳу расми зиндагӣ карданро аз модарбузӯрг омухтаат*". Бисёр таъаҷҷубовар буд, ки модаршавҳар ва арус солҳо дар зери як сақф зиндагӣ карданд ва ҳамеша бо ҳам иттифоқи раъй доштанд. Ҳар гиз ихтилоф ва ё бугӯ мугӯе миёнашон рӯх надод.

Вақте падарро бори аввал зиндон бурданд, модар тасмим гирифт, ки бачаҳо таҳти ҳар шароите бояд дарсашонро ба итмом бирасонанд. Вақте яке аз дӯстони бисёр самимӣ ва мухлиси модарам –холаи Хуршед- ба диданамон омад, модар бархе аз зевароти худро ба ӯ дод то бифурушад, бадин сурат хонаро бо эҳтиёти комил ва бо барномарезии дақиқ идора мекард.

Либоси нав пӯшидан дар рӯзҳи иди қурбон ва иди фитр ва ё ҷашнҳои арӯсӣ аслан дар фарҳанги хонаи мо набуд. Модари азизамон ба мо диддорӣ медод, ки чун дар рамазон закот медиҳем, дуруст нест либоси нав бипушем ва иди қурбон ҳам, ки иди қурбонӣ додан аст ва ҳама ҷо касиф мешавад либоси нав пӯшидан маъно надорад. Бояд либосҳои куҳнаи худро шуста ва тамиз мисли як дастагул ба намози ид мерафтем.

Имрӯз вақте дар рӯзномаҳо мехонем, ки модаре ба хотири надоштани либоси нав барои бачаҳояш дар рӯзи ид худро оташ кашид ва ё падаре, ки натавониста буд хостаҳои бачаҳояшро барои ид фароҳам кунад, гарданашро ба танобе баст ва худкушӣ кард, даҳанамон аз таъаҷҷуб боз мемонд!

Як шаб ордамон тамом шуд. Дер вақт буд ва дуконҳо низ баста буданд. Кулфатамон, Бибикарима, аз ҳамсоя каме орд қарз гирифт. Модарам аз ин кораш бисёр нороҳат шуда ва ба ӯ гуфт: чаро ин корро кардӣ? Бибикарима бо таъаҷҷуб гуфт: Хонумҷон! Онон низ ҳар вақт ордашон тамом шавад, аз мо қарз мегиранд ва вақте орд ба дасташон мерасад, пас медиҳанд. Мо ҳам фардо, ки орд ба дастамон расид, онро пас хоҳем дод. Вале модар розӣ нашуд ва гуфт: кори онон бо мо рабте надорад. Онон ҳар чӣ хоҳанд метавонанд қарз бигиранд, аммо мо набояд чунин кунем. Мардум хоҳанд гуфт: Мавлоно дар зиндон аст ва бачаҳояш бар дари хонаҳои мардум гадойи мекунанд!. Агар ордамон тамом шавад, метавонем ба ҳар сурате бигзаронем. Нони хушк бихурем ва ё адаспалов дуруст кунем. Шоиста набуд, ки аз дигарон қарз бигирӣ. Модар хуб сарзаниш кард, то дӯбора такрор накунад.

Модарамон мегуфт: *"Дунё ҳар тавр, ки бошад, қобили таҳаммул аст. Агар қобили таҳаммул ҳам набошад, бояд худро маҷбур сохт ва таҳаммул кард".*

Ҳар тавре, ки буд, ҳамаи ин мушкилот дар 28 май соли 1950 пас аз нуздаҳ моҳу биступанҷ рӯз ба поён расид ва падар зери борони гулҳои ҳаводоронаш ба хона бозгашт ва

манзиламон дубора аз мардуме, ки барои табрик гуфтан омада буданд, пур шуд.

Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр
Бори дигар рӯзгор чун шакар ояд.

## (7)

Дар 28 марти соли 1953 бори дигар падар бино ба қонуни ҳукумати низомӣ ба зиндон афтод ва дубора ҳашт бачаи хурдсол ва як модари заъифу мариз ва миқдори каме пул ва як дунё сабру пойдорӣ пушти сараш раҳо карду рафт.

Зевари олоти модарам ҳам яке яке ба тарафи бозор мерафтанд. Як бор дастмона ва бори дигар ангӯштарӣ ва ё гарданбанд ва ғайра... тибқи маъмул, худаш шустушӯ ва пухтупази хонаро ба уҳда гирифт. Ин бор ҳукумати низомӣ буд ва парванда дар дасти додсарои артиш ва иттиҳоми падар ҳам навиштани китобчае бар зидди Қодёниҳо ба исми "**масъали Қодёният**"[1] буд. Дар 9 май соли 1953 додгоҳ ташкил шуд ва ҳукм содир гардид.

Субҳи рӯзи 11 май соли 1953, ки мо бачаҳои либосҳои мадрасаамонро пушида ва мунтазири субҳона будем ва модар ҳам дошт субҳона дуруст мекард, ногаҳон дари хона боз шуд ва бародари бузӯргамон Умар Форуқ бо сурати рангпарида ва ваҳшатзада рӯзнома ба даст дохил шуд ва модарамонро ба тарафе кашид ва рӯзномаро ба ӯ нишон дод. Намедонистем, ки дар рӯзонома чӣ буд. Танҳо дидем, ки ранги модар бо дидани рӯзнома зард шуд ва тарсу ваҳшат саропояшро гирифт. Вале фавран худашро контрол кард ва рӯзномаро

---

[1] : Дар соли 1952 даргирии шадиде, ки мунҷар ба кушта шудани ҳазорон инсон байни мусалмонон ва қодёниҳо шуд, дар гирифт. Мавлоно Мавӯдӣ китобчаи "масъалаи қодёният" ро навишт ва парда аз чеҳраи воқеъии ин гуруҳи гумроҳ ва нақшаҳои он бар кашид. Дар пай он "Ғулом Муҳаммад" дар Панҷоб ҳукумати низоми барпо кард ва Мавлоно Мавдӯдӣ ва бисёре аз уламои Ҷамоъати Исломиро ба зиндон афканд. Додгоҳи низомӣ ҳам ҳукми эъдоми Мавлоно Мавдӯдиро содир кард ва вақте, ки аз ӯ хоста шуд дар муддати камтар аз як ҳафта дархости афве бинависад, бо рӯҳияи мӯминона ва имони волои худ гуфт: *"аз касе дархости афв ва бахшиш намекунам, чунки медонам ҳукми маргу зиндагӣ дар осмон рақам зада мешавад, на дар замин!.*

ҷамъ кард ва дубора ба оромӣ машғули пухтани нони равғанӣ ва субҳона шуд. Ҳамаи моро субҳона дод ва ба мадрасаҳоямон фиристод ва ба манзил баргашт, то бародарамон Умар Форуқро низ барои мадраса омода кунад. Вақте аз хона дӯр шудем, садои Умар Форуқ меомад, ки мегуфт: На модар! имрӯз наметавонам ба мадраса биравам.

Бародари бузӯрги дигарамон Аҳмади Форуқ аз хона зиёд дӯр нашуда буд, ки рӯзномафуруше сари роҳаш сабз шуд ва дод мезад: Ҳукми эъдоми Малоно Мавдӯдӣ содир шуд. Он бечора барои рӯзномаҳояш таблиғот мекард ва намедонист, ки дорад хабари эъдоми падари ин писарбачае, ки либоси мадраса савор ба дучарха чилаваш по мезанад бо обу тоб ба ӯ мерасонд. Аҳмад Форуқ аз ҳамон ҷо ба хона баргашт.

Ман ва хоҳарам Асмо дар роҳи мадраса будем, ки садои гӯшхароши рӯзномафурушҳо ба гӯшамон расид: Ҳукми эъдоми Мавлоно Мавдӯдӣ содир шуд. Ин ҷо буд, ки фаҳмидем чаро бародарам Умар Форуқ рангпарида ва ваҳшатзада ба хона омад ва дар рӯзномае, ки ба модар нишон дод, чӣ буд. Бо ин вуҷуд мо ду хоҳар роҳамонро идома дода ба мадраса рафтем.

Мо дар мадрасаи давлатии шумораи 60 Фирӯзпӯр дарс мехондем ва пиёда аз хона ба мадраса мерафтем. Ҳар кас моро дар мадраса медид, таъаҷҷуб мекард. Раиси мадрасаамон хонуми Масиҳӣ буд, вақте моро дар сафи субҳгоҳ дид, бисёр таъаҷҷуб кард, ба донишомӯзон ру кард ва гуфт: Хуб нигоҳ кунед, инҳоро бояд улгӯ ва намунаи худ қарор диҳед, аз онон ёд бигиред. Ҳукми эъдоми падарашон содир шуда ва дар айни ҳол бо либосҳо ва сару вазъи мураттаб ором сари субҳгоҳ ҳозир шуданд. Офарин ва сад офарин ба ин модаре, ки дар ҳамчунин рӯзи ҳавлноку ваҳшатноке либосҳои бачаҳояшро мураттаб пушонда, мӯйҳояшонро шона зада, сару суратошонро тамйиз карда, субҳона дода ва ба мадраса фиристода, агар ба ҷойи ин модари доно ва фаҳмида зани бесавод ва нодон мебуд, замину замонро ба ҳам мерехт ва бо

фарёду гиря ва зорӣ ҳама маҳаларо рӯйи сараш ҷамъ мекард, марҳабо ва сад офарин ба ин модар!

Эшон дар идомаи гуфтанд: Бале! Инаст фарқи модари оддӣ ва раҳбарон. Ин рӯзҳо ман синфи нуҳум будам ва Асмо сирфи ҳафтум.

Ин ҳарфҳои мудири мадрасаамон буд, ки хонуме Масиҳӣ буд. Муъаллимаҳои мусалмони мадраса мегуфтанд: аз кай то ҳоло ин раҳбар шуда ва мо хабар надоштем?! Ин як одами хоине аст, ки мухолифи Покистон буд. Бубинед духтарҳояш чӣ қадар маккор ва ҳилагаранд. Ҳамаи инҳо намоиш аст, бачаҳо ҳам мисли модарашон чолок ва рубоҳанд!

Вақте аз мадраса ба манзил, ки маҳалаи парки Зилдор буд, бар мегаштем, дидем, ки ҳолу ҳавои дигар бар онҷост. Кӯча пӯр аз мардум буд. Сафҳои дарози афтобусҳое, ки мардумро аз шаҳрҳои мухталиф ба он ҷо оварда буданд, хиёбонро пӯр карда буд. Бархе аз мардум бо садои баланд зор зор мегиристанд ва баъзе дигар сокиту ором истода буданд ва ашк мерехтанд. Вақте моро диданд, ки сумкаҳоямонро дар бағал гирифта орому хомӯш аз мадраса бармегардем, ҳайрон ба мо нигоҳ мекарданд, ашкҳояшонро пок мекарданд ва гуфтанд: нигоҳ кунед! Бачаҳои Мавлоно бо сабру бурдборӣ бо ин мусибар муқобила мекунанд, гиря ҳам намекунанд, хубият надорад, ки мо нобурдборӣ ба харҷ дода ва гиряву нола сар диҳем. Баъзе ҳам мегуфтанд: воқеъан сабру бурдборӣ яъне ин!.

Баъд аз ин, ки бо як дунё заҳмат худамонро ба дохили хона расондем, дидем, ки утоқҳо пур аз заноне, ки барои ҳамдардӣ бо мо омада буданд ва зор зор гиря мекарданд. Модарбузӯрг ва модари азизамон ононро дилдорӣ мекарданд. Вақте модар чашмаш ба мо афтод гуфт: Бачаҳо! доду фарёд накунед. Бояд сабр пеша кард ва баланд шуд ва наҳореро, ки худаш омода карда буд, ба мо дод ва дубора назди меҳмонон баргашт.

Дар ин рӯз хонуме ба модар гуфт: *"Хонумҷон! Имшаб сад ракаъат намози нафли хоҷат бихон ва баъд аз он намози таҳаҷҷуд адо кун ва барои саломатӣ ва тандурустии Мавлоно дуо кун ва аз Худованд бихоҳ ӯро солиму тандуруст ба хона баргардонад ва назр кун рӯзе, ки озод шавад сад ракаъат намози шукр ба ҷой биёварӣ"*. Хулоса ин, ки тамоми он шабро модар намоз хонд. Ҳар вақт чашмамро боз мекардам –албатта дар чунин шабҳое куҷо хоб ба чашм меомад?- медидам, ки модар сари намоз истода аст.

Ҳама бо азони фаҷр барои намоз баланд шудем. Баъд аз намоз модар тибқи маъмулӣ ҳар рӯз Қуръонашро бардошт ва шурӯъ ба хондан кард. Бо таъаҷҷуб дидам аввалин ояте, ки пеш омад ва онро тиловат кард, ин оят аз сураи муборакаи Бақара буд:

"أَمْ حَسِبْتُمْ أَنْ تَدْخُلُوا الْجَنَّةَ وَلَمَّا يَأْتِكُمْ مَثَلُ الَّذِينَ خَلَوْا مِنْ قَبْلِكُمْ مَسَّتْهُمُ الْبَأْسَاءُ وَالضَّرَّاءُ وَزُلْزِلُوا حَتَّى يَقُولَ الرَّسُولُ وَالَّذِينَ آمَنُوا مَعَهُ مَتَى نَصْرُ اللَّهِ أَلَا إِنَّ نَصْرَ اللَّهِ قَرِيبٌ"[1].

"Оё гумон бурдаед, ки дохили биҳишт мешавед, бидуни он ки ба шумо ҳамон бирасад, ки ба касоне расидааст, ки пеш аз шумо даргузаштаанд? Зиёнҳои молӣ ва ҷонӣ ба онон даст дода аст ва чунон парешон гаштаанд, ки Паёмбар бо касоне, ки ба ӯ имон оварда буданд, ҳамсадо шуданд ва мегуфтанд: Пас ёрии Худо кай ва куҷост? Бегумон ёрии Худо наздик аст".

Модар бо хондани ин оят ба гиря афтод ва баъд аз он маро садо зад ва ба ин ишора кард ва гуфт: *"бубин духтарам! Ин китоби зинда аст, ки ғаму андӯҳро аз инсон дӯр мекунад. Дилҳоро шифо мебахшад ва марҳами захмҳову дардҳост. Кофист, ки ту бо он дӯст шавӣ. Он вақт мебинӣ, ки чӣ тавр ҳасби ниёз ва эҳтиёҷат ба ту сухан хоҳад гуфт, рӯҳу равонатро оромиш хоҳад бахшид ва бо насоиҳу машваратҳояш зиндагиатро сафо хоҳад бахшид. Дилдориат хоҳад дод. Бубин дар ин вақти мусибат ба мо чӣ мегуяд?! Ингор, ки дарди моро дарёфта ва ба мо дилдорӣ медиҳад ва бар захмҳоямон марҳам мениҳад!"*.

---

[1] : Сураи Бақара 214

Дуруст аст, ки дар он рӯзҳо шояд сездаҳ сол бештар надоштам, вале духтари бузӯрг ҳамеша барои модараш мисли як дӯст ва ё хоҳари кӯчактар аст. Модар ҳамеша бо ман дарди дил мекард. Роздори ӯ будам ва ҳамеша бо ман машварат мекард ва рӯйи ман хеле ҳисоб мекард. Бо ин вуҷуд ин ҳоло мефаҳмам, ки он ҳарфҳое, ки модарам дар кӯдакӣ ба ман мегуфт, дар воқеъ як навъ бо худ дарди дил кардан буд, зеро аз насхи он ҳарфҳое набуд, ки инсон ба роҳатӣ битавонад бо каси дигар дар миён бигзорад. Ӯ ҳамеша мегуфт: *"Касе, ки духтари бузӯрг надорад, бисёр бад қисмат аст"*. Барои ҳамин буд, ки модарам ба мо се хоҳар бешар аз бародарҳоямон таваҷҷуҳ мекард ва ҳамеша нозамонро мехарид ва мувозиби дарсу машқ ва хурду хобамон буд. Падар низ мисли модарам бештар бо ману хоҳарам Асмо дарди дил мекард.

Баъд аз он тамоми рӯз модарам ором буд ва танҳо ҳамин оятро мехонад ва бо худ мегуфт: *"Ҳамаи Қуръон ин чунин аст. Бояд Худоро ҳазор мартаба шукр кунем, ки ба мо чунин неъмати бузӯрге арзонӣ дошта ва бояд даҳҳо ҳазор бор аз ин оят ташаккур кунем, ки дар ин чунин вақте ба доди мо расид ва дилдориамон дод ва дасти шафқату меҳрубонӣ бар сарамон кашид ва ба мо мужда дод ва дастамонро гирифт"*.

Шаби дуввум низ бадин сурат бо камоли оромӣ гузашт. Мардон дар берун аз манзил ва занон дар дохил таҳассун карда буданд. Занон гирёну нолон аз роҳ мерасиданд ва чун бо сабру истиқомати модару модарбузӯрг мувоҷеҳ мешуданд, сокит мешуданд ва ба якдигар нигоҳ мекарданд ва мегуфтанд: ба ростӣ сабр яъне ин!.

Саросари кишвар бар зидди ҳукми эъдоми падар қиём кард. Тӯфоне аз тазоҳуротҳо ва таҳассунҳову эътирозот авзоъи кишварро ба ҳам рехт. Аз тамоми кишварҳои мусалмон ва аз ҷониби мусалмононе, ки дар кишварҳои куфр низ ба сар мебурданд, борони селосо аз тасаллӣ, факсҳо ва номаҳо ба тарфи раиси ҷумҳур ва раиси кулли нерӯҳои интизомӣ

боридан гирифта буд. Вокуниши бисёр васеъ ва фарогир ба роҳ афтода буд.

13 май, модар тоза намози асрашро хонда буд, ки яке аз афроди Ҷамоъати Исломӣ сар расид ва гуфт: Безаҳмат ба хонум бигӯед пушти дар ташриф биёрад. Аз шиддати тарс мӯй бар баданамон сих шуд, ки чӣ мехоҳад бигӯяд. Модар низ ваҳшатзада худро ба пушти дар расонд, садое аз он тараф гуфт: *"Хонум! Муборакатон бошад! Ҳукми эъдом ба чаҳордаҳ сол зиндон бо аъмоли шоқ, тахфиф ёфт. Илова бар ин ҳафт соли дигар ба хотири мухолифати ҳукумат низ изофа заданд, ки ҳамагӣ бисту як сол мешавад".*

Он бандаи Худо пушти дар ҳарфҳояшро мезад ва дар ин тараф модар бо ҷумлаи аввали ӯ ба саҷдаи шукр афтода буд ва мо бачаҳо низ бо дидани модарамон саҷдаи шукр ба ҷо овардем.

Ҳоло ҳолу ҳавои хона комилан иваз шуд...

Аз ҳар тараф сели таҳниятҳову табрикҳо сарозер шуд. Касе ҳам ба фикри ин набуд, ки ҳануз бисту як сол зиндони пеши роҳамон аст, модар бо худ такрор мекард: *"Ваъдаи Худо рост аст, ки:* "أَلَا إِنَّ نَصْرَ اللَّهِ قَرِيبٌ". *"бидуни шак, ки ёрӣ ва пирӯзии Худованд ба шумо наздик аст".*

Бубинед, ки оёт ва аҳодис худашон худро шарҳ медиҳанд ва мегӯянд, ки мо барои ин чунин рӯзҳое ҳастем ва маъно ва мафҳуми мо инаст.

Дар он рӯз модар аз хобе, ки як рӯз қабл аз судури ҳукми эъдоми падар дар додгоҳи низомӣ дида буд, парда бардошт ва гуфт: *"Дидам, ки ҳавопаймое рост пеши мо ба замин нишаст ва падар дасти ҳамаи моро гирифт савори ҳавопаймо кард. Ҳавопаймо ба сурати амудӣ ва мустақим бо суръати сарсомоваре ба сӯйи осмон ҳаракат кард. Ман ба ваҳшат афтода будам ва сарам даври худаш мечархид. Ногаҳон ҳавопаймо дар ҳаво таваққуф кард ва падарат дастҳоямонро гирифт аз ҳавопаймо берун бурд. Ман аз тарс ба худ меларзидам. Садои падарат омад, ки мегӯфт: як лаҳза ба поён нигоҳ кун, ки мо дар куҷо ҳастем!*

*Ман ба зер нигоҳ кардам, дидам, ки мо дар остон ҳастем ва мардуми рӯйи замин мисли мурчаҳо дар ҳаракатанд, сохтмонҳои гулпайкари сар ба фалак кашида мисли асбоби бозиҳои бачагона кӯчак ба назар меомаданд. Ҳамин тавр нигоҳ мекардам, ки аз хоб паридам!".*

Модар баъд аз бозгуфти хобаш афзуд: *"Ҳоло таъбири хобамро фаҳмидам. Эҳсос мекунам ҳамон тавр, ки Худованди мутаъол намехост Ҳазрати Исмоил (а)ро ба дасти падараш, Иброҳим қурбонӣ кунад ва танҳо мехост бо як имтиҳон падарро ба мартабаи "Халилуллоҳ" ва писарро ба мартабаи "Забиҳуллоҳ"бирасонад, хост, ки аз ин имтиҳон низ мо инсонҳои гунаҳгорро ба хубӣ ва саломатӣ берун кашонад, ба мақомҳои воло ва баланди раҳмати хеш ноил гардонад".*

Ҳамчунин дар рӯзҳое, ки ҳукми эъдоми падар содир шуда буд, ҳафтаномаи "Афришиё" содираи Лоҳур дар шумораи 25 декабри соли 1975 худ аз забони шахсе ба номи Миён Раҳимбахш оварда буд: *"Дар хоб Паёмбар (с)ро дидам, ки дуо мекард: Худоё! Бар мо раҳм кун! Бори Илоҳо! Мавдӯдӣ кори дини моро ба пеш мебарад, ӯро зинда нигаҳ дор, ки хидмати дини туро мекунад! Бори Илоҳо! Бар мо раҳму шафқатро арзонӣ дор! Ногаҳон садое омад, ки: Эй Муҳаммад! Мо дуои туро қабул кардем. Ман аз хоб паридам, субҳ зуд буд ва садои азон аз ҳар сӯ ба гӯш мерасид. Ман ваҳшатзада аз хоб парида будам ва баданам ба шиддат меларзид ва ашк аз чашмонам сарорез шуда буд ва то дер вақт рӯйи тахтам нишаста будам ва наметавонистам ҳаракат кунам".*

Таъбири ин хоб ҳам ин буд, ки ҳукми эъдом лағв шуд. Як бор хонуме ба модар гуфта буд: "ман лаззату зебоие, ки дар дарсҳои Қуръон ва ҳадиси шумо эҳсос мекунам, дар дарсҳои дигарон эҳсос намекунам". Модар дар ҷавоб гуфта буд: *"Ҳар он чӣ аз дил хезад, бар дил нишинад. Маъно ва мафҳуми ин оёт ва аҳодисро вақте мардуми чун мо дарк мекунанд, ки дар аҳвол ва зуруфе, ки бар мо гузашта, зиндагӣ кунанд".*

Модар ва модарбузӯрг пайваста кушиш мекарданд, ки бачаҳо эҳсоси ғурбату танҳои накунанд ва шоду хуррам бошанд, то Худое накарда сахтиҳои зиндагӣ бар вуҷуди онон асари бад нагузорад. Модар мегуфт: *"Бояд даврони бачагии инсон аз шодиҳову хушиҳо пӯр шавад ва ҳаргиз набояд эҳсоси ғурбат ва танҳоӣ ва сахтӣ кунад, чаро, ки агар эҳсоси фақру танҳои бачаеро дар кӯчакӣ неш занад, шахсияти ӯ барои ҳамешагӣ пажмурда хоҳад шуд ва ин хотираҳои талхи кӯдакӣ чун кобӯс дар тамоми зиндагӣ ӯро таъқиб хоҳад кард. Ҳар бачае бояд дар манзил эҳсос кунад, ки аз ҳама бештар аҳамият дорад, то навъе эътимод ба нафс дар ӯ эҷод шавад.*

Ӯ ҳамеша бо худ мегуфт: *"Бачаҳои ман дар кӯдакӣ пир шуданд, даврони кӯдакии ононро дуздиданд"*. Ва барои зудудани осори ин даврон саъй мекард, ки ба ҳар сурате шуда моро ҳамеша машғул нигаҳ дорад, то эҳсоси ғурбати сахте ва ё беҳудагӣ накунем.

Як рӯз аз зиндони Мултон пайғоме аз падар омад, ки ҳар яке аз бачаҳо бароям номаи ҷудогонае бинависад. Ҳар як аз мо номаи ҷӯдогона барои бобо навиштем. Бобо ҷавоби ҳар кадоме аз номаҳоро ҷудогона бо хатти худаш навишта буд ва ҳамроҳи халтаи кӯчаке барои ҳар як аз мо фиристод. Падар пироҳани обие дошт, ки бисёр куҳна шуда буд. Онро тика кика карда буд ва бо наху сузан бо дастони худ халтаҳои кӯчаки хурҷинмонанде барои ҳар кадоми аз мо дуруст карда буданд ва онро аз мағзи бодому писта ва чормағзу кишмиш пӯр карда бароямон фиристода буд. Рӯйи ҳар кадом аз халтача номи яке аз моро бо хамир часпонда буд ва ҳар як аз номаҳои моро бо яке аз таъбирҳои пурмаъной "нӯри чашмам", "ҷони падар", "ҷигаргӯшаам" ва ғайра шуруъ карда буд.

Ашкҳои модару модарбузӯрг бо дидани он халтаҳои кӯчак боридан гирифт ва рангу симояшон иваз шуд ва тамоми он рӯзро сокиту хомуш дар ғаму ғуса ба сар бурданд. Дар ҳақиқат мо дарк намекардем, ки ин халтаҳои кӯчак бо

забони безабонаш чун одамҳои бедору зинда аз ранҷу андӯҳи зиндон, дарди танҳойи ва бекасӣ, ғусаи дӯрӣ аз зану фарзанд, дарди хотираҳои хомӯши хона ва хело масъалаҳои дигар, ҳарфҳо барои гуфтан доштанд.

Дар ин шакке нест, ки ирода ва азми падар чун кухе қавӣ ва устувор буд, вале таъбирҳои "ҷони падар", "нӯри чашмонам", "ҷигаргӯшаам" ва ғайра ба сароҳат эълом медоштанд, ки дар даруни ин кухи фулодӣ қалбе аст зинда аз ишқу муҳаббат ва дӯстӣ, диле пӯр аз отифа ва меҳру шафқат ва утуфат. Дар ин сӯйи ҳикоят мо бачаҳои бехабар будем, ки шитоб халтаҳоро боз кардем ва чизҳои дохили онро гирифта дар даҳон андохтем ва бидуни ҳеҷ гуна эҳсосоте онҳоро фуру бурдем. Кӯтоҳфаҳмӣ ва камақлии бачагонаи мо иҷоза намедод бифаҳмем, ки падар бо чӣ ишқу алоқае чормағзу ва бодомҳоро пуст карда бо чӣ меҳру муҳаббате онҳоро дар халтаҳо гузошта ва бо чӣ шафқату утуфате номи ҳар як аз мо "нӯри чашм", "ҷони падар", ва "ҷигаргӯша"ҳояшро бо дастони худ бар онҳо навиштааст. Мо бачаҳо халтаҳои холиро дӯр андохтем ва модарбузӯрг онҳоро аз рӯйи замин ҷамъ кард ва назди худ нигоҳ  дошт. Имрӯз орзӯ мекунам, ки эй кош ман низ он халтаро низ назди худ нигаҳ медоштам, халтае, ки падар бо хати зебои худ қабл аз номи ман "ҷони падар" навишта буд. Агар имрӯз онро медоштам, ҳатман пуразиштарин ва гаронбаҳотарин ёдгори он рӯзҳоям буд!.

Як рӯз модар бо дасту пойи модарбузӯрг афтод ва аз эшон хоҳиш кард, ки касеро дуои бад накунад! Ӯ гуфт: *"Модарҷон! Лутфан шумо бар зидди касе дуо накунед, ки дуо ва баддуои шумо ҳарф ҳарф мавриди қабули даргоҳи Илоҳӣ воқеъ мешавад!"*

Ин дар соли 1953 буд. Вақте падар дар зиндон буд ва модарбузӯрг дуо карда буд: "*Бори Худоё! Ҳар касе, ки писари манро зиндон андохта, бар тахташ зиндонӣ кун ва нисфи ҷонашро аз ӯ бигир ва бипӯсон...!* Пас аз чанд моҳ аз ин ходиса

рӯзономаҳо навиштанд, ки раҳбари (генерал) артиши Покистон, генерал Малик Ғулом Муҳаммад фалаҷ шуд.

Саранҷом дар 29 апрели 1955 бино ба ташхиси табибон падар пас аз таҳаммули биступанҷ моҳ зиндон озод шуд ва ба хона баргашт. Рӯзи бисёр ба ёдмонданӣ ва хотирангезе буд. Манзили бо ғарқи гулдастаи гул ва ширинӣ шуд. Аз ҳар тараф садои мубарокбод ва табрик ба гӯш мерасид. Он рӯз мисли як хоби хуш ва ширин сипарӣ шуд ва бо омадани шаб, ҳамаи мо бачаҳо хаставу куфта ба рахти хоб рафтем.

Аз шиддати хушӣ ва шодӣ ва аз шиддати хастагӣ, намози хуфтанро низ фаромӯш карда будем. Сангинии хоб бо пиликҳоямон бозӣ накарда буд, ки садои модар ҳамаро ба худ ларзонд: "*Инҳоро нигоҳ кунед! Хиҷолат намекашанд! Ба ҷойи он, ки баланд шавед намози шукр бихонед, намози фарзатонро ҳам нахондаед! Ёдатон рафта рӯзе, ки ҳукми эъдоми падаратонро содир карда буданд, чӣ тавр намози нафл мехондед ва дуо мекардед?! Ҳоло ки озод шуда ва ба ҳадафатон расидед, дигар ниёзе ба дуову наёиш намебинед ва дигар аз Худо ҳеҷ чиз намехоҳед ва намоз хонданро ҳам лозим намедонед?"*. Мо бо шунидани захми забонҳои тунд, хиҷолатзада мисли барқ аз ҷойи хобамон берун паридем ва бо шитоб вузӯ гирифтем,сари ҷойнамонамон истодем.

Модар тамоми он шабро бо намози шаб гузаронд ва ба назре, ки карда буд -рӯзи ҳукми эъдоми падар сад ракаъат намози ҳоҷат хонда буд ва назр карда буд, ки агар рӯзе ҳамсараш озод шавад, сад ракаъат намози шукр низ хоҳад хонд- вафо кард.

Албатта ин бор чойники чойро канор худаш гузошта буд ва ҳар соате як пиёла чой менушид, дар ҳоле, ки дар он шаби ваҳшатноки шунидани хабари судури ҳукми эъдоми падар лаб ба чизе назад.

Субҳи рӯзи баъд модар гуфт: *"Инсон чӣ қадар ношукр аст! Рӯзе, ки ҷони падар дар хатар буд ва марг чун кобӯс пеши чашмамон қадам мезад,, ин сад ракаъат намоз ночиз ба назар*

*мерасид. На хаста шудам ва на хобам гирифт ва на қалбам ин сӯ ва он ӯ мерафт. Забон ҳарфи дилро мегуфт, тақво, ихлос, бандагӣ, аҷзу нотавонӣ ҳама бо ҳам як садо дар ҳаракат буданд. Дил қабл аз камар хам мешуд ва рӯҳ қабл аз пешонӣ ба саҷда меафтод, вале дишаб аз як сӯ эҳсоси хастагӣ буд ва аз дигар сӯ хоб ҳамлавар мешуд ва аз сардард низ мазид ба иллат шуда буд. Он ишқу алоқа ва ниёзи дарӯнии собиқро эҳсос намекардам".*

Модар бо ёдоварии ин сустӣ ва нотавонияш тавба ва истиғфор мекард ва мегуфт: *"Воқеъан рост аст, ки мо ҳар гиз наметавонем шукри Худоро ба дурустӣ ба ҷо оварем, ҳатто агар ҳамаи умрамонро дар як саҷда бигзаронем".*

Як бор, ки модар аз дасти бачаҳо ба танг омада буд, ба падар гуфт: *"Ҳеҷ падаре ба андозаи шумо нози бачаҳояшро намехарад, баъзе вақтҳо аз дасташон асабонӣ шав, сарашон дод бизан. Ин қадар лавсашон накун".* Падар ба оромӣ ҷавоб дод: *"Ту чӣ медонӣ, вақте ман дар зиндон ҳастам, дилам чӣ қадар бароящон танг мешавад ва орзӯи дидани сурату шунидани садояшонро дорам ва дар иштиёқи тамошои ҳатто бозиҳо ва фузулиҳояшон месӯзам?! Вақте дар соли 1953 ба зиндон афтодам, писари кӯчакам Холид[1] тоза ба ҳарф задан афтода буд ва ҳарфҳои шикаста шикастааш дар зиндон гӯшҳоямро навозиш медод. Бо худам эҳсос мекардам рӯзе, ки аз зиндон озод шавам, Холид дигар бузӯрг шудааст, ва ба хубӣ ҳарф мезанад ва ман аз дидани он марҳалаи зебои умри ӯ маҳрӯм мондаам. Ҳамеша ӯ дар зеҳнам буд ва ман бо забони шикастаи бачагонааш бо ӯ ҳарф мезадам. Ҳоло ту мегуйи, ки ман бачаҳоямро танбеҳ кунам ва аз худам битарсонам ва сарашон дод бизанам? Хонумҷон ин кор аз ман шуданӣ нест!...*

*Донӣ чӯ гуна бошад аз дӯстон ҷудойи*
*Чун дидай, ки монад холӣ зи рӯшнойи*
*Саҳласт ошиқонро аз ҷони худ буридан*
*Лекин зи рӯйи ҷонон мушкил бувад ҷӯдойи*

[1] : Мутавалиди 17 сентябри 1952 дар Лохур.

Як рӯзи дигар падар ба модар гуфт: *"Чун ин бачаҳо ба роҳатӣ ва ҳатто камтарин гиряву зорӣ ва дуо кардане ба даргоҳи Худованд, ба тӯ ато шуданд. –Қадрашонро намедонӣ ва мегӯйи, ки туро азият мекунанд ва аз дасташона танг омадаи. Ту чӣ медонӣ ононе, ки бача надоранд дар чӣ холе ба сар сар мебаранд?! Кучҷоҳо намераванд ва чӣ дарҳоеро намекубанд ва чӣ чизҳое,ки тавассул намеҷӯянд ва чӣ ширкҳо ва бидъатҳову хурофоте, ки муртакиб намешаванд ва кучҷоҳо , ки дину имонашонро аз даст намедиҳанд?!*

Бобо ин ҳарфҳоро мезад ва мо бо хушҳолӣ сарҳоямонро такон медодем ва лабханде мезадем. Модар бештар асабонӣ мешуд ва мегуфт: *"Ҳамин ҳарфҳои шумост, ки онҳоро ин ҳама пуррӯ кардааст!"*.

## (8)

Бо исрори шадиди мо бачаҳо як рӯз падар ҳозир шуд аз хотироти зиндонаш бигӯяд:

*"Наздикиҳои зуҳр буд, ки маро аз зиндони Лоҳур ба зиндони шаҳри гарму оташини "Мултон" бурданд. Сулуле, ки маро ба он мунтақил карданд, бе панка (винтлятор) ва шер буд. Як пампи дастӣ буд, ки обро аз чоҳ берӯн мекашид. Ба ин сулули дараҷаи аввал мегӯфанд. Як зиндонии нерӯманд ва паҳлавон, ки худуди чиҳил сол дошт дар сулул мунтазири омадани ман буд. Аввал хуб ба ман нигоҳ кард ва баъд аз ин, ки маро аз боло то поён маро нигоҳ кард, бедаранг аз ҷой парид, сулулро мураттаб кард ва бо аҷала аз памп об кашид ва дар ҳаммом гузошт ва бо эҳтиром ба ман ишора кард: "**оқо! бифармоед дӯш бигиред**! Аз ҳаммом, ки берун омадам дидам, ки ҳамаи сулулро бо сангреза фарш карда ва об зада ва тахти чубиро байни утоқ мураттаб карда. Пурсидам: ин ҷо сангреза набуд, чаро худатро заҳмат додӣ? Гуфт: оқо! Ҳаво бисёр гарм аст, сулулро бо сангреза фарш кардам ва об задам то як каме ҳаво хунуктар шавад ва шумо битавонед роҳат истироҳат кунед!*

*То ман намози зуҳрро хондам, ӯ ғизоро омода карда буд ва бо завқу салиқаи бисёр хубе, пешам гузошт ва шуруъ ба маъзаратхоҳӣ кард, ки Оқо! Завқу салиқаи шуморо намедонам, ҳар чӣ дами даст буд, зӯд омода кардам. Умедворам ба шуморо нороҳат накарда бошад! Сипас барномаи дорӯйи маро назди худ ёддошт кард ва аз он рӯз ба баъд пас аз субҳона ва наҳору шом худаш дорӯҳоро мураттабу сари вақт ба ман медод. Ҳар гиз нашуд, ки ҳатто як бор дорӯеро дертар ва ё иштибоҳе бидиҳад ё фаромӯш кунад. Ин мард дар зиндон он қадар бо ишқу алоқа ва ихлос ба ман хидмат мекард ва ибрози муҳаббату эҳтиром дошт, ки худ ҳайрон монда будам. То ин, ки як рӯз худаш бо ман гуфт:*

*"вақте маро ба ин сулул фиристоданд, ба ман гуфтанд қарор аст инсони бисёр ваҳшӣ ва хатарноке ба ин ҷо биёваранд, шахсест, ки ҳукуматро ба танг оварда! Мо мехоҳем мисли сих росташ кунем. Вазифаи ту инаст, ки то метавонӣ азияташ кун, коре бикун, ки худаш ором аз ҳукумат маъзарат бихоҳад ва талаби афв кунад ва шарту шурутҳои ҳукуматро бе чуну чаро бипазирад. Ғизое дуруст кун, ки натавонад ба он даҳан бизанад. Барои хоб ва осоиш ба ӯ фурсате надеҳ. Хулоса ин, ки ҷонашро ба лабаш бирасон! Ман ҳам дар сулул ҳазору як нақша кашида ва муштоқи дидори шумо будам, ки бубинам ин инсони хатанок чӣ шакле аст? Охир ман худам ошиқи ҷурму хилофкориям ва аз касе ҳам дасти каме надорам ва бо худам мегуфтам: ин чӣ касе аст, ки рӯйи дасти ман задааст?! Вақте шумо ворид шудед ва ба симоятон таваҷҷуҳ карда, бо худ гуфтам: Худоё мумкин аст аз чунин шахсе кӯчактарин хилофе сар занад?! Оқо! Агар росташро бихоҳед, ҳамин, ки шуморо дидам ишқу алоқа ва муҳаббати аҷибе нисбат ба шумо дар дилам ҷавона зад".*

*Чанд рӯз баъд раиси зиндон барои тафтиш ба сулул омад ва аз ман пурсид: агар шикояте доред бифармоед! Гуфтам: ҳеҷ шикояте надорам ва бисёр ҳам роҳат ҳастам! Аз он рӯз ба баъд ҳар рӯз зиндонбон барои тафтиш меомад ва ҳамин суолашро такрор мекард! Ва ҷӯз ин ҷавобе намешунид то ин, ки як рӯз ба танг омада ва гуфт: ё шумо муҷомала мекунед ё намехоҳед росташро бигӯед! Гуфтам: Бародар: агар мушкиле дошта бошам бидуни муҷомала ба шумо хоҳам гуфт. Шукри Худо то кунун ба ҳеҷ мушкиле барнахурдам. Зиндонбон гуфт: Фалон ва фалон аз оқоёни сиёсатмадорон дар ҳамин зиндон ва дар ҳамин сулул се рӯз бештар тоқат наоварданд ва аз ҳукумат дархости афв карданд, ҳама шарту шурутҳоро гардан ниҳоданд ва ба дасти худ имзо карданд ва бо ҳама ин парвандаҳоро дар архивҳои ҳукуматӣ нигаҳдорӣ мекунем, то агар рӯзе шайтон дар пусташ хазид ва хостанд бар зидди ҳукумат кӯчактарин фаъолияте бикунанд ва ё бо сухарониҳои доғ ва баёноти оташин мардумро бешуронанд, бо як ишора ба онор бифаҳмонем, ки фардо афвномаатон дар рӯзномаҳо*

*чоп хоҳад шуд ва танҳо бо ҳамин як ишора мисли мормулак (келаск) ба сӯрохҳояшон хазида ва хомуш шаванд. Ҳамаи онон пас аз ду рӯз ба гиряву зорӣ меафтоданд ва шумо чӣ гуна одам ҳастед, ки баъд аз ин ҳама муддат хӯшҳолу ором нишаста ва гуё хонаи холаат аст ва ҳеҷ шикояте ҳам надорӣ ва мегӯи, ки хеле хӯш ҳам мегузарад?!*

*Ман саъй мекардам ба ӯ бифаҳмонам: бародар! Вақте инсон барои расидан ба ҳадафи воло зиндагӣ мекунад, гармӣ ва сардӣ, пастию баландӣ, зиндону сулулҳои торики он дар чашмаш чизҳои беаҳамият ҷилва мекунад. Ман бо фаҳму дарк ва ихтиёри худ роҳамро баргузидам ва ин шиори бо арзиш, ки "**Зиндагӣ аз фикр кардан ба суду зиёни шахсии худ болотар аст**", сарлавҳаи кори худ қарор додаам ва лизо сахтиҳо ва хушиҳо назди ман аҳамият надорад, муҳим расидан ба ҳадаф аст". Зиндонбон, ки ингор ҳарфҳои маро намефаҳмид, гуфт: Ту падар ҳастӣ, ҳашт фарзанди бечораат чӣ гуноҳе кардаанд, ки дар доғи ту бисӯзанд. Каме ҳам бо онон фикр кун. Гуфтам: Қабл аз омаданам бачаҳоямро ба Худо супоридам. Ҳоло ӯ медонад ва бачаҳои ман... хаёлам аз ин ҷиҳат комилан осӯда аст ва то кунун низ дар бораи онон фикр накардам!.*

*Корсози мо ба фикри кори мо*
*Фикри мо дар кори мо озори мо*

*Зиндонбон бо шунидаи ин ҳарфҳо ноумед шуд ва аз он ҷо рафт ва дигар пайдо нашуд ва нақшаи дархости афв ҳам шикаст хурд.*

*Вақте ба навиштани тафсири "**Тафҳимул-Қуръон**" машғул мешудам ва ё намоз мехондам, эҳсос мекардам, ки он зиндонӣ хира хира ба ман нигоҳ мекунад. Чанд рӯз баъд иди Қурбон буд. Аз рӯйи иттифоқ миқдор ғазое, ки барои ғизо ба мо медоданд, тамом шуда буд ва таътилоти ид шуруъ шуда буд ва мебоист то омадани кормандони зиндон сабр мекардем. Субҳ рӯзи ид ҳеҷ чиз барои хурдан надоштем. Зиндонӣ бисёр нороҳату парешон буд, ки аз куҷо ба шумо субҳона бидиҳам? Аз шиддати нороҳатӣ ба ин тарафу он тараф мерафт ва ба дару девор мезад ва ба масъулони*

*зиндон баду бероҳ мегуфт. Ба ӯ гуфтам: Адасу нонеро, ки аз дишаб монда буд, гарм кун ман бехурам. Ӯ гуфт: магар мешавад касе субҳи рӯзи ид ғизои фосиди шабро бихурад?! Ман ҳаргиз ин корро намекунам. Барояш шарҳ додам, ки: бародар! Ҳеҷ ба фикри ман набош, нону моши шабро бо ризоят ва хушӣ хоҳем хурд.* (падар, ки бисёр пойбанди вақту барномаҳояш буд, сари соати ҳашти субҳ ғизои шабмондаро хурд. Ин ҳамон асари тарбияти модарбузӯрг буд, ки ба бачаҳояш гоҳе луқмаи тилло медод ва гоҳе нони хушку сирка). *Вақте ман субҳона мехурдам, ҳак ҳаки гиряе маро ба худ ҷалб кард, пушти сарро нигоҳ кардам, дидам, ки дӯсти зиндониям гӯшае нишаста ва гиря мекунад. Аз ӯ пурсидам: Чӣ шудаст мард, ба ёди зану бачаҳоят афтодайи? Ҷавоб дод: аз ин, ки мебинам одаме мисли шумо субҳи ид нони хушку мош мехурад, гирьям гирифта. Бо худам фикр мекардам, ки ҳаргиз нашуд, ки рӯзи иде мо фақирҳо ҳам ғизои монда ва фосидшударо бихурем. Шумо, ки одами бисёр бузӯрге ҳастед, рӯзи ид доред ғизои мондаи шабро мехуред!*

*Ман бо меҳрубонӣ канораш нишастам ва ба оромӣ ба ӯ гуфтам: бубин бародар! Ман бо фикру дарк ва бо ихтиёри комил ин роҳро интихоб кардам ва бо саъодату хушӣ дорам онро идома медиҳам. Ҳеҷ ба фикри ман набош. Агар чунон чӣ рӯзе гурусна ҳам бимонам ва чизе барои хурдан пайдо накунам, ба ёрии Худо боз ҳам бо хушҳолӣ сабр хоҳам кард. Шумо ба хотири ман худатро озор мадеҳ.*

Бобо идома дод: "*баъд аз субҳона ба навиштани "Тафҳимул-Қуръон" шуруъ кардам, вале он бечора бо вуҷуде, ки ғизо изофӣ монда буд, аз шиддати нороҳтӣ субҳона ҳам нахурд. Дере нагузашта буд, ки дари сулулро бо шиддат заданд. зиндонӣ дарро боз кард. Пулисе, ки бо миқдори зиёди пакетҳо ва бастаҳои ғизо пеши дар истода буд, гуфт: Ҷаноби Мавлоно! Тарафдорони шумо бо ин ғизоҳо аз баъди намози субҳ пушти дар истода буданд, вале мутаассифон дафтари оқои зидонбон баъд аз намози ид боз шуд. Баъд аз он то ҳамаи пакетҳо ва бастаҳоро тафтиш карданд, дер шуд. зиндонӣ ҳама бастаҳоро гирифт ва шуруъ ба боз кардани онҳо*

*кард. Анвоъ ва ақсоми ғизоҳо ва неъматҳое буд, ки зиндонӣ бо дидани онҳо ҳайрон монда буд. Ман бу ӯ гуфтам: бубин! чунки гурусна нишастӣ ва гиря кардӣ ҳамаи инҳоро барои шумо фиристоданд. Хуб бихур, сер, ки шудӣ бақияро байни соири зиндониён тақсим кун. Гумон мекунам, онон ҳам аз чалавкабоб ва ширбринҷ ва кеку ширинӣ ва нони рӯвғанӣ бадашон ноёяд. Вақте ман ин ҳарфҳоро мегуфтам, ангӯшти надомат ба дандон гирифта буд ва мегуфт: Эй кош он ғизоҳоро ба ҷойи ин, ки ба шумо бидиҳам, каблан пеши зогҳо мерехтам. Бо исрори зиёди ман билохира ӯ субҳона хурд ва боқимондаи онҳоро дар байни зиндониён тақсим кард ва ба онон гуфт: Ҳамаи инҳоро барои оқоям фиристоданд ва эшон низ барои шумо фиристод!".*

Баъд аз он падар идома дод: "*Зуҳри рӯзи ид дубора дар ба садо даромад ва як бори дигар анвоъ ва ақсоми ғизоҳои рангоранг ва хушмаза сар расид. Зиндонӣ аз дидани онҳо моту мабҳут монда буд. Миқдори ғизо ба ман дод ва бақияро байни зиндониён тақсим кард. Шаб қисса дубора такрор шуд, хулоса ин, ки се рӯзи ид ҳамфикронамон дар шаҳри Мултон он қадар ғизоҳои рангоранг ва хушмаза оварданд, ки ҳамаи зиндониҳо ба ваҷд омада ва баъд аз чанд муддат шикаме аз ғам раҳо карданд".*

Аз ин тараф бобо барои мо ҳикояти зиндонашро таърифмекард ва аз он тараф модар онҳоро бо оёти Қуръон рабт медод. ӯ мегуфт: *"бубинед бачаҳо! Сураи Марям ҳам ҳамин ҳарфҳоро мезанад:*

" إِنَّ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَيَجْعَلُ لَهُمُ الرَّحْمَنُ وُدًّا"[1] .

"*Ононе, ки имон оварданд ва корҳои шоиста анҷом доданд, Худованди меҳрубон муҳаббаташонро дар дили мардум мениҳад".*

Модар ҳамеша ҳаводиси зиндагиро бо оёти Каломуллоҳи Маҷид ва аҳодиси Паёмбари Акрам (с) рабт дода ва маъно ва мафҳуми онҳоро ба мо мефаҳмонид ва то имрӯз ҳам ҳарфи модар дар гӯшҳоям печид, ки мегуфт: *"Ту кори нек анҷом бидеҳ ва бо Худоят рост бош, он вақт бубин оятҳои Қуръон ва*

[1] : Сураи Марям 96

*Аҳодису ҳарфҳои Паёмбари Худо (с) чӣ гуна худашонро бароят шарҳ медиҳанд".*

Аз ҷумлаи хотироти зиндонӣ, ки бобо таъриф кард ин буд:

*"Як рӯз зуҳр ногаҳон аз пушти девори сулули канорӣ садое омад, ки: "ғизои оқои генералро бигиред". Рафиқи зиндониям баланд шуд ва садо зад, ки ҳастӣ? Ногаҳон як коса ғизо, ки дар румолчаи печида ва чанд нону як пешқоб (лаъли) салад рӯйи он баста шуда буд, рӯйи девор омад ва пас аз он генерал Акбархон (*мутаҳам ба кудатои Ровалпиндӣ, ки сулулаш канори сулули бобо буд*) чун шабаҳе болои девор зоҳир шуд ва парид ин тараф ва гуфт: мехоҳам бо шумо ғизо бихурам".*

*Оқои генерал баъд аз сарфи ғизо то дервақт ҳарф зад ва гуфт: Ҳоҷи оқо! Фақат чанд соате таъхир шуд. Ман пурсидам: чӣ чиз таъхир шуд? Генерал оҳи сарде кашид ва гуфт: мо тақрибан ба дарвозаҳои шаҳри "Сринагар" расида будем, ки бозиро, ки бо хуни худ бурда будем, сари мизи музокироти сиёсӣ ба бод доданд ва ҳамаи ин манотиқе, ки ваҷаб ба ваҷабашро бо хуни худ гулгун карда будем, дубора дудаста ба душман тақдим карда ва ақибнишинӣ кардем".*

*Генерал дар мавриди парвандаи кудатои Ровалпиндӣ гуфт: "Ин як нақшаи пасте буд бар зидди мо ва кишвар ва ҳамаи миллат. Англисҳо қабл аз рафтан, листе аз номҳои ҳамаи афсарон ва дараҷадорони (афицерон) далер ва боғайрате,ки барои ҳифзи обрӯ ва ҳайсияти худ ва дин ва миллаташон ҳозир буданд ҷон бидиҳанд, таҳия карда ба ҳукумати мо супориданд. Онҳо ҳам бештари ин афсаронро ба баҳонаи ширкат дар як намоиш, ки кудатои Ровалпиндӣ ном гузоштанд, дастгир карданд, то ҷойҳои холиашонро бо гурӯҳҳое аз афсарони нобоб ва шаробӣ ва қиморбозу духтарбоз ва бадҷинс бидиҳанд, то хуб даморе аз кишвару миллат даровroutand". Геренал дилашро холӣ кард ва аз болои девор париду рафт ба бахши худаш.*

*Рӯзи баъд ҳам садои ходими зиндонияш омад, ки ғизои оқои генералро бигиред ва пушти сар ғизои оқои генерал буд, ки ба ин*

*тараф парид ва шуруъ кард ба ҳарф задан: " Ҳамзамон бо даъвати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ аз раиси ҷумҳур, Лаёқат Алихон, барои дидор аз он кишвар, даъватномае ҳам аз тарафи Амрико расид. Суол инҷост, ки чаро даъватномаи Шуравӣ мустарид шуд? Генерал идома дод: низоми сармоядории Амрико аз низоми социалистии Шуравӣ хатарноктар аст. Дар тай ҳукумати ҳазорсолаи мусалмонон, Ҳиндуҳо гову маймун ва мору дарахт ва рӯдхонаву дарёро парастиш мекарданд, вале ҳозир набуданд "لا إله" – ҳеҷ Худое нест-ро аз аввал бегӯянд. Чӣ ишколе дошт, ки мо ба Шуравӣ мерафтем ва ба онҳо меомухтем, ки "إلا الله" –магар Худои якто- онон, ки  нисфи аввали шаҳодати Исломро худ хондаанд, кофист мо нисфи дуввумро ёдашон медодем!. Генерал бидуни як лаҳза таваққуф ҳарф мезад. Худаш суол медод ва худаш ҷавоб медод ва ҳарфҳояш тамомӣ надошт.*

*Дар ин рӯзҳо буд, ки ҷосусон ба масъулони зиндон расониданд, ки генерал аз болои девор пеши ман меомад ва мо соатҳо бо ҳам ҳарф мезанем. Пас аз ин кашфи бисёр хатарнок, гӯё, ки зилзилаи ваҳшатнок зиндонро ба ларза дароварад. Дару девор ба ҳаракат даромад ва дар як чашм ба ҳам задан ҳамаи зиндониён кудатои Ровалпиндиро аз сулулҳояшон берун кашиданд, дасту по баста дар мошинҳои пулис андохтанд ва фавран ба зиндонҳои дигар мунтақил карданд.*

*Дӯсти зиндониям, ки интиқолро бо ду чашмони худаш дида буд таъриф мекард: "Вақте генерал Акбархонро савори мошини пулис мекарданд, сарашро боло гирифта буд ва бо садои баланд дод мезад: "Ҳоло вақти шаҳодат расидааст!".*

*Масъулони зиндон гумон мекарданд, ки ин ду нафар ҳатман машғули тарҳи нақшае барои кудато дар зиндон ҳастанд!!".*

**(9)**

Вақте музоҳими бобо мешудем ва ӯ барои навиштани тафсираш "**Тафҳимул-Қуръон**" фурсат пайдо намекард, мегуфт: *"Бубинед! Агар ба ман иҷозаи навиштан надиҳед ба зиндон бар мегардам. Вақте натавонам тафсири Каломи Худоро дар инҷо ба роҳатӣ бинависам, Худованд низ маро баланд мекунад ва ба ҳамон зиндон, ки ҷойи бисёр сокит ва ором аст, мунтақил мекунад то ба роҳатӣ корамро идома диҳам. Тоза ман дар фикри ин ҳастам, ки ҳар чӣ зудтар "**Тафҳимул-Қуръон**"ро тамом кунам ва китоби дигар дар шарҳи аҳодиси Паёмбари Акрам (с) ба номи "**Тафҳимул-Ҳадис**" бинависам".*

Амаки бузӯргамон, Сайд Абӯлхайр Мавдӯдӣ ҳамеша ба бобо фишор меовард, ки худашро аз майдони пурдардисари сиёсат канор бикашад ва танҳо ба баҳс ва пажӯҳишҳои илмӣ ва таълиф машғул шавад. Ёдам меояд, ки як бор амакам ба падар гуфтанд, ки ду ҷилди аввали "**Тафҳимул-Қуръон**"ро бознигарӣ кунад, чаро, ки дар вақти хондани онҳо инсо эҳсоси ташнагӣ мекунад. Бобо дар ҷавоб гуфтанд: *"Агар ду ҷилди аввалро бозхонӣ кунам, лозим хоҳад шуд, ки ба ҷилди саввум ҳам дубора мурочиъа кунам ва ин силсилаи кор ҳамин тавр идома пайдо хоҳад кард!"*

Вақте падар дар ҷаласаҳо ва барномаҳои сиёсиву иҷтимоъӣ ва ғайро бисёр машғул мешуд, амакҷон ӯро насиҳат мекард, ки касони дигар ҳам метавонанд ин корҳоро анҷом диҳанд, аммо шумо ба ман бигӯ чанд нафар метавонанд дар сатҳи шумо корҳои илмӣ ва пажӯҳишиву таҳқиқотӣ анҷом диҳанд ва китоб бинависанд? Шумо ҳамаи вақтатро сарфи навиштан кун.

Як рӯз амак ба яке аз масъулини Ҷамоъати Исломӣ гуфт: *"Ин Амир ва Устоди шумо, бародари кӯчаки ман аст. Ман*

*бузӯргаш кардам, вақте кӯчак буд, нозашро мехаридам ва шайтанатҳояшро таҳаммул мекардам ва дар оғӯши худам мехобондамаш ва аз ин сӯ ба он сӯ ва аз ин ҷаласа ба он ҷаласа ва аз ин барнома ба он барнома мекашондамаш. Дилам метаркад; агар ин оқо корҳои илмӣ ва таълифотӣ анҷом диҳанд, наслҳои зиёде аз ӯ истифода хоҳанд бурд".*

Модар ба бачаҳо низ бисёр фишор меовард, ки падаратонро азият накунед. Агар яке аз мо бачаҳо чизе мехост модарамон ба мо мефаҳмонид, ки агар ман ҷони падаратонро мехурдам ва зеҳнашро пайваста даргир мекардам, ки ин чиз ё он чизро мехоҳем, бачаҳо ба ин чизу он чиз ниёз доранд, ҳар гиз наметавонист ҳамаи ин китобҳоро бинависад. Падари шумо як нависанда ва пажӯҳишгару донишманд аст. Ӯ ба фазои орому сокит ниёз дорад. Шумо бачаҳо набояд аз ӯ ҳеҷ чизе бихоҳед ва набояд ҳам масоилу мушкилоти дарсиятонро бо ӯ дар миён бигзоред. Бо ҳарфҳоятон ҳам вақташро зоеъ накунед. Модар он чунон фазои оромбахше барои падар тартиб медод, ки ӯ дар вақти навиштан бо зеҳни комилан ором ва дӯр аз дардисарҳои зиндагӣ ва атрофиён, корашро анҷом медод.

Падар аз дуруягӣ ва зоҳирсозиву риёкорӣ бисёр мутанаффир буд.

Як бор сари дастархони ғизо модар ҳамаи хоҳарҳо ва бародарҳо ва ба хусус бародарам Муҳаммад Форуқ[1]ро насиҳат мекард, ки бачаҳо намозҳоятонро дуруст  ва сари вақт бихонед, агар шумо дар намозҳоятон кӯтоҳӣ кунед, мардум хоҳанд гуфт: бубинед! бачаҳои Мавлоно Мавдӯдӣ намоз ҳам намехонанд.

Падар сари дастархон сухане нагуфт. Вақте ғизояшро тамом кард ва дастҳояшро шушт, ба мо нигоҳ карда ва гуфт: *"Бачаҳо вақте намоз ҳам мехонед, фақат ва фақат Худоро дар назар дошта бошед ва танҳо барои ӯ намоз бихонед ва ҳар гиз барои*

[1] : Мутавалиди 27 ноябри соли 1943 дар шаҳри Деҳлӣ

*падаратон намоз нахонед!"*. Сипас ором ба тарафи дафтараш рафт.

Падар ҳамеша ин тавр буд, ҳарфҳои бисёр бузӯрг ва муҳимро дар як ҷумла хулоса мекард ва аз ҳарфҳои зиёд ва беҳуда ҳам безор буд. Аслан дар сиришташ чизе ба номи munoқаша ва мунозара набуд.

Агар ҳамаи навиштаҳояшро ҷамъ кунед ва ба рӯзҳои зиндагияш тақсим кунед, бо таъаҷҷуб хоҳед дид, ки ба ҳар рӯз чанд сафҳа мерасад. Ҳоло агар нигоҳи дигар ба ҳаводису туфонҳое, ки дар зиндагиаш рӯх дода ва ба корҳо ва фаъолиятҳояш бияндозед, бисёр шигифзада хоҳед шуд, ки чӣ тавр тавониста аз паси ин корҳо барояд?! Албатта, ки ҳамаи ин корҳо ниёз ба фазои ором ва бедардисар дошта аст ва ин ҷави пурсукуну оромро танҳо модар барои ӯ муҳайё сохта буд.

Тафсири падар аз Қуръон тафсири зинда аст. Масалан агар касе тафсири сураи Юсуфи ӯро бихонад, эҳсос мекунад, ки ӯ дар ҳамон ҷо буда ва бо чашмони худаш шоҳиди ҳамаи мароҳили қисса буда ва дорад онро барои мо қисса мекунад. Ба ҳамин сурат бо хондани сураҳои дигаре чун Каҳф ва Фил эҳсос мекунӣ, ки зеҳнаш тавониста пардаи замону маконро даронад ва дар онҷо ҳузур ёбад.

Солҳои баъд раиси дошинкадаи адабиёти Араб, ки хонуми Сӯриягӣ буд, аз ман хост то, ки шахсияти падарро дар як ҷумла тавсиф кунам, нохудогоҳ аз забонам парид: *"ӯ дар олами дигар мезист!"* Эшон аз ин ҷавоб бисёр хушаш омад ва гуфтанд: "имом Ибни Таймия[1] низ дақиқат инчунин буданд".

---

[1] : Шайхул-ислом Тақиюддин Ибни Таймия аз минатақаи Ҳаррон, ки тобеъи Сурия аст. Аз ҷумлаи боризтарин нависандагон ва донишмандони Исломи дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ аст, ки дар бештарин улуми Исломӣ осоре бар ҷой ниҳод. Танҳо ба ҷиҳод бо илму дониш ва қаламу забонаш иктифо накарда, балки бар зидди Тоторҳо шамшер кашид ва чун садди муҳкам дар баробари сардамдорони судҷӯи мустакбир парчам баланд кард ва дар натиҷаи он борҳо ба зиндон афтод. Дар соли 738 ҳиҷрӣ мутобиқ бо соли 1327 милодӣ дар зиндони қалъаи Димишқ ба шаҳодат расид.

Падар мехост ҳама дар сари дастархони ғизо даври ҳам бошанд. Ин танҳо фурсате буд, ки ҳамаи бачаҳояшро метавонист бубинад. Барои ҳамин дӯст дошт ҳама бо ҳам ғизо бихурем. Он қадар ба вақташ пойбанд буд, ки инсон метавонист вақту соаташро бо ӯ танзим кунад. Мо ҳам қабл аз омадани ӯ сари дастархон ҳозир мешудем, вақте ғизо ҳам эҳсос мекардем, ки ӯ дар зоҳир пеши мост вале зеҳнаш ба масоили дигаре машғул аст.

Падар бештари авқот ба мо насиҳат мекард, ки: *"Сиришти инсон мураккаб аз хубӣ ва бадист. Инсони оқил ва боҳуш, он кас аст, ки битавонад аз хубиҳои дигарон истифода кунад ва худашро аз газанди бадиҳо дар амон нигаҳ дорад. Ва касе, ки аз бадиҳо ва шароратиҳои дигарон баҳраҳо мебарад ва аз хубиҳояшон чашмпӯшӣ мекунад, бисёр нодон аст"*.

Ҳарфҳои тунду тез ва бадзабонӣ дар сиришти ӯ набуд. Агар теғ ба устухон мерасид ва касе оташи хашму ғазабаш меафрухт ва бисёр азияту озораш медод, сахтарин ҷумлае, ки мегуфт ин буд: *"Назди онон бузӯргтарин ҷурму гуноҳи ман шарофатам аст..."* Бо ин вуҷуд бештарин кушишаш ин буд, ки хубиҳои дигаронро барангезад ва парвариш диҳад, то ба сурате мавриди истифода қарор гирад ва кушиш мекард бадиҳоро аз байн бибарад. Ин ду ҳикояти ширин беш аз ҳафтод сол ҷонкандани ӯ, ки бо ҳикмату донойи ва тадаббури бемонанде уммати Исломиро ба сӯйи созандагӣ ва ислоҳ роҳнамойи кард.

Гоҳе бо худ фикр мекунам, ки агар падар бо хонуми нодон ва пурҳарфу пурҷангу ҷидол ва бо дардисар издивоҷ мекард ва зиндагияш чӣ самту сӯе пайдо мекард? Баъд мегӯям, ки: На! Худованд модари азизамонро барои падар халқ карда буд, зане, ки бо дарку фаҳми боло, завқу салиқаи адибона ва ишқу алоқаи бемонанд, ба илму дониш. Касе, ки зоти худро нафй карда буд ва дар дилҷӯйи ва дилдории падар мислу монанде надошт. Зарбул-масали Арабие аст, ки мегӯянд: "*Духтарон уданд*", яъне занон чун атрҳои хушбӯе ҳастанд, ки

худ пушти парда завқу салиқаи онон ҳамаро ба худ машғул месозад ва ҳатто дар камоли фақру нодорӣ бо чанд риёл бачаҳоро ба беҳтарин ваҷҳ тарбият карда ва илму дониш меомӯзонанд ва кулбаи пур аз шарафу сарбаландӣ ба по мекунанд.

Падар ба мо мегуфт: *"Агар вақти кофӣ барои тарбиятатон медоштам, аз шумо намунаҳо ва улгуҳои бемонанд барои ҷаҳониён месохтам ва чун ба қадри кофӣ ба шумо нарасидаам, ба худ иҷоза намедиҳам шуморо сарзаниш кунам. Ман зиндагиямро барои Худо ва сарбаландии дини ӯ дар ҷаҳон фидо кардаам ва тарбияти шуморо ба Худо вогузор мекунам!"*. Ӯ ҳамеша худашро корманди боихлос барои Худо медонист ва ҳар лаҳзаи зиндагияшро дар роҳи адои воҷиботаш ғанимат мешумурд.

Чанд моҳ қабл аз вафоташ, оқое бераҳмона ӯро мавриди таҳоҷум ва интиқоди шадид қарор дод ва гуфт: Оятуллоҳ Хумайнӣ дар Ирон тавонист инқилоби Исломӣ ба по кунад ва муваффақ шуд, шумо чаро натавонистанд дар Покистон инқилоби Исломиро барпо кунед? Падар дар ҷавоб гуфтанд: *"Ман ходиму навкари Худованди мутаъол ҳастам. Вазифаи ман инаст, ки воҷиби рӯзмараамро анҷом диҳам ва музди худамро даёфт кунам. Аммо ин, ки сохтмон кай комил мешавад ва раванди кораш чӣ гуна пеш меравад, аслан кор ба натиҷа мерасад ё на, ба ходим ҳеҷ рабте надорад. Ходим фақат дар ин фикр аст, ки бо имону ихлоси комил ба беҳтарин наҳви мумкин вазифаашро анҷом диҳад!"*.

Падар низ ходими бисёр бовафо барои Худояш буд ва ақлу ҳушаш, забону қаламаш, фикру андешаашро дар роҳи адои вазифааш ба беҳтарин сурат тасхир карда буд. На орзӯйи инро дошт, ки мардум шиъори "зинда бод" барояш сар диҳанд ва на аз наъраҳои "мурда бод" тарсу ҳарос надошт. Бо муқоиса ӯ бо инсонҳои дигар мулоҳиза мешавад, ки худаш, ҷисму ҷонаш, ниёзу эҳтиёҷоташ, зану фарзандон ва ояндааш дар фарҳанги луғати ӯ ҳеҷ ҷое надошанд. Мо ки аз сир то пиёз

зиндагии падарамонро аз наздик ламс кардем, инсоне бениёз ва мустағнӣ чун ӯ ҳар гиз ба чашм надидаем.

Модарбузӯрг ҳамеша ба мо бачаҳо мегуфт: *"Сайди аслӣ чанд сифати умда дорад:*

*1: Ҳаргиз асабонӣ намешавад ва агар ҳам шуд, фақат барои Худо ва динаш асабонӣ мешавад.*

*2. Ҳаргиз барои худаш интиқом намегирад.*

*3. Ҳар гиз ҷавоби дашном ва носазоро бо дашном намедиҳад.*

*4. Кинаи касеро ба дил намегирад.*

*5. Ба касе дурӯғ намегӯяд ва ғайбату бадгӯии касеро намекунад.*

*6. Ҳар гиз аз ғизо эрод намегирад. Бар асари гуруснагӣ ва ё ташнагӣ асабонӣ намешавад, ҳар чӣ Худо дод мехурад ва шукри Худоро ба ҷо меоварад.*

*7. Дар зиндагии Сайд пастӣ ва баландиҳост ва сахтиҳои зиндагӣ ӯро то ҳадди марг таҳдид мекунанд, бо ин ҳол ҳаргиз тан ба шикаст намедиҳад ва бо тамоми қудрату тавонаш бо сахтиҳо дар меафтад ва бадтарин сахтиҳо ва мушкилотро бо сабру истиқомат ва пойдории худ, дар ҳам мешиканад".*

Дар воқеъ модарбузӯрг бо ин равиши ҳакимонаи худ, риштаҳои азҳони бачаҳоро мебофт ва ононро бар поя ва усулу мабодии волои ахлоқӣ тарбият мекард. Ин авсофи ҳафтгона ба сурати комил дар падарамон ҷилвагар буд. Дар авқоте, ки ҳар инсони оддӣ аз шиддати хашму ғазаб контроли худашро аз даст медиҳад, падар камоли бурдборӣ ва сабро бар худ ғолиб месохт ва кинаи касеро ҳам дар дил намегирифт ва мегуфт:

Куфр аст дар тариқати мо кина доштан
Ойини мост синае чу ойина доштан

Ононе, ки дар камоли бераҳмӣ рӯзҳои шоди зиндагии ӯро зери панҷаҳои зулму ситами хеш зоэъ карданд ва бидуни ҳеҷ гуноҳе дар зиндонҳои тангу торик ва пушти милаҳои зиндон, саъй карданд шахсияти ӯро дарҳам бикубанд ва солҳои умрашро дар зиндонҳои худ бо бераҳмӣ хафа карданд, низ

вақте барои дидани падар омаданд, бо чеҳраи боз ва рӯйи кушода ба истиқболашон мерафт ва ҳар гиз на ба ишора ва на ба забон ба онҳо ёдоварӣ намекард, ки чаро ин чунин ба ман ситам раво доштед ва бо он равиши ноҷавонмардона бо ман дарафтодед?

Рӯзе оқое барои гирифтани супоришномаи (тазкия) хусусӣ назди падар омад. Ӯ марди бисёр саршиносе буд, ки align бознишаста шуда буд ва ба хотири мушкилоти иқтисодӣ мехост барои кор ба Дубай ё Абӯзабӣ биравад. Падар тибқи маъмул барои ӯ супориноми хосе навишт, ки бисёр муассир вақеъ шуд ва бо он шуғли хубе пайдо кард. Ин оқо чӣ касе буд? Ҳамон касе буд, ки дар замони ҳукумати низомӣ, дар либоси қозӣ ҳукми эъдоми падарро содир карда буд ва ҳоло имзояш бар он парванда акнун ҳам дар назди мост! Танҳо афроде чун падар метавонанд барои касе, ки ҳукми эъдомашро содир карда бошад, супоришномаи хусусӣ бинависад. Ҳар касе наметавонад ин зарфиятро дошта бошад.

Генерал Муҳаммад Аъзамхон, ки дар замони ӯ падарро ба додгоҳи низомӣ бурданд, баъдҳо бисёр ба диданаш меомад. Падар дар воқеъ ба ин сухани ҳазрати Исо (а) ҷомаи амал пушонда буд: *"Эй моҳигир! Биёед то ба шумо роҳу расми шикори инсонҳоро биёмузам. Бо ҳарфҳоятон ва бо корҳоятон инсонҳоро шикор кунед ва ононро дар тури бандагии Худо биандозед, на дар тури худатон!"*.

Ӯ бо ахлоқи писандидааш дар дилҳои душманонаш ҷо боз карда буд. Падар номҳои афроде чун оқои Бҳуторо, ки ҳамеша ба ӯ дашному носазо мегуфт, ба хубӣ ва бо эҳтиром ёд мекард ва мегуфт: *"Худованд ӯро ҳидоят кунад ва ба роҳи рост оварад ва авзоъу аҳволро беҳбуд бахшад, то кишвару миллат беш аз ин ба табоҳӣ кашида нашавад"*. Ӯ ҳаргиз ҷавоби дашному носазоро бо дашном, ки ҳеҷ, ҳатто бо каломи тунду тез ҳам намедод.

Хуб дар ёд дорам, ки дар даврони кӯдакӣ як рӯз барои адои намози ҷумъа ба масҷиде дар минтақаи "Ачиҳраҳ" рафта

будем. Имоми масҷид аз мухолифони сарсахти падар буд ва болои минбар дуруст рӯ бар рӯйи мо нишаста буд, чашмҳояшро ба тарафи падар духта буд ва бо эҳсосу ҳаяҷони бемонанде ба ироди хутбаи бисёр доғ дар мухолифати падарамон кард ва ҳар чӣ аз даҳонаш баромад кӯтоҳӣ накард ва дар ниҳоят ҷушу хуруш ӯро ба ҷое расонд, ки ҳамаи қоида ва усули ақлу мантиқро зери по ниҳод ва раъдвор гуфт: агар яке аз тарафдорони Мавдӯдӣ бимирад ва рӯйи қабраш дарахти хордор каноре сабз шавад ва бузе аз баргҳои он дарахт бихурад, нушидани шири он буз ҳаром аст...!

Дӯстони падар, ки ҳамроҳи ӯ буданд, дар роҳи бозгашт аз масҷид аз шиддати ханда ба худ мепечиданд ва доштанд рӯдаро мекашиданд ва ин ҷумлаи хатиби масҷидро бо обу тоб такрор мекарданд. Бар хилофи ҳама падар бо матонат ва сангинии хосе нишаста буданд ва бо таъаҷҷуб ба мо, ки механдидем нигоҳ кард ва гуфт: *!Яъне чӣ? Бигуед! Куҷои ин ҳарф хандадор аст?!"*

Як бор дар ҳавзаи илмияи Ашрафияи Лоҳур яке аз уламои бузӯрг ба падар гуфт: Ҷаноби Мавлоно Аҳмад Алӣ Лоҳурӣ (1962) интиқодоте бар зидди шумо ироъа додаанд ва ҳеҷ вокунише аз шумо содир нашуда аст ва ин сукут боиси барангехта шудани шаку шубҳаҳое мешавад! Падар дар ҷавоби эшон гуфтанд: "*Бидуни шак аз интиқодоти бемаврид ва набоҷойи мардум нороҳат мешавам ва суханҳояшон боиси ранҷиши хотирам мешавад, албатта мавриди Мавлоно Аҳмад Алӣ комилан ҷудост, ман медонам, ки некиҳо ва хубиҳову ҳасаноти ӯ он қадар зиёданд, ки Худованд бо таваҷҷуҳ ба онҳо аз ин интиқоди нобаҷо ва бемавридаш дар мавриди ман мегузарад ва дар иваз кӯтоҳиҳо ва гуноҳони ман онқадар зиёданд, ки умедворам бо ин сукути ман Худованди мутаъол аз онҳо кам кунад ва маро биёмурзад!"*.

Падар дар баробари зиндагиву ташнагӣ сабру таҳаммули аҷибе доштанд. Ӯ ҳар гиз аз ғизо эрод намегирифт. Агар гоҳо ошпаз ба иштибоҳ намаки ғизоро зиёд мекард ва ё аслан аз

ёдаш мерафт, ки дар ғизо андозад, эшон дар камоли сабр ва бо ризоияти хотири тамом ва бидуни ҳеҷ айбу эроде ғизояшро тановул мекарданд ва Худовандро шукр мегуфтанд. Агар аз ҷониби яке аз мо шикояту эроде матраҳ мешуд, фавран пешашро мегирифт ва мефармуданд: "*Ҳар рӯз гизои хубу хушмаза дуруст мекунад, ҳоло агар як бор иштибоҳе сурат гирифт чӣ ниёзаст, ки ӯро сарзанишу нороҳат кунем?"*.

Албатта ҳамаи мо бародарону хаҳарон ин одати хубро аз падарамон омухта будем ва гизоро айбу эроде намегирифтем ва агар чунон чӣ касе нохудогоҳ ҳарфе мезад ва ё эроде мегирифт, фавран модарбузӯрг мегуфт: *"Ин Сайиди қаллобӣ аст! Шояд ҳам тоза мусалмон аст! Бечора чӣ кор кунад, ба эрод гирифтан одат карда ва маҷбураст ин ҳарфҳоро бизанад. Аз қадим гуфтаанд: "неши каждум на аз баҳри кин аст, иқтизои табиъаташ ҳамин аст!"*

Мо ҳам аз тарси ҳамин таънаҳо ва неши забонҳо ҳеҷ чиз намегуфтем ва то ба имрӯз ҳам ин ҳарфҳои модарбузӯрг дар хона ривоҷ аст ва ҳар бачае ва ё ҳатто бузӯрге, ки аз ғизое эрод бигирад, фавран дигарон байни суханаш мепаранд ва ба ӯ "Сайиди қаллобӣ" ва ё "тозамусалмон" мегӯянд.

Боре гурӯҳе аз мусалмонони Фаластин ба Лоҳур омаданд ва хостанд, ки бо падари гиромӣ ҳам мулоқоте дошта бошанд. Падар ҳам ононро барои шом даъват кард. Соате қабл аз расиданашон иттилоъ ёфтем, ки чанд то хонум ҳам ҳамроҳашон аст. Дар хонаи мо ҳар гиз барномаи мухталати зану мард сурат немегирифт. Падар ҳам фавран боғчаи хонаро барои истиқболи хонумҳо омода карданд ва ба мо супоришҳои лозимро барои меҳмонавозии хонумҳо карданд.

Он рӯзҳо мавсим боронӣ буд. Вақте, ки коргарон даври боғчаро парда мекашиданд ва мизу курсӣ мечиданд, абри сиёҳе осмонро пушонда буд ва ҳавои намноке вазидан гирифта буд ва гӯё, ки лаҳзаҳои дигар борон хоҳад борид. Мо хеле парешон шуда будем ва ба падар гуфтем. Агар хонумҳо биёянд ва борон шуруъ шавад, хеле бад хоҳад шуд ва ҳама чиз

ба ҳам хоҳад хурд. Падар бо оромӣ ва итмиънони хотир гуфтанд: *"Иншоаллоҳ борон намеборад!* Мо дохили ҳарфаш паридем ва гуфтем: *"осмонро нигоҳ кунед, ҳозир аст, ки борон шуруъ шавад"*. Падар рӯйи ҳарфаш исрор кард ва бо итмеънон гуфт: *"ман ба шумо гуфтам, ки иншоаллоҳ борон намеборад"*. Мо ҳамин тавр нигоҳ мекардем, ки абрҳои сиёҳ пора пора шуда ба ин сӯ ва он сӯ рафтанд ва осмони софу обӣ намоён гашт ва ҳаво он қадар дилнишину хуб шуд, ки нагуву напурс!. Меҳмонон ташриф оварданд ва бо хаёли роҳат шомашонро сарф карданд ва рафтанд. Баъд аз рафтани онҳо ҳама чизро ҷамъу гир кардем ва дубора абрҳо дар осмон ҷамъ шуданд ва ҳамаи он шаб то субҳ борони бисёр шадиде боридан гирифт. Дар он шаб модар ба мо гуфт: *"Ин мадару писар –писару модарбузӯрг- ҳар чӣ мегӯянд, ҳарфашонро гӯш кунед ва бидуни чуну чаро итоъат кунед. Ҳар гиз ҳарфашонро ба замин наандозед ва бо онон баҳс накунед. Инҳо ҳар чӣ бигӯянд Худованд голибан хостаҳояшонро бароварда мекунад"*, сипас бароямон ин ду сухани Паёмбари Акрам (с)ро ривоят карданд:

*1:* Ҳадисе, ки ёру ходими Паёмбари Акрам (с), ҳазрати Анас ривоят кардаанд: *"Аз бандагони Худованд касоне ҳастанд, ки агар ба Худованд қасам бихуранд, қасами ононро бароварда месозад"*.

*2:* Ҳадиси дигаре ба ривояти ҳазрати Абӯҳурайра (р), ёру ёвари Расули Акрам (с), он Ҳазрат фармуданд: *"Аз бандагони Худованд афроди бисёре ҳастанд, ки мӯйҳояшон ба ҳам рехта ва жулида аст, ва касе ба онҳо эҳтимом намедиҳад ва дарҳои хонаҳо ба рӯяшон баста мегардад, аммо назди Худо бисёр азизанд ва агар ба Худо савганде ёд кунанд, Худованд он савганду қасамашонро бароварда месозад"*.

Дар шаби шашуми декабри соли 1957 модарбузӯрг пас аз беморecho мухтасаре ҷон ба ҷонофарин таслим карданд. Модарбузӯрге, ки ҳамаи умрашро бо "*ман маризам, ту табибам*", шоду тандуруст зист ва билохира ба пешгоҳи

пизишку табиби воқеъии худ шитофт ва барои ҳамеша шифо ёфт!

Мардуми авом гумон мекарданд, ки чун писари модарбузӯрг олими барҷаста ва машҳур ва бо ному насаб аст, ҳатман барои расидани савоб ба модараш барномаҳои қуръонхонӣ ва "қул ҳуваллоҳу аҳад" хонӣ, ва маросими ҳафтаву бисту чиҳил барпо хоҳад кард ва дегҳои мурғбирёну палави зарду ҳалво ва нони равғанӣ ва ғайра дар миёни мардум тақсим хоҳад кард. Вақте диданд, ки падар на барномаи "қулҳу валлоҳу аҳад" хонӣ гузошт ва на яке аз бидъатҳову хурофоти дигар, моту мабҳут ва ҳайрон монда буданд ва ба андозаи даҳанҳо шоэъаҳо ва бадгӯиҳо шаҳрро пур кард. Бархе то ҷое пеш рафтанд, ки дуо мекарданд: Худоё ба ҳама бачаҳои нек апзонӣ фармо! Вале мисли ин бача ба душманони мо ҳам надеҳ. Модарашро дар чоҳ андохт ва пушти сарашро ҳам нигоҳ накард. Гуё, ки аслан модар надошта! Ҳамаи афроди хонавода аз ин ҳарфҳое, ки ба гӯшашон мерасид, бисёр нороҳат мешуданд, магар падар, ки аз шунидани ин ҳарфҳо ва таънаҳо хушҳол ҳам мешуд!

Ҳоло сайре ба пушти парда бизанем! Касе намедонист, ки одами фақиру мустаманде, ки аз бемории тангии нафас ранҷ мебурд ва қодир ба касби маъошаш набуд, ҳар рӯзи зуҳр ба хонаи мо меомад ва бо эҳтироми бисёр аз ӯ истиқбол мекардем ва ба ӯ наҳор тақдим мекардем, пас аз сарфи наҳор низ рӯйи тахте дароз мекашид ва то шаб истироҳат мекард ва шаб пас аз пазиройи ва тановули шом ба манзилаш бармегашт. Падар дастӯр дода буд, ки наҳорро ба нияти савоб барои падарбузӯрг ва шомро ба нияти савоб барои модарбузӯрг ба эшон тақдим дорем. Ҳамчунин дар ҳамон сол падар барои ширкат дар иҷлоси "Робитаи олами Исломӣ" ба Арабистони Саудӣ рафтанд ва барои модарбузӯрг Ҳаҷ ба ҷой оварданд ва ба ҷуз ин чанд бор барояш умра адо кард.

**(10)**

Бо камоли эҳтиёҷ аз халқ истиғно хушаст
Бо даҳони ташна мурдан бар лаби дарё хушаст

Шашуми июни соли 1964 ду бора бобо ба зиндон афтод ва сандуқҳои бузӯрги китоб низ ба дунболи ҳам равонаи зиндон шуданд. Зиндониёни дигар таъаҷҷуб карда буданд, ки барои ҳамаи зиндониёни дараҷаи аввал, анвоъ ва ақсоми ғизоҳову ширинихо меоваранд ва барои Мавлоно танҳо китоб меоранд! Ин бор бобо дар зиндони Лоҳур буд ва метавонистем ҳар ҳафта ба мулоқоташ биравем. Дар ҳамаи ин муддат модар ба сахтӣ бемор буд ва модарбузӯрг низ, ки ҳамеша боиси дилгармӣ ва сутуну субот ва пойдории хонавода буд, пеши Худояш рафта буд!.

Падар қабл аз дастгирӣ бо раиси кулли нерӯҳои интизомӣ ва раиси ҷумҳури вақт, Муҳаммад Аюбхон (д.1974) дидори таърихӣ ва ба ёдмонданӣ доштанд. Аюбхон рӯйи ин нуқта исрор дошт, ки ҷаноби Мавлоно! Кишвару миллат ба шумо ниёзи мубрам доранд, лутф кунед ва аз дунёи сиёсат канора бигиред ва ба миллат хидмат кунед! Падар ҷавоб гуфтанд: *"Ҷаноби оқои Аюбхон! Шумо ҳамаи зиндагиатонро дар артиш гузарондаед ва аз зиндагии иҷтимоъи дур будаед, чӣ тавр ба худ иҷоза медиҳед, ки маро аз мушорикат дар барномаҳои иҷтимоъии ҷомеъа манъ мекунед?! Ва ба чӣ асосе маро аз мушорикатҳои сиёсӣ боз медоред?"!*

Аюбхон гуфтанд: Ҳазрати Мавлоно! Шумо инсони бисёр шариф ва боимоне ҳастед ва сиёсатбозӣ бисёр пасту зиште аст. Афроде чун шумо набояд дар ин мунҷалоб ғарқ шаванд!

Падар дар ҷавоб гуфтанд: *"Шумо чӣ фикр мекунед? Бояд гузошт ин майдон ҳамеша палиду касиф бимонад?! Агар ба ҷойи одамҳои бевиҷдону харобкор, инсонҳои покдоману росткор ба ин*

*арса ворид шаванд, ҳатман майдон поку муфид хоҳад шуд ва кишвар рӯ ба тараққӣ хоҳад гузошт".*

Аюбхон, ки дида буд шикораш ба осони ба тур наафтод, равиши дигаре ихтиёр кард ва бо нармӣ гуфта буд: "Ҷаноби Мавлоно! Шумо бояд ба фикри ояндаи бачаҳоятон ҳам бошед, барояшон корхонаҷот бизанед. Мо ҳам ҳар чӣ бихоҳед қарзҳои дарозмуддат дар ихтиёратон қароп медиҳем ва иҷозатнома ва дигар корҳои идориро худамон барояш рӯ ба роҳ мекунем, шумо аслан дар фикр набошед. Худатон низ ҳар кишври Арабие, ки мехоҳед интихоб кунед, шуморо ба унвони сафирамон ба он ҷо мефиристем". Ӯ намедонист, ки дар баробари ҳамаи ин пешниҳодҳо ва ришваҳо як инсони мустағнӣ ва бенаёз нишаста аст.

Падар танҳо як ҷумл гуфтанд: *"Шумо маро тавҳин кардед ва ҳанӯз маро нашинохтаед!"*. Аюбхон моту мабҳут ва ҳайрон монда буд ва барои аввалин бор медид, ки дар дунё касоне ҳастанд, ки пулу хокро ба як чашм нигоҳ мекунанд![1].

Падар хеле вақт ин байти шеъро месуруд, ки дар воқеъ васфи ҳоли худашон буд:

*Ҳазор бахшандаро як бахшанда аст*
*Ту ба ман як дили бенаёзе додайи*[2]

Падар дар ҷое навиштааст:

*"Имон ба ғайб ба кайфияту ҳолате аз қалби инсоне мегӯянд, ки бар асоси он фард барои расидан ба аҳдофи пушида аз чизҳои маҳсус ва қобили дид ва ё аз вуҷуди зоҳирӣ дар мегузарад. Барои*

---

[1] : Яке аз шахсиятҳои Ҷамоъати Исломӣ дар конфронсе, ки дар Исломобод – пойтахти Покистон- ташкил шуд, зимни бозгуфти ҳамин қисса дар идома чунин гуфт: "Аюбхон вақте ғурураш дарҳам шикаст, бар сари Мавлоно дод кашид ва бо лаҳҷаи таҳдидомез гуфт: Ин роҳест, ки худамт интихоб кардаи ва худат бояд паёмадҳояшро низ таҳаммул кунӣ ва бидон, ки бозӣ аз ҳамин ҷо шуруъ мешавад. Сипас ба чанд нафар аз навкаронаш дастӯр дод, ки Мавлоноро бо камоли беэҳтиромӣ аз Парлумон берун андохтанд ва чанде баъд ба зиндонаш афканданд".

[2] : Ҳазор дине ко ик дунё ҳе
Ик дил бе муддаъо диё ту не

*расидан ба саъодату хушбахтии ухравӣ бар сина фоидаҳои зудгузари дунёӣ дасти рад мезанад. Бо вуҷуди ин, ки аз дидгоҳи арзишҳои дунёӣ ӯ дар воқеъ сад дар сад дар зарару хасорат аст, мебинам, ки аз оромиши хотир ва итмеънони қалбии бемонанде баҳраманд мешавад, эҳсосаш дилҳарагиву афсурдагӣ ва ё нороҳатӣ ва шикаст намекунад ҳеҷ. Лабханди ғуруру пирӯзӣ ва ризояти хотир низ бар лабони ӯст! Ӯ ба фазои волотар аз тангии мафоҳими забон ва зарари дунёӣ назар андохта ва ба уфуқи бисёр дӯрдасте дар биҳишт чашм андухтааст ва бино ба диди ошиқони биҳишт рафтоп мекунад! Гар чӣ ӯ бо ҷисту ҷонаш дар ин дунёи хокӣ аст, бо рӯҳу равонаш дар фазои нӯронии биҳишт сайр мекунад ва дар ҳайрати зебоии табиъати биҳиштӣ ва рӯдҳои пӯршур ва меваҳои босафо ва оромишу саъодати абадии он сармасту мадҳуш аст!".*

Дар соли 1964 бозӣ аз сар гирифта шуд ва падар ба иттиҳоми саркашӣ аз дастӯроти давлатӣ аз нав равонаи зиндон шуд ва муншии вижаи раиси ҷумҳур дар ҳузури падар дар додгоҳи олии кишвар бар зидди ӯ ба дурӯғ қасам хурд ва гувоҳӣ дод. Дар қиболи ин кораш Аюбхон қитъаи замини бузӯрг дар ноҳияи "Таҳал" ба ӯ ҳадия дода буд. Баъдҳо муншӣ танҳо ду писарашро барои таҳвил гирифтани замин ба онҷо фиристод. Моликони аслии замин, ки ҳукумат заминашонро тасарруф карда буд, одамҳои қаландару нотарс буданд ва бачаҳои оқои мунширо ба табар тика тика карданд ва аҷсодашонро зери офтоби сӯзон андохтанд ва ба касе иҷоза надоданд ба онҷо наздик шавад. билохира муншии бечора маҷбур шуд, бо ҳамкории гардоне аз нерӯҳои пулис ба он ҷо ҳамла кунад ва ҷасади танҳо ду фарзандашро, ки яке 32 сола ва дигаре 28 сола буд ҷамъ кунад. Аз тарафи дигар мо як гурӯҳ барои тасаллият ва азодорӣ ба манзили вай рафт. Онон фавран баргашта буданд, мегӯфтанд: Оқои муншӣ ва хонаводааш якрез ба Худо баду бероҳ мегуфтанд ва дашном медоданд. Мо ангӯштҳоямонро дар гӯшҳоямон фурӯ бурда ва

аз онҷо фирор кардем, то мабодо мо ҳам дар гуноҳ шарик шавем ва ба азоби Илоҳӣ гирифтор шавем.

Падар дар ҷое навиштааст: "*Фақру тангдастӣ ва ҷаҳолату нодонӣ ва бандагию бардагии истеъмори Англис, бештар миллати моро одамҳои бе иззати нафс ва бемасъулият ва бандаи ҳавову ҳавасбор овардааст. Инсонҳое, ки гуруснаи луқмае нон ва қатрае ғайрату шарафанд. Агар дар ҷое касе ба тарафашон луқмаи ноне дароз кунад ва ё чанд қитъа асбоби бозӣ пешашон бияндозад, онон чун саг камари тоъат хам карда ва думи ризоият такон медиҳанд. Дар роҳи хиёнат ба дину имонашон, замину виҷдонашон, ғайрату шарафашон ва қавму миллаташон аз ҳеҷ чизе кӯтоҳӣ намекунанд. Таҷрибаи саду панҷоҳ солаи ахир нишон дода, ки садҳо ҳазор хоини худфурухта аз байни ҳамин касоне, ки худро мусалмон ҷор мезананд, косаи англисҳоро мелесанд ва бар зидди мусалмонон хабарчинӣ мекарданд ва ҳатто аз задани шамшер ба гардани бародаронашон ва аз гирифтани лулаи туфанг ба синаи ҳаммайҳанон ва ҳамкешашон низ ҳеҷ парвое надоштанд*".

Вақте падар тоза аз зиндон озод шуда буд, яке аз хешовандонамон, ки корманди олии рутбаи бонки марказӣ буд, бо як ҷуъба (покет) ширинӣ барои табрик гуфтан омад, вале бар хилофи ҳамеша бисёр нороҳат буд ва ғамгин дар гӯшае нишаст ва пас аз чанд дақиқа рафт! Мо аз нороҳатӣ ва бархурди сардаш бисёр таъаҷҷуб кардем ва пурсидем: чаро ин бандаи Худо имрӯз он қадар нороҳатӣ дошт?!. Падар ба мо гуфтанд: "*Дар аёме, ки ҳукумат ба Ҷамоъти Ислотӣ тухмат зада буд ва парвандаи ман дар додсарои олӣ баррасӣ мешуд, маро дар мошин пулис ба додсаро мебурданд, раиси пулис ҳам канори ман нишаста буд. Вақте мошин ба тарафи додсаро гашт, ин бандаи Худо бо мошинаш пешаман ҳозир шуд. Ман вақте мутаваҷҷеҳ шудам, нохоста дастам ба ишораи салом баланд шуд ва ба ӯ арз салом кардам, ин бандаи Худо бо дидани ман сарашро гардонд ва тарси ин, ки мабодо раиси пулис мутаваҷҷеҳ робитаи мо шавад ва аз ӯ бозхост кунад, ҷавоби саломро надод ва худашро ба он дар заду рафт*". Сипас падар ба мо фаҳмонданд, ки ин

қиссаро ба ин хотир бароятон гуфтам, ки бидонед, ки набояд ба ин дунё ва молу манолаш дил бибандед ва ҳақиқати онро дарёбед ва бидонед, ки ҳамаи ин дӯстиҳо, бародариҳо ва хешовандиҳо то рӯзе аст, ки вазъу ҳоли одам хуб аст ва ҳамин, ки инсон дӯчори мушкиле шуд ва вазъу ҳолаш тағйир ёфт, ҳамаи дӯстиҳо ва ошноиҳо ва хешовандиҳо дар як лаҳза бухор мешавад ва аз байн мераванд.

Албатта агар падар низ ин мавзӯъро бароямон равшан намесохт, таҷрибаҳои паёпаи зиндонҳои ӯ ба мо ин дарсро дода буд, ки фиреби зоҳири дунёро нахурем. Вақте падар дар канорамон буд, мо духтарону писарони ҳоҷӣ оқо ва Мавлоно будем ва ҳамин, ки ба зиндон мерафт, эҳсос мекардем дар ин дунёи паҳновар таку танҳоем ва ҳеҷ касеро надорем ва ҳамин, ки ӯ аз зиндон озод мешуд, инсонҳое, ки ҷонашонро нисори мо мекарданд, фавран аз ҳар тараф ҷамъ мешуданд ва давру барамон ҳалқа мезаданд!

Албатта шояд ҳам айби кор дар мо буд, ки дари касеро намезадем ва интизор доштем мардум ҷӯёи ҳоли мо шаванд ва барои ҳамин моро мағрӯр ё ғайри иҷтимоъӣ талаққӣ мекарданд ва ё ин, ки мардум намехостанд пеши ҳамдигар бо мо салому алайк дошта бошанд, то Худое нахоста парвандаашон хароб нашавад ва ё пеши тараққӣ ва пешрафташон гирифта шавад ва ё сару корашон бо созмонҳои амниятӣ ва куҷову куҷоҳо бияфтад. Аз ҳамон кӯдакӣ, эътимод ба нафс ва давру бари мардум начархидан ва аз касе чизе нахостан, дар шахсияти мо кошта шуда буд ва мисли як одати тағйирнопазир даромада буд ва агар ҳам мехостем, наметавонистем ивазаш кунем.

**(11)**

Рамазони соли 1966 буд, мардум барои намози таровеҳ омода мешуданд, ки раиси пулиси "Ачраҳ" ба ду сарбоз хонаамон рӯ зад ва гуфт, мехоҳад барои кори фаврӣ бо Мавлонон танҳо мулоқот кунад. Падар ӯро ба дафтараш роҳнамойи карданд. Раиси пулис сарбозонро дар хориҷ гузошт ва худаш танҳо назди падар рафт ва ба ӯ гуфт: Аз боло ба ман дастӯр расида, ки бо гурӯҳе аз пулисҳои зану мард ба хонаи шумо ҳамла кунам. Дар қисмати истироҳатгоҳи кормандони хонаи шумо духтаре рабуда шудааст ва бояд ӯро пайдо кунам, албатта бояд аккосон ва рӯзноманигоронро низ бо худ биёварам, то аз ҳодисаи аксҳо то аз ходиса аксҳои зинда таҳия ва фардо дар рӯзномаҳо мунташир кунанд!

Эшон гуфтанд: Ҷаноби Мавлоно! Иззату обрӯйи шумо назди ман мисли иззату обрӯйи хонаводаам ва қобили эҳтиром аст. Барои ҳамии ман фавран хидмат расидам, ки ба шумо иттилоъ диҳам, то истироҳатгоҳи кормандонатонро бозрасӣ кунед ва ин духтарро фирорӣ дихед. Ҳоло ман меравам ва зарфи даҳ понздаҳ дақиқаи дигар бо гурӯҳе аз пулисҳо ва хабарнигорону аккосон бар мегардам. Мехоҳам, ки иззату обрӯйи шумо ва фарзандонатон ҳифз шавад, чаро, ки ҳатман иттиҳомро мутаваҷҷеҳи яке аз бачаҳои шумо мекунанд!. Падар бо шунидани ин ҳарф фавран дохили хона омад ва ҳамаи чизро гушакӣ ба модарамон гуфт ва дар ин миён чизҳое ҳам ба гӯши мо мерасид. Модар ҳам фавран ба қисмати кормандон рафт ва онон ҳамаи чизро инкор карда ва гуфтанд: Хонум! Мо нони шуморо хурдаем, чӣ тавр имкон дошт, даст ба чунин коре зада ва касеро бидуни иҷозаи шумо инҷо оварда бошем?! Ҷое, ки арақ аз пешонии шумо бирезад, хунамонро мерезем. Обрӯ ва иззати шумо аз обрӯ ва шарафамон бароямoрн муҳимтар аст.

Вақт ба тундӣ пеш мегузашт, ки бародам Ҳусайн Форӯқ[1] бо Муҳаммад Форуқ бе муқаддима ба истироҳатгоҳи кормандон рафтанд ва шуруъ ба ҷустуҷӯ карданд, диданд, ки духтаре аз хешовандони хонуми ошпаз назди ӯст. Ҳамон лаҳза ошпаз ва духтари хамроҳашро гурезонданд. Аз ин дар он ду берун мерафтанд, ки аз дари пушт мошинҳои пулис дохил шуданд ва бо ин тавсиф духтаре пайдо нашуд. Ин ҳодиса дар замони ҳукумати генерал Аюбхон рух дод.

Ин мисоли зебои ҷавонмарде дар он рӯзҳои ноумедӣ партаве аз умед дар дил равшан месохт. Агар он афсари болорутба чоплӯс ва ё бевиҷдону замирфуруш мебуд, чӣ иттифоқе рух медод?! Дар ин миллат ҳануз афроди ҷавонмард, чун раиси шаҳрбонии "Ачараҳ" ҳастанд, ки обрӯ ва иззати мардум ҳамчун иззату обрӯй худ эҳтиром қоиланд. Агар ин пулиси ҷавонмард, кор ва ояндаву пешрафти худро ба хатар намеандохт ва қабл аз вақт ба падар иттилоъ намедод, Худо медонад, ки фардои он рӯз рӯзномаҳо чӣ ғавғое ба роҳ меандохтанд ва сафҳаи аввали рӯзномаҳои худро бо чӣ аксҳову ҷумлаҳои зиндае пур мекарданд!

Ин афсари пулис ба падар гуфта буд: Баъзе аз кормандони шахсии шумо ҳар рӯз гузориши комил аз он чӣ дар хонаи шумо мегузарад, ба пулис мерасонанд. Онҳо пули бисёртаре аз он чӣ шумо ба эшон медиҳед, аз пулис дарёфт мекунанд. Ба ёд дошта бошед, ки онҳо ҳамон кормандоне буданд, ки даъво доштанд, ҳозиранд хунашон рехта шавад, аммо обрӯй мо рехта нашавад! Падар бо вуҷуди ҳамаи ин ҳарфҳо касе аз он кормандонро ихроҷ накард ва мегуфт: Ҳар каси дигаре, ки ба ҷояшон биёяд, мисли инҳо ба пулис гузориш хоҳад дод.

Дар ин рӯзҳо мо мақтаи роҳнамоиро тамом карда ва ба дабиристон рафта будем. Ҳукумати низомии генерал Аюбхон дар авҷи қудрат ва нерӯяш буд ва таблиғоти баде бар зидди

[1]: Мутавафии 15 феврали соли 1965

падар ба шиддат ҷараён дошт ва рӯз ба рӯз бештар мешуд. Сарлавҳаи рӯзномаҳо пур аз ҷумлаҳое чун: "Мавлоно Мавдӯдӣ хоин", "Мавдӯдӣ мухолиф ба вуҷуд омадани Покистон буд", буд. Мо вақте поямонро дохили дабиристони духтаронаи Лоҳур мегузоштем, ҳатман аз як тарафе наърае бармеомад, ки: Мардудӣ! Мардудӣ! Як Мавдӯдӣ сад Яҳудӣ! Марг бар Мавдӯдӣ! ва ғайра. Бидуни шак ин шиъорҳо дили моро хун мекард ва вақте корд ба устухонамон расид ва назди падар шикоят мекардем, эшон танҳо бо ин байти шеър моро тасаллӣ медоданд:

Дар куй некномӣ моро гузар надоданд
Гар ту номеписандӣ, тағйир деҳ фазоро

Модар ҳам аз як тараф кушиш мекард моро дилдорӣ кунад ва ба мо бифаҳмонад, ки агар мехоҳед дарс бихонед бояд таҳаммул кунед ва бо ҳамин афрод ва канорашон бишинед ва илло бесавод мемонед. Аз худатон кӯҳҳои қавӣ сабру истиқомату бурдборӣ бисозед, ки туфонҳои ҳавлнок низ натавонанд онҳоро аз ҷояшон такон диҳанд. Зарфияти худро ҳамчун уқёнӯсҳо боло бибаред, ки рӯдҳои сарсомовар аз ҳар тараф ба онҳо мерезанд ва онҳо ҳамаро ҳазм карда бар конораҳо ва соҳилҳо туғён намекунанд. Шиъоратонро "ҷавоби дашноми бозор, хандаи дилозор" қарор диҳед!. Модар ба мо мефаҳмонид, ки набояд ҷавоби дашномро бо дашному ҳарфи тунду тез бидиҳем ва ҳамеша мегуфт: Як лаҳза сукут аз ҳазор ҷавоб болотар аст! Агар дар оби наҷасу фосид санг биандозӣ либосҳои худатро наҷас хоҳанд шуд! Пас ҷавоби касеро бо бадӣ набояд дод. Гар ту бо бад бад кунӣ пас тафовути шумо чист?!

Дар байн бародару хоҳарҳо танҳо ман ифтихори шогирдии падарро доштам. Дар роҳнамойи адабиёти форсӣ мехондам ва дар дабиристон модарам забони арабиро ба унвони дарси ихтиёрии ман интихоб кард. Чун тарҷумаи Қуръон хонда будам каму беш бо Арабӣ ошнойи доштам.

Дар соли аввал барои омодагии дарсҳоям, Арабиро бо падарам мехондам. Вақте падар пас аз сарфи наҳор, каме дароз мекашиданд, китобҳоямро ба даст мегирифтам ва болои сарашон менишастам. Эшон забони Арибӣ ва дастури забори Арабӣ -сарфу наҳв- ро ба ман омухт. Дарси биниши Исломиро низ ман бо падар хондам ва тарҷума ва тафсири сураи Аҳзобро аз эшон омӯхтам. Вақте падар барои сарфи хӯроки наҳор ё шом мерафт, варақҳоеро ки бар онҳо менавишт рӯйи мизаш мегузошт. Ман ҳам қабл аз рафтан ба мадраса саре ба дафтарашон мезадам ва варақҳоеро, ки тоза навишта буд сарсарӣ мехондам, то бидонам ӯ дар он рӯзҳо чӣ менависад, чун ҳофизаам хуб буд, гоҳе бо як ду бор хондани ҷумлаҳоро ҳифз мекардам. Касе аз ин барномаи ман хабар надошт. Як бор сари дастархони ғизо, кор ба ҷое расид, ки тавонистам аз мавқеъ истифода карда ва як параграфи комилро аз он чӣ аз навиштаҳои падар субҳи ҳамон рӯз ҳифз карда будам, бо услуб ва равиши худи ӯ такрор кунам. Падар аз шунидани ин ҳарфҳоям ҳайрон ба ман нигоҳ кард ва гуфт: "*Бале! ин насим аз куҷо ба шумо хурдааст?! Ин дақиқан ҳамон ҷумлаҳоест, ки ман дишаб навишта будам!"*

Ман боде ба гулу андохта гуфтам: Ҳар рӯз ба дафтари шумо меравам ва он чиро менависед мехонам, хуб медонам, ки ин рӯзҳо шумо менависед!!

Падар ҳайрону саргардон ва дар айни ҳол саршор аз меҳру утуфат ба ман нигоҳе кард ва гуфт: пас ин тавр! пас ин тавр! Ман хуб медонистам, ки бо вуҷуди ин, ки падар дар зоҳир худашро нороҳат ҷилва медод, дар дилаш бисёр хушҳол буд.

Чанд рӯз пеш аз ин ҳарфҳо модарбузӯрг ба падар гуфтанд: "*фикр мекунам дар болохона ҷин ҳаст*!" Падар дар ҷавоб гуфтанд: "*модарҷон шумо аз як ҷин ҳарф мезанед ва ман гумон мекунам дар ин хона нуҳ ҷин аст. Яке аз онҳо ҳатто когазҳои маро низ роҳат намегузорад ва дар гиёби ман варақҳоямро мехонад ва ҳифз мекунад ва бо камоли гурур ду бора бароям*

*такрор мекунад! Инҷо ҷинҳое дорад, ки чаҳор чашми худкори маро зери назар дорад ва мувозибанд, ки накунад иштибоҳе аз он сурат гирад*!".

Солҳо баъд аз ин воқеъа, вақте барои гузарондани таътилоти тобистона аз Ҷидда ба Покистон омада будам, модарам барои як ҷаласаи дарс, маро ба ҷои худаш фиристод. Ин аввалин дарсам дар Лоҳур буд. Рӯзи баъд аз онҷо ба модарам телефон карданд, ки духтаратон дарси хубе доданд. Гумон мекардем, ки эшон фавқуллисонси (магистер) адабиёти Англисист ва аз масоили динӣ ҳеҷ чиз намефаҳмад ва шумо ба хотири пур кардани ҷойи холии худатон ӯро фиристодаед, вале ҳамагӣ ангӯшти ҳайрат газидем ва аз дарсаш бисёр истифода кардем, мисли ин, ки дарси Қуръону ҳадист дар хонаводаи шумо ирсӣ аст! Вақте ин ҳарфҳо ба гӯши бобо расид, маро садо кард ва пурсид: Рости бигӯ! Он ҷо чӣ ба хурди мардум додаи, ки шифтаат шудаанд! Дар ҷавоб гуфтам: "Росташ ҳамон параграфҳоеро дар кӯдакӣ аз навиштаҳои шумо ҳифз карда будам, ҳамроҳи чанд ҳадису чанд шеър аз Аллома Иқбол, ки ҳифз дорам барояшон такрор кардам. Ҳар ҷо банд мемондам, ҳамон ҷумлаҳое, ки ҳифз карда будам, ба додам мерасид ва маро аз хиҷолат раҳо мекарданд. Ман аз параграфҳои шумо ҳам дар навиштаҳоям ва ҳам дар суханронихову дарсҳоям истифода мекунам".

Ман тунду бо шитоб гап мезадам ва падар сарашро бо ду дасташ гирифта ва ҳайрону парешон ба ман чашм дӯхта буд. Баъд хоҳарам Асмо ба ман гуфт: Танҳои туйи, ки бо падар ин гуна ҳарф мезанӣ!

Чун ман тафсири "**Тафҳимул-қуръон**"ро вақте, ки падар дар ҳоли навиштани он буд, хонда будам, ҳанӯз ҳар вакт ба он мурочиъа мекунам, эҳсоси аҷибе ба ман даст медиҳад ва аҳёнан рӯйи ҷумлае меистам ва эҳсос мекунам, ки падар то инҷоро навишта ва барои кори фаврӣ берун рафта ва лаҳазоте баъд хоҳад омад, то навиштанашро идома диҳад! Гӯё, ки ӯ ҳанӯз дар ин ҷаҳон аст!.

Аз хубиҳои падарам ин нукта дар зеҳнам аст, ки ӯ барои бачаҳояш ба ҳадде эҳтиром қоил буд, ки мардум барои падару модарашон. Дар ҳолатҳои маъмулӣ ӯ моро "азизам" садо мекард. Агар як каме нороҳат мекардем "духтарам ва писарам" ва агар бисёр асабонӣ мекардем ба "духтархонум ва оқописар" садоямон мезад. Ва ин таъбир барои мо мисли шаллоқ буданд ва ҳамеша саъй мекардем кор ба "духтархонум ва оқописар" гуфтан нарасад!.

**(12)**

Падарам, духтарам Робиъаро[1] бисёр дӯст медошт. Яке аз рӯзҳои соли 1970 буд, ки мо барои харид ба бозори "Аноркулӣ" мерафтем, гурӯҳе аз ҳаводорони "Ҳизби мардумӣ" роҳро баста буда ва тазоҳуроте ба роҳ андохта буданд ва шиъорҳояшон низ дашном ба падар буд. Бо дидани ин вазъ фавран ба хона баргаштем. Зуҳр сари дастархон, Робиъа -ки дуруст рӯ ба рӯйи падар нишаста буд ва ба сурати ӯ бо диққат нигоҳ мекард -бидуни муқаддима пурсид: Падарбузӯрг! Магар шумо Мавлоно Мавдӯдӣ нестед? Бобо гуфтанд:  Чаро духтарам! Ман Мавдӯдӣ ҳастам, чӣ шудаст? Ашк дар чашмони Робиъа ҳалқа зад ва буғз гулӯяшро гирифт ва бо нороҳотӣ идома дод: Падарбузӯргҷон! Дар бозори Анокулӣ мардум ба шумо дашном медоданд! Падар бо шунидани ин ҳарфи навосааш хурсанд шуд ва бо хандаву хушҳолӣ аз ӯ пурсид: Хуб азизи ҷон! Ту бо гӯшҳо худат шунидӣ? Ман бар сари Робиъа дод задам ва ӯро сокит кардам ва ба падар гуфтам: Бобо! Шумо аз дашномҳои мардум тавре хушҳол шудед, ки гуё тамоми дунёро ба шумо бахшидаанд! Падар бо шунидани ин ҳарфи ман ором ва боитминон гуфтанд: *"Бубин духтарам! Ман дар роҳи Худо танҳо дашном қабул кардаам, Паёмбарон ва бандагони солеҳу накукори Худо сангпаронии дигаронро ҳам мутаҳаммил шудаанд. Ин дашномҳо роҳи Худост ва роҳу равиши Паёмбарон ҳам будааст. Ин дашномҳоро ба ҳар касе намедиҳанд!"*.

Як бор оқое хонаи мо омада як худкори (ручка) нафис ва гаронқимати хориҷиро ба падарам доданд ва гуфтан: Ҳадия аст аз тарафи оқое дар Шуравӣ. Баъдан фаҳмидем, ки ӯ чанде пеш дар Тошканд буд ва яке аз масъулони олирутбаи

[1] : Мутавалиди Июни соли 1967 дар Лоҳур

кишваре ӯро канор кашида ва оҳиста ба ӯ гуфта: "Ман мусалмонам" ва он худкорро ба ӯ дода ва хоста буд, вақте ба Покистон бармегардад ба унвони ҳадя ба падарам бирасонад.

Дар соли 1968 Бҳуту (1979) донишомӯзон ва донишҷӯёнро аз синфхонаҳо берун овард ва ба роҳпаймой ва тазоҳурот ворид кард. Ҳамчунин коргарони корхонаҷотро низ аз корашон ба хиёбонҳо кашид, то барояш шиъор диҳанд. Падар аз ин кораш бисёр ранҷида шуд ва гуфт: "*донишомӯзону донишҷӯёнро ба хиёбон кашондан барои тазоҳуроту шиъор сардодан бисёр осон аст, вале фардо агар аз онон бихоҳӣ, ки дар синфҳояшон бинишинанд ва бо ихлосу садоқат касби илм кунанд, амри номумкин хоҳад буд. Бигзор ин ҳаюло дар самавори Алоуддин бимонад. Агар онро берун овардӣ дигар имкон надорад дубора битавонӣ контролаш кунӣ. Бисёр содда аст, ки коргаронро аз корхонаҷот ва марокизи санъатӣ берун бикашӣ ва ба хиёбонҳо биёварӣ, то бароят шиъор сар диҳанд, вале фардо агар аз онон бихоҳӣ, ки сари корашон баргарданд ва бо ихлос ва аз худгузаштагӣ, вазифаашонро анҷом диҳанд, ҳар гиз ба ҳарфат гӯш нахоҳанд дод!"*.

Падар аз ӯ хоҳиш кард, ки маҳз ба хотири ризои Худо миллатро бозичаи худ қарор мадеҳ, чаро ки бо ин ҳаракатҳои носанҷида гӯри санъат ва илму дониш канда хоҳад шуд. Вале ақли сардамдорон кӯчактар аз ин буд, ки ҳарфҳои падарро бифаҳманд ва шикасту ақибмондагии санъатӣ ва илмию пажӯҳишии имрӯзи мо гувоҳ бар он ҳарфҳову рӯзҳост.

Падар шахсияти ҳамагир ва ҳамаҷониба дошт. Агар каси дигар ҷойи ӯ мебуд, бо он ҳама фаъолият дилшикаста ва ҳамеша нороҳату ғамгин мешуд, аммо падар баръакс, инсони бисёр шоду хушҳол ва шахсияти бисёр ҷаззобу дилнишин буд. Дар ҳама мавридҳо ва ҷавониби зиндагиям падарро сармашқи худ қарор додаам ва муваффақиятҳоямро мадюни ӯ ҳастам. Мо дар хона шодиҳову ғамҳои падарро ба чашм дидаем. Се ҳодисаи ногувор, бисёр бар падарамон таъсир гузошт ва ӯро ба шиддат озӯрдахотир сохт:

1. Августи соли 1947 вақте духтарони бесарпарасту бесарпаноҳ мустақиман мушкилоташонро бо ӯ дар миён мегузоштанд ва аз балоҳое, ки бар сарашон омада буд, барояш сухан мегуфтанд ва ӯ бо чашми худ ранҷу бадбахтиҳои ононро дид.

2. 25 августи  вақте хабари эъдоми Сайд Қутб тавассути ҳокими мустабид ва ситамгари Миср, Ҷамол Абдулносир[1] ба гӯшаш расид.

3. Декабри соли 1971, вақте хабари суқути "Доко" –ҷудо шудани Бангладеш аз Покистон- ба мо расид.

Қалам аз баёни нороҳатии падар аз ин се маврид оҷиз аст. Фақат ин қадар метавонам ишора кунам, ки аввалин сактаи қалбии падар чанд рӯз баъд аз воқеъаи ахир буд. Ӯ мегуфт: *"Суқути Доко, шикасти як сарзамин нест, шикасти миллату суқути андеша ва бовар аст. Покистони шарқӣ ҳар гиз ҷудо намешуд. Сардамдорони Покистони гарбӣ ба ҳадде онро бо пойҳояшон лагад заданд то кам кам ҷудо шуд".*

Феврали соли 1974 конфронси сарони кишварҳои Исломӣ дар Лоҳур ташкил шуд. Подшоҳи Арабистои Саъудӣ, Файсал бин Абдулазиз ба таври хусусӣ ҷӯёи падар шуданд. Бҳуто маҷбур шуд, ки дар ҳамон лаҳазоти охир барои падар низ даъватнома бифиристад. Конфронс шурӯъ шуда буд ва тоза падар бар зинаҳои зали конфронс –ки дар парлумони Панҷоб буд- по ниҳода буд, ки иттилоъ ёфт қарор аст, Бҳуто дар муқобили Шайх Муҷибурраҳмон, кишвари Банглодешро ба расмият бишиносад. Падар бо шунидани ин ҳарф аз зинаҳо поён омад  ва дар ҳоле, ки ба тарафи хона бар мегашт, гуфт: *"Шиоста чун мане нест, ки дар конори Шайх Муҷибурраҳмоне бишинам, ки нақши муҳраии пустро барои тика тика шудани*

[1] : Ҷамол Абдулносир дар 15 июли соли 1918 дар Искандарияи Миср ба дунё омад. Дар соли 1952 ҳукумати Мисрро дар даст гирифт. Бо ба занҷир кашидан ва эъдоми Ихвонулмуслимин ва соири мусалмонон, номи шуме аз худ бар сафаҳоти таърихи муъосир нигошт ва дар 28 сентябри соли 1970 даргузашт.

*Покистон бозӣ кардааст. Чашмҳоям тоқати дидани дастҳоеро, ки барои ҷудойи Бангладеш баланд мешаванд, надоранд".*

**(13)**

Дар 7 июли соли 1972 падар тафсири "Тафҳимул-Қуръон" ро дар шаш ҷилд, комил кард. Ба ҳамин муносиб дар авохири моҳи июли ҳамон сол дар меҳмонхонаи "Флитиз"и Лоҳур ҷашне тартиб дода шуд. Аз ҷумлаи суханронони ин маҳфил, оқои А. К. Бруҳӣ (1987) буданд, ки гуфтанд: *"Тафҳимул-Қуръон"и ҷаноби Мавдӯдӣ ва мақолаҳову суханрониҳояш чашму гӯши садҳо ҳазор ҷавони ғарбзада ва шефтаи фарҳанги дурӯғини фарангро боз карда ва ҳисси ифтихор ба фарҳанги асили Исломиро дар онон зинда ва дар зиндагияшон инқилоби пурмояе барпо сохтааст"*. Эшон дар идомаи суханаш гуфтанд: *"Беҳтарин ва боарзиштарин сармояи ҳар инсон, ахлоқ ва сирату сулук ва равиши зиндагии ӯст. Муҳандису маъмори шахсияти ҳар инсон он касест, ки ахлоқу кирдори ӯро месозад, сирату равиши зиндагӣ ба ӯ меомӯзонад ва аз ӯ шахсияти ҷомеъасозу мояи фахри ҷомеъа тарбият мекунад ва ба гумони ман имрӯз бузӯргтарин ва муваффақтарин шахсияте, ки тавониста дар ин росто бузӯргтарин хидматро ба ҷомиъаи Покистон карда, ҷаноби Мавлоно Мавдӯдӣ аст. Агар ин суол матраҳ шавад, ки чӣ касе бештар аз ҳама дар ростои ахлоқу кирдори шахсияти як Покистонӣ бештар нақши мусбатро ифо карда, ҷавоби ман бо камоли ифтихору имон инаст, ки он шахс ҷуз Мавлоно Мавдӯдӣ каси дигаре нест. Агар рӯзи қиёмат низ Худованд аз ман дар ин бора бипурсад, рӯйи ҳарфҳои худ бо камоли исрору пофишорӣ ва имон шаҳодат ва гувоҳӣ хоҳам дод"*. Дигар суханронони ин ҷаласа низ аз хадамоти динӣ ва фаъолиятҳои Исломии падар қадрдонӣ карда ва ба маротиб эҳтироми худро иброз доштанд.

Вақте навбати суханронии падар расид, бо камоли тавозӯъ ва фурӯтанӣ гуфт: *"Агар ҳамаи ҷаҳон ва ҷаҳониён ибрози ризояту хушнӯдии худро аз коре эълон кунанд ва он кор назди Худованд*

*мардуд бошад, ҳеҷ арзише нахоҳад дошт. Саъодату муваффақияти воқеъӣ онаст, ки инсон битавонад ризояти Худованди якторо ба даст оварад, агар чӣ ҳамаи дунё заҳри хашмолуди норизоятии худро бар сари ӯ бирезанд! Ба даргоҳи Худованди мутаъол оҷизона дуо мекунам ва шумо низ бо ман ҳамдуо шавед, ки Худованди мутаъол ин кори ночизи маро мавриди қабулу ризояти хеш қарор диҳад ва агар ин китоб сабаби ҳидояти инсоне шуд, онро сабаб ва зариъаи омурзишу магфирати ман қарор диҳад".* Сипас идома дод: *"Ин бандаи ҳақири саропотақсир бо чанд сафҳа дар пешгоҳи Худованди мутаъол оҷизона истодаам ва эълон мекунам, ки ин тафсир барои равшан сохтан ва тафҳими ҳақу ҳақиқат нигошта шудааст ва зиндагиямро танҳо барои гувоҳӣ додан ба ҳаққ ва равшан сохтани он вақф кардаам ва ин танҳо Худост, ки бандогонашро дар ин росто тавфиқи кору фаъолият медиҳад ва ононро муваффақ месозад".*

Падар дар ростои тазкияи нафси худ ва шаҳодату гувоҳӣ додан дар роҳи ҳақ ва барпоии дини Худо дар рӯйи замин, ниҳоят саъйю талоши хешро ба амал овард.

Ӯ дар як вақт бо ҳама нерӯҳои куфру фасод як тана мубориза мекард ва бо истиқомати бедареғи худ сангарҳои туғёнро барҳам зад. Аз як сӯ саргарми қудратмандони зӯргӯ ва ҳукмронони ситамгар буд, ки тамоми қудрату тавони хешро вақфи дарҳам кӯбидани падар карда буданд. Ва аз дигар сӯ ҷабҳаи сармоядорони ҷоҳталаб буд, ки бо молу сарвати хеш чун садди оҳанӣ дар муқобили ӯ қад баланд карда буданд. Аз тарафи дигар комунистҳову социалисттҳо буданд, ки бо таблиғоти зиддиахлоқии хеш мехостанд ӯро дарҳам кӯбанд. Аз ҷониби дигар тоҷирони дин буданд, ки эҳсос мекарданд муваффақияти падар, гилеми раҳбарият ва динфурӯширо зери пояшон дархоҳанд овард. Ва аз як тараф ҳам Қодёниҳо буданд, ки дашномҳои бисёр ракик ва зананда ба майдон омада буданд ва сангари шашӯм аз он ховаршиносону (шарқшиносон) ҳамфикронашон буд, ки аҳодису суханони Паёмбар Акрамро (с) инкор мекарданд ва

дар ростойи поймол кардани Қуръон ва зери суол бурдани Паёмбари Худо (с) аз ҳеҷ чизе дареғ намекарданд. Ҷанге ба зоҳир сарду хомӯш буд, ки оташи ҳилаву найранги он аз ҳар сӯ шӯъла мекашид ва ин бузӯргмард бо тамоми нотавоноиҳои ҷисмонӣ ва бемориҳи пай дар пай синаи худро ҳадафи тирҳои хашмолӯд ва заҳрогини душманон сохта буд ва як тана чун садди фулодин бо онон ба муқобила бармехост. Шахсияти ҳамагир ва бемонанд дошт. Олиму донишаманди волои Исломӣ, пажӯҳишгар ва муфассири Қуръони карим, муфаккиру андешманд, муарриху таърихшинос, даъватгару мубаллиғ, адибу нависанда ва рӯзноманигор ва дар айни ҳол сиёсатмадори дкрнигар ва фаҳмида буд.

Дар соли 1977 Ҳизби мардумӣ, ки дар раъси қудрат буд, дар интихобот тақаллуб кард. Ҳамаи аҳзоб ва гурӯҳҳои дигар бо ҳам мутаҳҳид шуданд ва аз моҳи март то июл барои барканории давлати Бҳуто даст ба эътисоби умумӣ заданд. Падар дар 2 апрел роҳи ҳалли муносиб ба оқои Бҳуто –раиси ҷумҳур- пешниҳод карданд, мабнӣ бар ин ки ин интихоботро лағв эълон кунад ва ҳама барои интихоботи дигар дубора омода шаванд, вале Бҳуто, ки гумон мекард ҳукуматаш бисёр нерӯмандтар аз ин ҳарфҳост, қабул накард ва бо чубу асо ва тиру туфанг ба ҷони мардум афтод. Ниҳоятан кор ба ҷое расид, ки нимаҳои моҳи апрел, худаш барои мулоқоти падар ба хонаи мо дар "Ачараҳ" омад. Мардум дар кӯчаву бозор ҷамъ шуда буданд ва аз ҳар тараф бар зидди ӯ шиъор медоданд. Падар аз мардум хоҳиш кард, ки ором шаванд ва ба онон гуфт: "*Ҳозир ҷаноби оқои Бҳуто меҳмони ман аст ва ҳурмату эҳтироми меҳмонро бояд муроъот кунем, хоҳиш мекунам даст аз ин шиъорҳо бардоред*".

Дар ин дидор Бҳуто ба падарамон гуфт: "Ба шумо эътимоди хосе дорам, ҳозирам рӯйи як варақи сафед барои шумо имзо кунам, ҳар шарте, ки шумо мехоҳед бинависед, пешопеш бо он мувофиқам. Падар ҳам ба эшон гуфтанд: "*Истеъфоятонро бинависед. Шумо аз маҳдудаи ихтиёротатон*

*бисёр фаротар рафтаед ва мардум ҳаргиз ба камтар аз истеъфо розӣ намешаванд. Агар аз роҳи интихоботи дуруст дубора интихоб шудед, метавонед сари коратон баргардед, аммо дар ҳоли ҳозир ҷуз ин ҳеҷ ҳалли дигаре нест*".

Дар ин дидори 25 дақиқай оқои Бҳуто саъй мекард якрез ҳарф бизанад. Мегуфт: бубинед ҷаноби Мавлоно! Ҳолу рӯзи дунё бисёр дигаргун аст, худатон, ки иттилоъ доред Афғонистон дар чӣ холест, Ҳинд ҳам аз ҳама бадтар, дар Балучистон ҳам аз амният хабаре нест, вазъу ҳоли Ирон ҳам бисёр хароб аст. Бо вуҷуди ин авзоъи дигаргун миллат ба ман ниёзи мубрам доранд ! баъд аз ин ҳарфҳо боз бармегашт рӯй суолаш: Хуб ҷаноби Мавлоно! Бо ин авзоъ шумо бифармоед банда чӣ кор кунам?! Ҷавоби падарам ин буд: *"Ҳамаи ин авзоъи нобасомон тақозо мекунад, ки шумо итеъфо диҳед ва дубора дар интихоботи дурусту солим ва шаффоф ширкат кунед, агар тавонистед бори дигар эътимоди миллатро ҷалб кунед ва ду бора раъй биёваред, аз нав бар курсиатон такя хоҳед зад ва ба ин сурат давлати шумо мустаҳкамтар мешавад ва дар назари дунё расмият пайдо мекунад ва дар ҳақиқат ҳам маслиҳати миллату кишвар низ дар ҳамин аст ва ин танҳо роҳи дурусти муқобила бо авзоъи дохилӣ ва хориҷӣ аст".* Вале Бҳуто, ки ҳозир набуд ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин нуқта фикр кунад, дубора шуруъ кард аз хидматҳое, ки ба миллат арза дошта сухан гуфтан, ки ман чунину чунон кардам ва дар муқобили ҳамаи ин ҳарфҳояш падар гуфтанд: *"Касе наметавонад хидмати шуморо инкор кунад, аммо кори иштибоҳро низ намешавад бо гӯшзадкардан ба хидматҳои шумо мудово (табобат) кард. Ман намехоҳам, ки миллат дучори шикасти бузӯрге шавад, барои ҳамин ман қабул кардам бо шумо бишинам, то ин нуқтаро бароятон равшан кунам ва аз ин ҳарос дорам, ки ин мардуме, ки имрӯз дар кӯчаву хиёбонҳо хостори истеъфои шумо ҳастанд, фардо мутолибаашон болотар равад ва агар буҳрон ба ҳамин шакл пеш равад, метарсам, ки ҳукумати низотӣ барпо шавад ва артиш ба таври мустақим дахолат кунад. Ҳукумати низомӣ, ки худатон медонед, қадами*

*аввал дигаргунӣ ва вайронӣ аст".* Соатҳое баъд аз ин дидор падар дар як конфронси хабарӣ ширкат кард ва ҳамаи он чӣ байни ӯ ва раиси ҷумҳур раду бадал шуда буд, ба иттилоъи умум расонд. Танҳо як ҳафта баъд оқои Бҳуто худаш дар шаҳрҳои бузӯрги Карочӣ, Лоҳур ва Ҳайдаробод ҳукумати низомӣ барпо кард ва бадин сурат нодониста роҳро барои дахолати артиш ҳамвор кард.

Падар дар дидорҳояшон бо афроди бузӯргу саршинос бисёр одди рафтор мекарданд ва ҳеҷ тарсу ҳаросе аз онон надоштанд ва ҳамеша ба мо насиҳат мекард, ки бояд ҳар касро бо чашми як инсон нигоҳ кард ва набояд бо таваҷҷуҳ ба либоси шахс, ё хонаву мошин, ё рутбаву шуғлаш ӯро бузӯрг ё кӯчак пиндошт. Ин хонаҳои бузӯргу қасрҳои сар ба фалак кашида бештар ба қабристон шабоҳат доранд ва ҳеҷ интизоре надошта бошед, ки ҳамаи касоне, ки дар хонаҳои бузӯрг зиндагӣ мекунанд, кирдору рафторашон низ бузӯргманишона ва бо эҳтиром бошад.

Як бор подшоҳи Арабистони Саъудӣ, Файсал бин Абдулазиз бо камоли эҳтиром ба падар пешниҳод карданд, ки шумо ҳамроҳи ман ташриф биёваред ва ба унвони мушовири ҳамеша дар канори ман бошед ва шаҳрвандии Арабистонро қабул фармоед. Падар дар ҷавоб фармуд: *"Ман бо ҳиссу рӯҳи диниям ва бо миллияти Покистониям ҳамин ҷо дар Лоҳур мешинам ва дар роҳрнамой ва мушовараи шумо ҳеҷ кӯтоҳӣ ҳам намекунам. Ҳар вақт лозим донистед метавонед аз тариқи сафорататон ва ё ба таври мустақим бо ман машварат кунед ва банда ҳам –иншоаллоҳ- бо камоли садоқат он чиро дуруст мепиндорам ба шумо арза мекунам, вале агар миллияти шуморо қабул кунам ва ҳуқуқбигири шумо шавам, шояд натавонам бо садоқату дурустӣ он чиро салоҳ мебинам ба шумо бигӯям, зеро хотири шоҳон тоби сухан надорад!.*

Як шаб подшоҳи Урдун, Шоҳ Ҳусайн бин Таллол (2000) ба падар телефон карданд. Вақте пурсидем ба шума чӣ гуфтанд? Падар бо камоли бенаёзӣ ва истиғно ҷавоб дод: *"Ин афрод*

*шоистагии онро надоранд, ки зиёд ба онон эҳтимом диҳем. Ин тавр одамон модоме, ки манфиъаташон дар амну амон аст, суханҳои бисёр дилчаспу ширине мезананд, ҳамин, ки манфиъати худ ё фарзандонашон каме зери суол рафт ва андаке эҳсоси хатар карданд, мисли кафи собун фурӯ менишинанд ва ғайбашон мезанад*". Лаҳзаҳои баъд падар идома доданд: *"Инсон воқеъӣ ва боарзиш он шахсест, ки бо дини Худо вафодор бимонад ва дар роҳи Худо аз ҳеҷ чизе дареғ накунанд. Танҳо ононе, ки дар рӯ иштибоҳоту айбҳоятро гӯшзад мекунанд ва пушти сар аз ту дифоъ мекунанд, шоистагии эҳтиромм доранд"*.

Вақте дар донишсарои тарбияти муалллими духтаронаи Риёз, пойтахти Арабистон тадрис мекардам, яке аз ҳамкорони Саъудӣ маро таҳқир кард ва ба сарам фарёд зад, ки ман Арабистониям ва ба ҳеҷ бегонае иҷоза намедиҳам рӯйи сухани ман сухане бигӯяд!.

Ман ки бисёр нороҳат шуда будам, дар зали истироҳати устодон ба ӯ гуфтам: *"Ҳамин подшоҳи шумо, Файсал, шахсан ба падарам пешниҳод кард, ки ҷинсияти Арабистони Саъудиро қабул кунад ва ба унвони мушовири аввал дар канораш бошад, вале падар қабул накард. Ин вазоратҳову риёсатҳо ва вазоифу рутбаҳое, ки мардум дунболашон медаванд зери пойҳои падар афтода буданд ва ҳозир набуд даст дароз кунад ва онҳоро аз рӯйи замин бардорад!"*. Барои он хонуми Арабистонӣ тавзеҳ додам, ки ман духтари чунин шахсияте ҳастам, ки ба постҳову раёсатҳо ва вазоратҳо ҳеҷ алоқае надошт ва ҳамаи ин ризқу барқҳо ва ному расмҳо дар чашмаш ҳеҷу пуч буд.

Духтари дуввумин муршиди "Ихвонул-муслимин", устод Ҳасани Ҳузайбӣ[1], ки раиси донишкадаи гиёҳшиносӣ

[1] : Дар қаряи "Арабу-саволиҳа" тобеъи "Шабинул-кум"и Миср ба дунё омад. Дар октябри соли 1951 пас аз шаҳодати устод Ҳасанул-банно ба унвони муршиди оми Ихвонул-муслимини ҷаҳон интихоб шуд. Дар даҳаҳои панҷоҳу шаст борҳо ба зиндон рафт ва то соли 1393 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба соли 1973 милодӣ, ки Худованд ӯро ба назди худ хонд, дар меҳроби Ихвонул-муслимин мардумро ба ибодати Худо даъват кард. Баъд аз вафоташ Умар Талмасонӣ ба унвони раҳбари Ихвонул-муслимин баргузида шуд.

(ботаника) буд, баъд аз ин ҷаласа пеши ман омад ва гуфт: "*Воқеъан ту духтари инсони бисёр бузӯрг ва шоистае ҳастӣ".* Сипас ба ман гуфт: "*Ҳарати Алӣ (р) мефармояд: "ҳақиқакати дунё чунин аст, ки агар тӯ онро бо қадамат бизанӣ ва аз худ биронӣ, он вақт зери пойҳоят меафтад".* Баъд аз ин тамоми муддате, ки дар Арабистон сипарӣ кардам, касе ҷуръат накард ба ман таънаи бегона будан ё ғайри Саъудӣ будан бизанад!.

Падарам ба марҳум, Шоҳ Файсал, роҳнамойи ва машвараи муҳиме дода буд ва ба гумони ман агар Шоҳ Файсал ҳарфи ӯро гӯш мекард ва ба он ҷомаи амал мепӯшонид, имрӯз вазъи ҷаҳони Ислом комилан шакли дигаре мебуд. Ӯ дар як дидори хусусӣ ба Шоҳ Файсал гуфта буд: *"Ҳамон тавре, ки Амрико бо истифода аз "дулор" мағзҳои ҷаҳонро харида ва кишвари навпо, ки танҳо панҷ қарн умр бештар надорад, кишвари бисёр пешрафта ва абарқудрати нерӯманд сохта, шумо низ, ки на аз назари "Риёл" мушкилӣ доред, на аз назари вусъати кишвар, метавонед мағзҳои мутаффакир ва донишманди ҷаҳони исломро дар кишвари худ ҷамъ кунед, албатта машрут ба ин, ки ба ин пизишкону донишмандон ва андешамандони улуми иҷтиоъӣ ва иқтисоддонону пажӯҳишгарон, ҷинсияти Саъудӣ ҳамроҳ бо тамоми ҳуқуқи як шаҳрванди Арабистони Саъудӣ бидиҳед, он вақт хоҳед дид, ки дар камтарин замон кишвари шумо аз назари илмӣ ва санъатию иқтисодӣ ва иҷтимоъию дифоъӣ ва донишу технолоҷӣ, чӣ гуна пешрафт хоҳад кард ва ин пешрафт на танҳо тавсеъа ва пешрафте барои Арабистони Саъудӣ ба шумор хоҳад омад, нишонаи пешрафту тавсиъаи ҷаҳони Ислом низ хоҳад шуд.*

Шоҳ Файсал дар ҷавоб гуфтанд: *"Агар ман бо "риёл" донишмандону муфаккирони ҷаҳони Исломро дар Арабистон ҷамъ кунам ва бо онон ҷинсияти Саъудӣ ҳамроҳ бо ҳуқуқи шаҳрванди Саъудӣ бидиҳем, миллати чодарнишину саҳройи ман дубора гӯсфандонашонро ҷамъ карда, бар шутуронашон савор шуда*

*ва ба хаймаҳояшон дар саҳроҳои бе обу алаф бар мегарданд ва он қадар ба қалби саҳро мераванд, ки ҳеҷ асаре аз онон нахоҳад монд".*

Сад афсӯс, ки қабл аз марҳум Шоҳ Файсал, сарони кишварҳои Халиҷ аз ӯ дӯрандештар набуданд ва саъй накарданд аз нуки бинияшон қадаме пештар бубинанд ва натиҷаи он ин шуда, ки сарвати ҳангуфти нефт барои хариди мошинҳои гаронқимат ва қасрҳои зебо харҷ мешавад ва ё дар бонкҳои аврупойи ғарқ мешавад ва вазифаи дифоъ аз кишвар ба Амрико супурда шуда ва иқтисоди кишвар дар дасти мутахасисону муҳандисони аврупои аст. Саҳронишинон савор бар мошинҳои гаронқимат дар гегзорҳои Арабистон гоз медиҳанд, дар ҳоле, ки уламои муҷоҳиде дар ин кишвар дар гумномӣ ва маҷҳурии рӯзгор мегузаронданд. Ҳамаи инҳо ба ин хотир аст, ки сардамдорони кӯтоҳфикр ва тангназари ҷаҳони Ислом ҷуз худ, каси дигарро намебинанд ва ҷуз ба масолиҳу манофеъ ояндаи худ, ба ҳеҷ чизи дигаре намеандешанд.

Падар хеле вақтҳо мегуфтанд: *"То уммати ислом ба он сифоти волои ёрони Паёмбари Акрам (с), ки Қуръон бо чашми бузӯрг бадон ишора карда ва Таврот онҳоро рамзи ҳаққонияти дин баршумурда, ороста нашаванд, ҳар гиз ба пирӯзӣ нахоҳанд расид, он сифоте, ки дар сураи Фатҳ ин гуна баршумурда шудааст;*

﴿مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِمْ مِنْ أَثَرِ السُّجُودِ ذَلِكَ مَثَلُهُمْ فِي التَّوْرَاةِ﴾[1].

*"Муҳаммад фиристодаи Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд дар баробари кофирон тунду сарсахт ва нисбати якдигар меҳрубону дилсӯзанд. Эшонро дар ҳоли рукӯъ ва суҷӯд мебинӣ. Онон ҳамвора фазли Худоро меҷӯянд ва ризои ӯро металабанд. Нишонаи эшон бар асари саҷдаҳ дар пешониҳояшон намоён аст, ин тавсифи онон дар Таврот аст...".*

Имрӯза тақрибан ҳамаи сардамдорони кишварҳои Исломӣ чун бо сардамдорони ҷаҳони куфр менишинанд,

[1]: Сураи Фатҳ 29

суратҳояшон аз хушӣ гул меандозад ва бо ифтихор давру бари онон мечарханд ва вақте бо мусалмонон дидор мекунанд, чеҳраҳояшон дарҳам фурӯ меравад ва бо диди ҳақорат ба онон менигаранд! Падар дар як ҷо навишта аст:

*"Дини Худо ва шариъау асосномаи осмонӣ, Қуръон, барои шермардону далерон омада аст, барои касоне, ки мехоҳанд бо шуҷоъат масири туфонҳои ҳавлнокро иваз кунанд, ононе, ки мехоҳанд ҳамаи ҷаҳонро ранги Худой диҳанд. Мусалмон офарида нашуда, ки масири оби уқёнусҳо ҳаракат кунад, балки ҳадаф аз офариниши ӯ ин будааст, ки зиндагиашро дар ростой тағйири мавҷҳои хурӯшони дарё ба тарафе, ки дину эътиқод ва андешааш ӯро ҳидоят карда, вақф кунад, бадон сӯе, ки "**роҳи рост**" ном дорад!".*

Дар яке аз сафарҳоям ба Лоҳур бо падар дарди дил мекардам, ки китобҳои дарсии омӯзиши Англисӣ дар Арабистони Саъудӣ, бисёр беҳуда ва бефоида аст ва муаллимҳои Покистонӣ ва Мисрӣ онро дусад чандон бадтар мекунанд. Падара барои ман вазифаи як устоди намуна ва боимонро баён карда гуфтанд: *"Як барномаи дарсӣ онаст, ки дар китобҳо навиштаанд ва як барномаи дигар онест, ки дар зеҳни муаллим аст ва муҳимтарин барномаи дарсӣ дар воқеъ он чизест, ки дар зеҳн ва барномаи устод аст, на он сатрҳои хомӯше, ки бар китобҳо нақш баста аст. Як устоди бо имон ва бо фаҳму шуъур ва ҳадаф метавонад аз рӯйи "Таврот" ба донишомӯзон "Қуръон" биёмузонад".* Сипас идома дод: *"Дар шароити изтирорӣ ва иҷборӣ агар бадтарин китобҳои дарсӣ ба сурати муназзам ва барномарезишуда ва дуруст тадрис шаванд, боиси рушду пешрафт ва ислоҳи донишомӯзон хоҳанд шуд".*

**(14)**

Дар соли 1978, ки барои гузаронидаи таътилоти тобистонии худ аз Ҷидда ба Лоҳур омада будам, иттифоқи аҷибе рух дод. Як рӯз баъд аз намози мағриб ду афсари ҳавонавардии артиши Покистон аз шаҳристони "Саруда" барои мулоқоти падар омаданд ва ӯ, ки дар дафтараш машғули кор буд, ононро ба онҷо даъват кард.

Яке аз он ду, ки бисёр афсурда ва нигарон ба назар мерасид, шурӯъ ба ҳарф задан кард: "Мавлоно! Як хоби бисёр баде дидаам ва аз рӯзе, ки ин хобро дидаам бисёр нигарону парешонам, иштиҳоям кур шуда, хоб ба чашмҳоям намеояд, дилам ба ҳеҷ коре намеояд ва ба шиддати авзоъ ба ҳам рехтааст. Дар хоб дидам, ки ба Мадинаи Мунаввара рафта будам. Шаҳри Мадина зери бомбабородни шадиде комилан вайрон шуда буд. Ҳеҷ хиште рӯйи хиште намонда буд. На аз Масҷиди Паёмбар (с) хабаре буд ва на аз қабри мутаҳҳарашон ва на аз сохтмонҳо ва хонаҳои мардум. Вақте ба ҷое, ки Паёмбар (с) буд, рафтам дидам, ки эшон беруни қабри тахрибшуда машғули намоз хондан ҳастанд. Аз ҷойи наздике садои инсонҳое меомад, ки бо ҳам ҳарф мезаданд. Ба тарафи садо нигоҳ кардам, дидам, ки зинаест, ки ба тарафи зери замине меравад. Фавран аз зинаҳо ба зери замин рафтам. Васати зинаҳо будам, ки мутаваҷҷеҳ шудам шаш ҳафт Яҳудӣ мағрӯр бо либосҳои аҳли минтақа, ҳар яке корди бузӯрге дар даст гирифта ва лошаҳои инсонҳоро қитъа қитъа карда ва мисли тепа рӯйи ҳам чиндаанд ва рӯйи деворҳо ҳам ҳазорон ҷасади инсон овезон аст. Аз дидани ин манзараи ваҳшатнок қабл аз ин, ки онон мутаваҷҷеҳ мешаванд ва маро ҳам тика тика кунанд, фавран ба берун фирор кардам. Вақте ба берун расидам, дидам, ки Паёмбари Акрам (с) тоза даранд аз намозашон фориғ мешаванд. Вақте салом карданд ва

намозашон тамом шуд, ба тарафи ман нигоҳ карданд ва фармуданд: *"Зиёд худатро нигарон накун, ин гӯштҳои фурушӣ нест! ва ин хунҳо зоеъ намешаванд!"*. Ин ҷо буд, ки чашмҳоям боз шуд ва аз хоб паридам. Мавлоно! Аз рӯзе, ки ин хобро дидам рӯз ба рӯз парешонӣ ва нигорониям афзун мешавад, шумо лутф кунед ва бифармоед, ки таъбиру тафсири ин хоби ман чист?!".

Гар чӣ падар бо дунёи хобу хаёл зиёд робитае надошт ва аз тарафдорони пайравӣ аз таъбиру тафсири хобҳо ҳам набуд ва ҳамеша ба пайравӣ аз воқеъиятҳои ҷаҳон ва усулу пояҳои мантиқии имон даъват мекард, то бар асоси он мардум хати машй зиндагии худро тартиб диҳанд, бо ин вуҷуд аз шунидани ин хоб бисёр таъаҷҷуб кард, ки чӣ тавр ин ҷавони оммӣ ин чунин хобе, ки насиби бузӯргону авлиё ҳам намешавад, дидааст.

Ӯбадин натиҷа расид, ки ин хобе, ки ҳеҷ саҷҷоданишин ё фақеҳу маслиҳатандеш ва ё соҳиби ҷелаку аммомае нишон дода нашуда ва ба ин муҷоҳиди ҷавоне, ки бо ситораҳои осмон бозӣ мекунад, нишон дода шуда, сирре нуҳуфтааст ва он ин аст, ки раҳбариятиояндаи мусалмонон ба дасти ин ҷавоне, ки роҳу расмӣ Ҳайдарӣ ихтиёр кардааст, хоҳад буд, на ба дасти саҷҷоданишинону суфиёни хонақоҳое, ки сурохҳои торик харидаанд. Ин ҷавононанд, ки Уммати Исломро аз сиёҳчолҳои нестӣ наҷот медиҳанд ва инҳоянд, ки масъулияти дифоъ аз хонаи Худо ва масҷиди Расули Акрам (с)ро ба ӯҳда хоҳанд гирифт.

Падар барои он ду ҷавони нерӯйи ҳавой, сухани Паёмбари Акрам (с), ки ёри мухлис ва бовафои ӯ Абӯҳурайра (р) ривоят кардаанд ёдовар шуд: "*Бо шуруъи ҷангҳои охири замон Худованд гурӯҳе аз ғайри Арабро бармеангезад, ки дар шуҷоъату далерӣ ва аспсаворӣ аз Арабҳо пештар дар нерӯ ва*

*аслиҳа ҳам пештаранд, Худованд ба дасти онон динашро нусрат медиҳад"*[1].

Сипас гуфтанд: *"Ин хоб ба ҳадиси дигаре, ки ҳазрати Абдуллоҳ бин Амр (р) (692 милодӣ) ривоят кардаанд, низ ишорае мекунад: "Дар рӯзи қиёмат афроде меоянд, ки чун парандагон, тезпарвоз ва чун дарандагон, золиму ситамгоранд"*.

Мо имрӯз мафҳуми ин ҳадисро ба таври возеҳу равшан мефаҳмем, ки манзӯр ҳамон халабононе ҳастанд, ки савор бар Ҷитҳои ҷангии худ аз кишварҳояшон ба парвоз даромада ва дар як чашм ба ҳам задан, ба кишвари душмани худ расида ва бо бераҳмӣ, кӯдакону занон ва бузӯргсолон ва ҳамаи халқи Худоро ба куштан дода ва ба кишварашон бармегарданд. Аз дасти онон на ҷону моли мардум дар амон аст ва на иззату обрӯяшон! ва ба ҳадисе низ ишора дорад, ки Паёмбар Акрам (с) хитоб ба ҳазрати Абӯзари Ғаффорӣ (652 милодӣ) фармуданд: "*Эй Абӯзар! Дар чӣ ҳоле хоҳӣ буд рӯзе, ки хушксолӣ ва гуруснагӣ Мадинаро дар бар бигирад ва ту аз шиддати гуруснагӣ натавонӣ аз хонаат ба масҷид биёӣ! ва дар чӣ холе хоҳӣ буд рӯзе, ки қатлу горат Мадинаро дар бар гирад, то ҷое, ки минтақаи "Аҳҷору-зайт" зери хун биравад?"*[2].

---

[1] : "إذا وقعت الملاحم بعث الله بعثا من الموالي هم اكرم العرب فرسانا وأجود سلاحا، يؤيد الله بهم الدين"

[2] : Абӯзари Ғаффорӣ (р) мефармояд: Рӯзи пушти сари Паёмбари Акрам (с) бар гӯшдарозе савор будам, вақте аз хонаҳои Мадина дӯр шудем, он Ҳазрат фармуданд: "Эй Абӯзар" чӣ ҳоле ба ту даст хоҳад дод, агар қаҳтсолӣ ва гурӯснагӣ Мадинаро фаро гирад, то ҷое, ки аз шиддати гурӯснагӣ натавонӣ худатро аз хонаат ба масҷид бирасонӣ?!". Гуфтам: Худо ва Расулаш донотаранд! Фармуд: "Парҳезгорӣ пеша кун". Сипас фармуданд: "Дар чӣ ҳоле хоҳӣ буд агар маргу мир дар Мадина зиёд шавад ва қимати хона бо қимати барда баробар шавад ва қабрро ба қимати барда бифӯрушанд?". Гуфтам: Худо ва Расулаш огоҳтаранд! Фармуданд: "Сабр пеша кун". Сипас фармуданд: "Дар чӣ ҳоле хоҳӣ буд агар кушту куштор Мадинаро дарбар гирад, то ҷое ки минтақаи Аҳҷору-зайт зери хун фуру равад? Гуфтам: Худо ва Расулаш донотаранд. Фармуданд: "Пеши хешонат меравӣ". Гуфтам: ва силоҳамро дарбар мегирам! Фармуданд: "Пас ту бо онон шарик хоҳӣ шуд! Гуфтам: Эй Расули Худо! Пас чӣ кор бояд бикунам? Фармуданд: "Агар тарсидӣ, ки барқу шамшер туро барангезонанд, гӯшае аз либосатро бар чашмонат бигзор, то=

Ҳамчунин ҳадиси "Даҷҷол"ро барояшон таърифкарда ва гуфтанд: Хоби шумо ба ин нуқта низ ишора мекунад, ки дар ҷангҳоиояндаи салиб ва ҳалол –мусалмонону кофирон-нерӯйи ҳавой нақши бисёр умдае хоҳад дошт. Барои ҳамин низ Худованд ин хобро ба як халабони нерӯйи ҳавои нишон додааст. Ҳоло вақти он расидааст, ки дар фурӯдгоҳҳоятон садои азонро баланд кунед, ҳоло нидое масъулият шуморо садо мезанад, ки вазифаи дифоъ аз Уммати Исломӣ ва хонаи Худо ва масҷиди Расули Худо бар гардани шумост. Дар ҳадиси дигар аз Паёмбар (с) омада аст, ки "*Баъд аз фуруд омадани Исо (а) аз осмон аз манотиқи ғайри Араб нерӯҳое ба ӯ мепайванданд, ки дар ҷангҷӯйи ва далерию шуҷоъат ва дар нерӯ ва силоҳ аз Арабҳо беҳтаранд*". Хуб ба ёд дошта бошед, ки муҳимтарин вазифаи шумо имрӯз вафо ба аҳду мисоқатон бо Худоятон ва Расули Акрам (с) аст, пас аз он масъулияти дифоъ аз Хонаи Худо ва Масҷиди Расули Худо (с) ва дар дараҷаи саввум, дифоъ аз ватани худ. Ҳоло барои адойи дурусти масъулияти хеш дар қиболи ҳамаи ин аҳдҳо ва мисоқҳо ба ресмони Илоҳӣ чанг занед ва бо Қуръон робитаи қавӣ барпо доред ва аз Худованди мутаъол дар хости нерӯ ва кӯмаку муваффақият кунед.

Он ду ҷавон бо шунидани ин таъбиру тафсири падар ором гирифта ва парешониашон бартараф шуд ва хостанд бираванд, ки падар бо вуҷуди ҳама беморихо ва нороҳатиҳои ҷисмонӣ аз ҷой бархост ва бо онҳо худоҳофизӣ кард ва бисёр исрор дошт, ки то дари утоқ ононро гусел кунад ва ба онон гуфт: ″*Чун дар хоб мушарраф ба дидори Паёмбари Акрам (с)ро шудаед, шоистагии ҳар гуна эҳтиромро доред ва ҳоло шумо парешониҳову нороҳатиҳоро ба ман мунтақил сохта ва худ бо хаёли роҳат меравед ва Худо медонад, ки то кай ман парешону нигарон хоҳам монд?!*".

---

=гуноҳи ту низ бар гарданаш гардад!". (Ривояти Абӯдовуд. Нигоҳ: Мишкот ҷ. 2, китоби Фитан, сафҳаи 463, чопи Покистон).

Он рӯз вақте падарам барои тановули наҳор ба хона омад, бар хилофи ҳамеша бисёр рангпарида ва нигарон ба назар мерасид. Эшон баъд аз ин, ки он хобу ҳарфҳои худашонро ба мо нақл карданд, мо низ бисёр ваҳшатзада ва нигарон шудем ва дар зеҳни ман ин байтҳои зебои Аллома Иқбол тоза шуд:

Чунон худро нигаҳ дорӣ ки бо ин бениёзиҳо
Шаҳодат бар вуҷуди худ зи хуни дӯстон хоҳӣ
Мақоми бандагӣ дигар, мақоми ошиқи дигар
Зи нурӣ саҷда мехоҳи зи хокӣ беш аз он хоҳӣ[1]

Дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки он саҳнае, ки "Масеҳи даҷҷол" дар он зоҳир мешавад ва ҳазрати Исо (а) аз осмон фурӯд меояд, наздик шудааст. Ҳамон тавре, ки Расули Акрам (с) дар яке аз хутбаҳояшон фармуданд: "*Аз он рӯзе, ки Худованд ҷаҳонро офарид ва фарзандони Одамро халқ кард, дар рӯйи замин ҳеҷ фитна ва имтиҳон аз фитна ва фасоди Даҷҷол бузӯргтар нахоҳад буд. Ӯ аз минтақае байни Шом ва Ироқ берун меояд ва бо суръати сарсомовар ба даври дунё мечархад ва дар ҳар тарафе фасод барпо мекунад. Ба чапу рост ва ба ҳама ҷо сар мекашад, пас эй бандагони Худо! Собитқадам бошед ва истиқомат кунед. Бидонед, ки аз ҷумлаи имтиҳонҳои ӯ инаст, ки биҳишту дӯзах дар ихтиёр дорад. Дар ҳақиқат биҳишти ӯ ҷаҳаннам ва ҷаҳаннами ӯ биҳишт аст. Агар барои касе аз шумо ин фурсат муҳаё шуд, ки Даҷҷол ӯро ба ҷаҳаннами худ биандозад, ӯ даҳ ояти аввали сураи муборакаи Каҳфро бихонад ва аз Худованд дархости кӯмак кунад, он гоҳ аст, ки оташи Даҷҷол барои ӯ сарду гуворо хоҳад шуд ва ӯ чун ҳазрати Иброҳим (а) аз он оташ солиму тандуруст берун хоҳад омад*"[2].

Вақте ёдоштҳоямро аз падар мурур мекардам, таъбири он хоб бароям возеҳу равшантар шуд. Ин рӯзҳое, ки мо дар он ба сар мебарем, дар воқеъ таъбирест аз он хоб. Кобулу Қандаҳор

---

[1] : Худ: Хитоб ба Парвардигор аст. Шаҳодат: гувоҳӣ додан. Зи нӯре: аз Фариштагон. Зи хоке: аз инсонҳо

[2] : Мишкот 2/73

табоҳу барбод шуданд, Бағдоду Басра зери оташи душман хокистар шудаанд, хун Фаластин ва Кашмирро рангин кардааст, зулму ситами зиндонҳои Гвантанама ва Абуғурайб чеҳраи инсониятро шармсор карда аст, таҷовузу фишори ваҳшиёна ба мусалмонони Чечен ва Бусния мисолҳоест аз ваҳшигарӣ ва дудманишии душманони хуношом ва дар як тарафи дигар, қиссаи талхи саҷҷоданишинон ва пайравони онҳост. Бо вуҷуди ҳамаи инҳо аз каронаҳои дурдасти уфуқ нидои умеду мужда ба ояндаи равшан ва садои "пеш ба сӯйи кору фаъолият ва даъват мерасад" ва ин худ дарсест, ки бояд аз он ибрат гирем ва дар сояи он хатти машйи зиндагиамонро барпо кунем.

Шояд ҳарфҳои оқои Абӯғазола, раиси кулли собиқ нерӯҳои интизомии Миср, ки дар рӯзномаи "Аҳром"и Миср чоп шуда буд, таъйидест бар он чӣ падар ба он халабонон дар мавриди нерӯҳои ғайри Арабие, ки аз Ислом дифоъ хоҳанд кард, гуфта буд. Абӯғазола гуфтанд: "Артиши Покистон зомини дифоъ ва ҳифозат аз кишварҳои Арабӣ аст. Мӯшакҳои Покистонӣ ба роҳатӣ метавонанд Исроилро ҳадаф қарор бидиҳанд. Аз ин рӯ бояд Арабон дар мушкилоти иқтисодӣ дар канори Покистон биистанд, чаро, ки муваффақияту пирӯзии Покистон, рамзи муваффақият ва пирӯзии ҳамаи ҷаҳони Араб аст".

Генерал Абӯғазола дар яке дигар аз таҷзия ва таҳлилҳои сиёсиаш, ки дар "Иттиҳод", рӯзномаи машҳури ҷаҳони Араб, омада буд, навиштааст: "Покистон дорои қудрати низомии инкорнопазирест, ки бомбҳои атомӣ дар ихтиёр дорад ва ҳар хасорат ва шикастагӣ, ки ба Покистон ворид ояд, ба таври мустақим дар раванди сиёсӣ ва дифоъии ҷаҳони Араб таъсир хоҳад гузошт". Ва гӯё ин ҳарфҳои генерал Абӯғазола таъбирест равшантар аз он хоб!

**(15)**

Зиндонҳои пай дар пай сиҳату саломатии падарро макида буд. Модар ҳам маҷбур шуда буд синфҳои Қуръонашро камтар кунад, то бештар битавонад ба падар бирасад. Модар беш аз 25 сол дар маркази бонувон дар шаҳри нави *Лоҳур* тадрис карда ва тавониста буд тими бисёр хубе аз бонувонро тарбият кунад. Бо шиддат гирифтани бемориҳои падар билохира модарам ҳама масъулиятҳояшро ба шогирдонаш вогузор кард, то беҳтар битавонад ба ҳамсараш бирасад.

Дар яке аз дарсҳо касе аз модар пурсид буд, ки шумо аз чанд донишкада фавқулисонс (могистер) гирифтаед? Модар лабханде зада ва дар ҷавоб гуфта буд: "*Духтарам! Лисонсу фавқулисонс шумоед. Ман то синфи ҳафтӯми мадрасаи ибтидоии "Маликаи Мирӣ" дар Деҳлӣ хондаам*". Он хонум бо таъаҷҷуб пурсида буданд: пас ин ҳама илму донишро аз куҷо касб кардаед? Модар ба ин суол ҷавобе доданд, ки мебоист таърих онро бо оби тилло бинависад. Эшон дар ҷавоб гуфта буданд: "*Ман зиндагиямро канори донишманд ва пажӯҳишгари Исломӣ гузарондам, ки бо як соат сухан гуфтан бо ӯ инсон он қадар илму дониш ба даст меовардам, ки дигарон агар шабҳои дароз бо хондани китобҳои бисёр ба субҳ бирасонанд, наметавонанд ба он миқдор илм бирасанд!*

Як бор чандто аз хонумҳо пеши модар омада буданд ва аз "қаҳтурриҷол" –набудани мардони лоиқу раҳбарони шоиста ва дурусткор- шикоят мекарданд. Модар хомуш ба ҳарфҳояшорн гӯш медод. Вақте ҳарфҳои онон тамом шуд ва дилҳояшонро холӣ карданд, модар гуфтанд: "*Миллати мо худаш масъули ин "қаҳтурриҷол" аст ва илло дар байни миллати мо раҳбароне буданд, ки ба надрат наметавон амсолашонро дар миллатҳои дигар ёфт. Ин қавм раҳбаре чун Аллома Иқбол*

*доштанд, ки ҳамаи мусалмонони ҷаҳон ӯро нишони озодмардӣ ва раҳбару раҳнамои худ медонанд. Раҳбари дигар чун Мавлоно Мавдӯдӣ доштанд, ки бо афкору андешаҳои худ дар дунё инқилоб барпо кард ва парда аз бемориҳои кушандаи фарҳангӣ ва динӣ ва фитнаву фасодҳои фикрӣ ва ахлоқӣ чун бебандуборӣ, бадҳиҷобӣ, рибо ва ришвахӯрӣ, демокросии ғарбӣ, таҳдиди насл ва ғайра баркашид ва резакориҳо ва аҳдофи пушти саҳнаи ҳар як аз ин тавтиъаҳо ва макру ҳилаҳоро бармало кард ва дар сояи Қуръон ва Суннати Паёмбари Акрам (с) дармони онҳоро матраҳ сохт, аммо афсӯс ва сад афсӯс, ки ин миллат қадри раҳбарони худро ба хубӣ намедонад ва аз онон ба дурустӣ баҳра намеҷӯянд!".*

Вақте бемориҳои падар шиддат гирифт, ӯ ба мо гуфтанд: *"Ман ба ҷисти худам бисёр зулм кардаам. Ман ба ин устухонҳои бечора як зарра раҳм накардам. Чашмҳоямро аз хоби табиъиашон маҳрӯм кардаам. Онҳо мехостанд истироҳат кунанд ва бихобанд ва ман мехостам бинависасм. Ҳама рӯз машғули фаъолиятҳои иҷтимоъӣ ва корҳои зиндагӣ будам, танҳо дар торикии шаб, ки сукун бар ҳама ҷо соя меандохт, метавонистам ором бишинаму бо хаёли роҳат машғули навиштан шавам. Баъд аз тановули шом ва намози хуфтан машғули навиштан мешудам ва баъзе вақтҳо ҳеҷ мутаваҷҷеҳ намешудам, ки шаб чӣ тавр тамом шуд ва танҳо бо шунидани азони субҳ ба худ меомадам. Албатта ман ҳақ дорам, агар ин ҷунин намекардам тафсири "Тафҳимул-Қуръон" тамом намешуд. Ҳоло ҳам ин чашмон аз ман интиқоб мегиранд, мехоҳам бихобам, аммо онҳо аслан ҳозир нестанд пилк рӯйи пилк бигзоранд. Ман онҳоро одат додаам, ки ҳамеша бедор бошанд ва ҳоло тарки одат барояшон сахта аст. Ман мехоҳам зеҳнамро лаҳзае ором гирам ва дигар фикр накунад, то ман битавонам роҳат бихобам, вале ҳайҳот, ки одат кардааст ҳамеша фикр кунад ва барнома бирезад ва ҳоло ҳозир нест одаташро канор бигзорад, ҳатто ин устухонҳо ҳам мехоҳанд аз ман интиқом бигиранд. Қаблан ман инҳоро ором намегузоштам ва ҳоло инҳо маро роҳат намегузоранд!"*

Дорӯҳои маскан ва давову дармони пизишкон як кам нерӯ ва тавонеро, ки дар ӯ буд саркашиданд. Як рӯз ки сухан аз бемориҳову дард буд, модар гуфтанд: "*Шояд бо каме тағйири обу ҳаво ҳолат беҳтар шавад, чӣ тавр аст, ки ба писарамон – Аҳмад Форӯқ- бигӯем, ки туро бо худаш ба Америко бибарад, то онҷо бо хаёли роҳат дармон шавӣ?*

Бо шиддат гирифтани бемориҳои падар билохира бародарамон, дуктур Ахмад Форуқ аз Америко омад ва бо исрори бисёр зиёд ҳамаи дӯстону наздикон, падар қонеъ шуд ҳамроҳ бо модар дар 26 май соли 1979 бо бародарамон барои муъолиҷа ба Америко биравад. Баъд аз як моҳи илоҷу дармон дар бемористонҳои Америко падар хеле беҳтар шуд ва фавран ба навиштани китоби "**Зиндагиномаи Паёмбари Акрам (с)**"[1] шурӯъ карданд.

Аз шарқу ғарб ва тулу арзи Америко ва Канада мусалмонони сиёҳу сафед, селобвор барои дидани ӯ меомаданд. Хеле аз афроде, ки барои мулоқоташ меомаданд, касоне буданд, ки бо хондани мақолаҳо ва навиштаҳояш мусалмон шуда буданд.

Нависандаи саршиноси романи машҳури "решаҳо"[2] оқои Алекс Ҳелей[3] аз роҳи бисёр дуре барои мулоқоти падар омаданд ва романашро бо имзои худ ба падар ҳадя карданд. Бисёре аз мусалмонони кишварҳои Исломӣ низ ба диданаш мерафтанд ва баъзеҳо мегуфтанд, ки мо дар зоҳир мусалмон будем, вале аз Ислом ҳеҷ чиз намедонистем, бо хондани навиштаҳои шумо аз нав мусалмон шудем!

Падар бисёр умедвор буданд, ки битавонанд "Зиндагиномаи Расули Акрам (с)"ро комил кунанд, аммо дар сафҳаи тақдир чизи дигаре навишта шуда буд. Дар 8 сентябри соли 1979 сактаи қалбии шадиде ба ӯ даст дод, ҳанӯз аз паёмадҳои ин сакта ором нагирифта буд, ки дар 21 сентябр

[1] : Сирати Сарвари олам (с)

[2] : The Roots

[3] : Alex Haley

беморияш шиддат гирифт ва дар як вақд, ду гурда ва ҷигараш аз кор афтоданд.

Ва билохира он лаҳзае, ки барои ҳама меояд, омад, лаҳзае, ки ҳеҷ гурезе аз он нест. Оре! Дар 22 сентябри соли 1979 дар бемористони "Бфилӯ" дар понздаҳ кам шаши баъд аз зуҳр ба вақти Покистон падар ҷанашро ба ҷонофарин таслим кард ва ба диёри боқӣ шитофт. "إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْهِ رَاجِعُـــونَ"[1], "Мо аз они Худоем ва ба сӯйи ӯ боз хоҳем гашт".

يَاأَيَّتُهَا النَّفْسُ الْمُطْمَئِنَّةُ ارْجِعِي إِلَى رَبِّكِ رَاضِيَةً مَرْضِيَّةً فَادْخُلِي فِي عِبَادِي وَادْخُلِي جَنَّتِي[2]

"Эй инсони осӯдахотир! Ба сӯйи Парвардигорат боз гард, дар ҳоле, ки ту аз кардаи худ дар ҷаҳон ва аз неъмати охирати Яздон хушнӯдӣ ва Худо ҳам аз ту хушнӯд аст. Ба миёни бандагони ман даро ва ба биҳишти ман дохил шав".

Бародарам Аҳмад Форуқ бо ин хабари дарднок рангпарида ва беҳол ба хона бозгашт. Модар дар камоли сабру бурдборӣ, ғаму андӯҳ ва мотами хешро ошкор насохт ва барои писари гушнаву ташна ва парешону ғамзадааш чой дам карда ва бисквит барояш овард ва ӯро дилдорӣ медод: "*Худоро шукр кун, ки ту падаратро дидайи, зери сояи ӯ ҳама ин солҳоро сипарӣ кардай ва илло ӯ дар соли 1953 омодаи эъдом шуда буд. Агар дар он солҳо ӯро эъдом мекарданд, ҳоло немедонистӣ, ки падарат чӣ шакле будааст? ва ё садояш чӣ тавр будааст?* Аллоҳу акбар! Инаст сабру бурдборӣ ва инаст таваккал бар Худо ва умед ба ӯ доштан!...

Модар ҳамаро ба сабру истиқомат ва бурдборӣ даъват мекард ва мегуфт: "إِنَّا لِلَّهِ وَإِنَّا إِلَيْـــهِ رَاجِعُـــونَ" бихонед ва ҳарф назанед. Ҳамаи занону мардон аз сабру истиқомати ин шерзан ҳайрон монда буданд.

Тағоямон, дуктур Шамсӣ, вақте аз Торонто (Канада) бо мошини худаш пеши модар расид, рангу рӯяш комилан зарду ранҷӯр шуда буд ва аз шиддати ғаму андуҳ комилан

---

[1] : Сураи Бақара 156

[2] : Сураи Фаҷр 27-28-29-30

беҳол шуда буд. Вақте модарро дид даҳонаш аз таъаҷҷуб боз монд ва гуфт: Хоҳарҷон! Ман аз Торонто то Бфилӯ якрез гиря мекардам. Бо худ мегуфтам, чӣ тавр ба шумо таслият бигӯям?, чӣ ба шумо бигӯям? Вале бо дидани шумо ашкҳоям хушк шуд. Қаблан ҳам чанд бор, ки бо чашмони худам медидам, Мавлоноро ба зиндон мебурданд ва ту дасти бачаҳоятро мегирифтӣ бо итмеънони хотир ва оромиш ба ӯ нигоҳ мекардӣ, аз ин сабру истиқомати ту таъаҷҷуб мекардам. Туро ба Худо! Ба ман бигӯ: ин чӣ қудрату нерӯйи рӯҳонӣ аст, ки тӯ дорӣ? Ин қудрату тавонро чӣ гуна ба даст овардай? Чӣ гуна метавонӣ ба ин роҳатӣ сабр кунӣ? Модар ором ба ӯ гуфтанд: "*Имон ба зоти поки Худо ва таваккалу умед ба ӯ, сабру истиқомат барои ӯ, сифоте ҳастанд, ки инсон бо кумак гирифтан аз онҳо метавонад бо мушкилтарин ҳолоти зиндагӣ муқобила карда ва бо сахтиҳо ва мушкилоти рӯзгор бисозад!*

Аҳмад Форуқ муқаддимоти лозимаро анҷом дод ва ҷасадро ба фурудгоҳи Нюёрк расонид. Хабари вафоти падар аз ҳамаи шабакаҳои телевизионии Амрико пахш шуда буд. Бисёре аз мусалмонони кишварҳои мухталифи ҷаҳон худашонро барои ширкат дар намози ҷаноза ба фурудгоҳи Нюёрк расониданд. Бародарам Аҳмад Форуқ модарро дар зали интизор гузошта буданд, дар ҳамин лаҳазот бисёре аз занони Покистонӣ, Ҳиндӣ, Араб, Турк ва Африқой, ки шавҳарҳояшон дар берун мунтазири баргузории намози ҷаноза буданд, ба зали интизор омаданд. Баъзе аз занони Покистонӣ, ки канори модар нишаста буданд ва ашк мерехтанд, бо худашон ҳарф мезаданд ва мегуфтанд: Қарор аст ҷанозаро аз Блифӯ биёваранд, намедонем то ҳоло расидааст ё на? Модар ба оромӣ ба онон гуфт: Ҷаноза расидааст! Он занон бо таъаҷҷуб ба модар нигоҳ карда пурсиданд: Шумо аз куҷо фаҳмидед, ки ҷанозаро овардаанд?!

Модар бо итмеънону оромиш нафасе кашида ва ба онон гуфт: Ман ҳамроҳи ҷаноза омадаам. Хонумҳо пурсиданд:

шумо бо эшон чӣ нисбате доред?: Ҷавоб омад, ки эшон ҳамсари ман буданд! Хонумҳо нохудогоҳ дод заданд: Оҳ Худои ман! Шумо хонуми Мавлоно Мавдӯдӣ ҳастед?! Шумо чӣ тавр бо вуҷуди ин мусибати бузӯрг ба ин роҳатӣ ва ин чунин сокиту ором нишастаед? Мо ва шавҳарҳоямон ҳамаи роҳро гиря мекардем ва ашк мерехтем. Бо дидани шумо одам ба ёди Худо меафтад!

Кам кам занони Туркӣ ва Индунезӣ ва Арабу Африқойи мутаваҷҷеҳ шуданд, ки ин хонуми хомӯшу ором ҳамсари Мавлоно Мавдӯдӣ ҳастанд, ҳама ба модар тасаллият арз карда ва гуфтанд: Сабру бурдбории шумо яъне ин! Вақте дар зали интизор ин ҳарфҳо дар ҷараён буд, дар майдони фурудгоҳ намози ҷаноза адо шуд. Ба далели кӯчакии майдони фурудгоҳ ва анбуҳи зиёди ҷамъият, мардум маҷбур шуданд шаш бор ҷудогона намози ҷаноза барпо доранд.

Қабл аз расидани ҳавопаймо ба фурудгоҳи Лондон анбуҳе аз мусалмонони кишварҳои мухталиф ва намояндагони ҳамаи кишварҳои Исломӣ барои намози ҷаноза ва охирин дидори дӯсту маҳбубашон ба фурудгоҳ омада будан. Дар онҷо низ чанд бор намози ҷаноза барпо шуд.

Падар ҳатто дар охирин лаҳазот низ нахостанд чун дигарон сокиту хомуш ба оромгоҳашон бираванд ва тудаи мардумро дар се қораи ҷаҳон –Амрико ва Аврупову Осиё- бедор карда ва ба ҳаракат даровarданд, он гоҳ ором дар манзилашон хобиданд!

Ӯ ҳамаи зиндагияшро фидои роҳи Худо ва дар хадмат ба халқи ӯ сипари кард ва ҳеҷ фикри худу фарзандон ва ояндаи иқтисодии онон набуд ва танҳо ва танҳо ба он ҳадафҳову ормонҳои волояш меандешид.

Вақте модар ҳамроҳ бо ҷанозаи падар ба Лоҳур расиданд, ҳамаи мо бачаҳоро тасаллият ва дилдорӣ медоданд ва мегӯфтанд: "*Барои ӯ гиря накунед! Ин ҷисми хокӣ мисли либоси куҳна ва пораест барои рӯҳ. Як рӯз ин либос қашангу нав буд ва ҷалби таваҷҷуҳ мекард, аммо ҳоло дигар рангаш рафта ва куҳна*

*шуда, ба куллӣ пинадӯзӣ (поргӣ) шуда ва дигар қобили пушидан нест, барои ҳамин рӯҳ онро канор гузошта ва дар иваз либоси нурониро, ки Худованд ба ӯ додааст, пушида. Ҳоло падари шумо комилан хуб шудааст ва хеле орому роҳат аст. Ӯ меҳмони Худояш аст. Ин чизе, ки шумо мебинед ҳамон либоси куҳна ва қадимии ҷисм аст, ки дар ин тобут баста шуда ва аз Амрико овардаанд. Оё ҳар гиз дидаед касе барои либоси қадимӣ ва пора шуда гиря кунад?!*

Модар бо равиши худаш бачаҳоро дилдорӣ дода ва ба сабру бурдборӣ даъват мекард. Намедонам, ки дар ҳарфҳояш чӣ сеҳру ҷодӯ ва ё сирре наҳуфта буд, ки бо шунидани он ашкҳои ҳамаи мо хушк мешуд. Модар бо сабру истиқомати бемонанд бо ин мусибати бузӯрг муқобила кард, вале чанде баъд дӯчори афсурдагӣ ва пажмурдагӣ шуд.

Ман дар он рӯзҳо дар донишсаройи духтаронаи адабиёти Англисии Ҷидда дар Арабистони Саъудӣ машғул ба тадрис будам ва танҳо барои таътилоти тобистонӣ ба Лоҳур меомадам. Бо дидани вазъи модар исрор кардам, ки бо ман ба Ҷидда биёяд, вале ӯ бо ҳеҷ ваҷҳ розӣ намешуд ва мегуфт: "*Наметавонам дар хонаи духтарам роҳат бошам*". Ман хеле кушиш кардам, ки ӯро розӣ кунам ва гуфтам: Модарҷон! Ту маро мисли писаронат бузӯрг кардӣ, хондану навиштан омухтӣ ва ҳоло ман мисли онҳо ҳам кор мекунам, шумо фикр накунед, ман писари шумо ҳастам ва аслан зан нестам!... Билохира фаҳмидам чӣ тавр метавонам шикораш кунам ва ба оромӣ ба ӯ гуфтам: Модарҷон! Даво ва дармони афсурдагӣ ва నороҳатиҳои шумо дар ин қурсу (таблетка) капсулҳо нест, дар обу ҳавои Макка ва Мадина аст!... Бо шунидани ин, гул аз рухсораш шукуфт ва розӣ шуд бо ман биёяд. Бо расидан ба Арабистони Саъудӣ аввал ба Умра рафтем ва ҳамин, ки баргаштем, модар ҳама дорӯҳояшро дар кумод (сандуқча) гузошт ва гуфт: "*Ҳоло ба инҳо ниёзе нест!*"

Дар рамазони муборак чанд бор ба Умра рафтем ва дар даҳ рӯзи ахири рамазон ба Мадинаи Мунаввара рафтем ва

дар корвонсарой Покистон, ки дар он рӯзҳо дақиқан рӯ ба рӯйи дари вурудии бонувон ба Масҷиди Набавӣ буд, иқомат кардем. Модар ҳамеша исрор дошт, ки бояд дар саффи аввал ҷо пайдо кунем. Ин шитобкориҳо гоҳо боис мешуд, ки модар дар дорӯҳои фишори хун ва бемориҳои қалбашро фаромӯш кунад ва вақти саҳар тамом мешуд.

Як рӯз ман ба ӯ гуфтам: Модарҷон! Мувозиб бош, дорӯҳоятро сари вақт бихурӣ, ба хусус дорӯҳои қалбатро фаромӯш накун, Худой накарда ин тавр нашавад, ки пеши дари Масҷид аз дохил шудан маҳрӯм шавем. Ӯ бо ҳасрат ба ман нигоҳе кард ва ин байти шеърро хонд:

"Ӯ *ки давои қалб мефурухт дуконашро ҷамъ карду рафт".*

Ман каме аз онон дӯр шудам, вақте баргаштам дидам, ки писарам Атҳар[1] аз модар мепурсад: Модарбузӯрг! Шумо, ки мегуфтед падарбузӯрг китоб менавишт, ҳоло мегӯед, ки давои қалб мефурухт? Модар бо муҳаббату меҳрубонӣ ба навосааш фаҳмонд, ки: *"ончӣ падарбузӯрг менавишт, мисли дорӯ қалбро шифо мебахшид"*.

Шаби 29 рамазон, шаби хатми Қуръони карим дар Масҷиди Набавӣ буд. Ҷамъияти бисёр зиёде ба шаҳри Мадина омада буданд. Дар шаҳр ва ба хусус дар Масҷиди Набавӣ ҷойи холӣ пайдо намешуд. Мо ҳам хеле зӯд барои намоз ба Масҷид рафта будем ва дар саффи аввал ҷой барои худ дасту по карда будем. Қабл аз иқомати намоз ду пулисзан ҳамроҳ бо як афсар вориди Масҷид шуданд ва бо лаҳҷаи бисёр тунду тез дод кашиданд, ки ақибтар биравед! Биравед ақиб! Саффи аввалро холӣ кунед! Мо пушти сарро нигоҳ кардем дидем, ки ҷамъият чунон ҷамъ шуданд, ки ҷойи сузан андохтан нест. Ман тоқат наёвардам ва бо лаҳҷаи тунду тез сари пулисҳо дод задам, ки барои чӣ ақиб биравем? Онон гумон карданд, ки ман Саъудӣ ҳастам, ором гуфтанд: Ҷой барои меҳмононо хусусие, ки аз кишвари Баҳрайн омадаанд,

---

[1] : Мутавалиди 16 ноябри соли 1971 дар Лоҳур

боз кунед. Ман садоямро болотар бурда ва бо асабоният сарашон дод задам: Ҳамаи мо меҳмонҳои хусусӣ ҳастем. Инҷо Масҷиди Паёмбари Худо (с) аст ва ҳамаи мо меҳмонҳои хоси ӯ ҳастем! Масҷдиди Расули Худо аст, касри онҳо нест!.

Занони Арабистоние, ки барои намоз омада буданд, бо шунидани ҳарфҳои ман ҷуръат гирифтанд ва бо ман ҳамзабон шуданд, ки комилан дуруст аст! Ҳарфи баҷое аст! Ба Худо рост мегӯяд!

Дар ин лаҳзаҳо буд, ки садои иқомати намоз баланд шуд ва мо "Аллоҳу Акбар" гӯён шуруъ ба намоз хондан кардем ва пулисҳо маҷбур шуданд аз онҷо дӯр шаванд. Вақте мо намози фарзамонро хондем ва занони Араб либоси Покистонии маро диданд, бо таъаҷҷуб пурсиданд: Шуморо ба Худо! Шумо Покистонӣ ҳастед, аз куҷо инқадар хуб Арабӣ ёд гирифтаед? Ман ба модарам ишора кардам ва гуфтам: Аз падару модарам. Хонумҳо ба тарафи модар омаданд ва дастҳояшонро бусиданд.

Баъд аз намози ид мо ба тарафи Ҷидда ҳаракат кардем. Дар роҳи бозгашт аз модар пурсидам: Аз ибодатат дар Мадина ки розӣ ҳастӣ? Нафаси сарде кашид ва гуфт: *"Рӯйи гул сер надидам ва баҳор охир шуд!"*.

Духтарам Робиъа дар он рӯзҳо худашро барои имтиҳони ниҳоии синфи ҳаштум омода мекард. Ман ба ӯ насиҳат мекардам: "*Духтарам! Ту бояд ба ҳар сурате шуда, шогирди аввал шавӣ, бояд хеле заҳмат бикашӣ ва худатро хуб омода кунӣ, чаро ки муъаддали синфи ҳаштум дар ҳамаи масири таҳсилииояндаат асар хоҳад гузошт. Модар ҳарфҳоямро шунид ва дар ҳофизааш ҷой медод. Аз он рӯз намозҳояш бисёр тӯлонӣ шуд. Як рӯз аз ӯ пурсидам: Модарҷон! Ин рӯзҳо худатро дар намоз бисёр азият мекунӣ, накунад ин намозҳои тӯлонӣ ба саломатиат латмае бизанад? ӯ ҳамон ҳарфҳоеро, ки як ҳафта пеш ман ба Робиъа гуфта будам, бароям такрор кард ва гуфт: ман ҳам бояд имтиҳон бидиҳам ва ҳамаи зиндагии ухравиям дар гурӯҳи ҳамон*

*имтиҳонам хоҳад буд. Ман ҳам мехоҳам, ки дар ҳар имтиҳоне шогирди аввал бошам, дар имтиҳони намоз, рӯза, умра ва ғайра".*

Ҳамчунин вақте ба сафари тӯлониям мерафтем, масалан аз Ҷидда ба Мадина, ё Тоиф, модар Қуръони маҷидашро дар мошин мегӯзошт ва дар роҳ саъй мекард бештари вақташро сарфи ҳифз кардани баъзе оёт ва ё сураҳои Қуръонӣ кунад. Шиораш ин буд: "*Агар ғунчаи, гул бошӣ ва агар гули, гулистон шав*". Ӯ ҳамеша саъй мекард ба илму донишаш бияфзояд, дар ҳамин сафарҳо як бор сураи муборакаи "Фатҳ" ва як бор ояти аввали сураи муборакаи "Каҳф"ро ҳифз кард ва вақте ба Масҷиди Набавӣ расидем, он чиро ки тоза ҳифз карда дар намозҳояш хонд ва ин сухани Паёмбари Акрам (с)ро бароямон нақл карданд:

"*Беҳтари тиловати Қуръони Карим онаст, ки дар пешгоҳи Парвардигори мутаъол дар намоз истода тиловат кунӣ*".

Ёдам ҳаст рӯзе, ки даҳ ояти аввали ва даҳ ояти охири сураи муборакаи Каҳфро ҳифз карда буд ва барои аввалин бор дар намозаш дар Масҷиди Набавӣ хонд, ба мо гуфт: "*Эҳсос мекунам, ки ба саъодату хушбахтии бисёр бузӯрге расидаам*", сипас нафасе кашид ва ба осмон дӯхт ва гуфт: *"Бовар кунед ҳамаи молу сарват ва дороию зебойи ва қудрату нерӯ ва тавоноию камол ва иззат дар даруни худи инсон нуҳуфта аст. Дар берун ҳеҷ чиз нест ва он ашхосе, ки дар берун барои касби инҳо талош мекунанд, дар воқеъ аз дарун бисёр фақиру бечора ва зишту нотавон ва бадбахтанд ва саъй мекунанд, ки ин эҳсоси ҳақорат ва худкамбиниро бо завқу барқи берунӣ ҷуброн кунанд".*

Танҳо он рӯз буд, ки фаҳмидам чаро модарамон ҳар гиз аз Худобиёмурзи падарамон чизе нахост, на васоили оройишӣ ва на зевару олот ва на либосҳои рангоранг ва тиллову нуқра. Дар ҳақиқат ӯ ба ин зебоиҳои зоҳир ҳеҷ ниёзе надошт. Ӯ дар дарунаш ба ҳадде зебо ва боқаноъату пӯр буд, ки ба ин зоҳирсозиҳои дурӯғин ҳеҷ таваҷҷуҳе надошт.

Модар орзӯ дошт, ки битавонад як ду ҳафтаро ҳам дар Маккаи Мукаррама ба ибодат бипардозад. Ман бо хоҳар

Фарҳона, ҳамсари дуктур Ҳофиз Абдулҳақ, ки дар Макка ровобиту қавм ва хеши зиёде доштанд, масъаларо дар миён гузоштам. Эшон тартиби ҷойро дар Макка доданд ва худашон муддати ду ҳафта бо модар монданд ва бениҳоят ба ӯ хидмат карданд.

Модар одат дошт хеле вақтҳо ҷавоби суолотро бо шеър бидиҳад. Вақте аз Макка баргаштанд, аз эшон пурсидам: Ибодат дар Макка чӣ тавр буд? Модар бо ҳасрат оҳе кашид ва гуфт:

Намедонам чӣ манзил буд, шаб ҷое ки ман будам
Ба ҳар сӯ рақси бисмил  буд шаб ҷое ки ман будам
Худо худ мири маҷлис буд андар ломакон "Хусрав"
Муҳаммад шамъи маҳфил буд шаб ман ҷое ки будам.

Дар дилам гуфтам, ки ҳатман аз ин ҷавоб рӯҳи шоир Амир Хусрави Деҳлавӣ[1] ба ваҷд омадааст, ки модар як байт шеъри дигаре ба ин мазмӯн хонд:

Шамъеро ҷилави моҳрух ниҳода, гуфтанд
То бубинем парвона бадин сӯ меравад ё ба он сӯ[2]

Баъд аз он лабханде зад ва гуфт: *"Маънои воқеъии ин шеър дар Ҳарами Шариф бароям хуб равшан шуд. Вақте ба хонаи Худо нигоҳ мекардам ва медидам, ки мардуми дунё лаззату хушиҳои онро пушти сар гузошта ва парвонавор даври он мечарханду тавоф мекунанд. Вақте ба Сафо ва Марва нигоҳ нигоҳ мекардам ва медидам, ки Ҳоҷиён девонавор ҳама чизро фаромӯш карда ва машғули ибодат ва мадҳуши зикру тоъатанд ва вақте аз Ҳарами Шариф ба тарафи хона мерафтам, анбӯҳи мардумро медидам, ки*

---

[1] : Амир Хусрави Деҳлавӣ аз нажоди форсист. Падараш аз тарси ҳамлаи Муғулон аз Туркистон ба Ҳинд фирор ва дар шаҳри Питёлии Ҳинд сукунат кард. Амир Хусрав дар 651 ҳиҷрӣ/1253 милодӣ ба дунё омад. Дивонҳое ба Форсӣ дорад. Ҳамаги бист ҳазор байти шеъри Форсӣ дорад. Дар соли 726 ҳиҷрӣ/1335 милодӣ дар Деҳлӣ чашм аз ҷаҳон фуру баст.

[2] : روخ روشن کی اگی رکه کر وه یه کهتی هین
ادهر جاناهی دیکهین یا ادهر پروانه آتا هی

*дар бозорҳо ва дуконҳо машғули хариданд. Онҷо ҳам парвонаҳои худашро дошт, ки дунболи тиллову ҷавоҳирот ва либосу соат ва васоили барқӣ ва васоили хона ва ғайр ва ғайра, масту мадҳӯш мечархиданд. Ошиқони Илоҳӣ онҷо парвонавор масти тоъату ибодат буданд ва ошиқони дунё дар онҷо девонавор дар пайи ризқу барқи зиндагӣ!".*

Бо исрори зиёди Асмо, Холид ва Ойша, модарам ба Лоҳур баргашт, вале ҳаргиз хотироти зебои иқомат дар Маккаи Мукаррама ва Мадинаи Мунавввараро фаромӯш накарданд.

**(16)**

Як бор модар хеле бемор буnанд ва тағоямон, худобиёмурз, Хоҷа Муҳаммад Шафеъ барои иёдати эшон омада буданд. Падар аз тайи дил ҷумлае гуфтанд, ки ҳаргиз онро фаромӯш намекунам. Эшон гуфтанд: *"Вақте мардум дар ин ҷо ва онҷо шиъор медиҳанд, ки Мавлоно Мавдӯдӣ зинда бод! Ҷамоъати Исломӣ зинда бод! Ман дар тайи дилам фарёд мезадам: Ҳамсарам Маҳмудабегим зинда бод! Вақте лашкаре бар душманон пирӯз мешавад ва мардум гарданбандҳои гул ба гардан сипаҳсолор овезон мекунанд ва ӯро дар оғӯш мегиранд ва бар дастҳояшон баланд карда ва шиори зинда бод сар медиҳанд, касе ба ёди он сарбози гумноме, ки ҷони худро бар каф ниҳода ва ин пирӯзиро бо хуни худ сохта, намеафтад. Ҳама масти шиъорҳои "зинда бод"и худ ҳастанд ва касе ба он исорҳо ва азхудгузариҳо ва вафодориҳову мардонагиҳо таваҷҷуҳ намекунад".*

Модарам барои истодҳояш иззату эҳтироми хосе қоил буд. Ҳазрати Мавлоно Амин Аҳсан Ислоҳӣ[1] ҳар рӯз баъд аз аср то мағриб дар "Дорул-ислом" дарси Қуръон медоданд ва модарам дар ин дарсҳо ширкат мекард ва вақте ба хона бармегашт онҳоро хуб мурур мекард ва вазифаҳояшро бо диққат анҷом медод. Бо ҳамин ишқу алоқа, ҳадиси Паёмбари Акрам (с)ро дар маҳзари ҳазрати Мавлоно Абдулғафор Ҳасан[2]

---

[1] : Дар соли 1904 дар Аъзамкараи Ҳиндустон ба дунё омад. Аз ҷумлаи саршиносони Ҷамоъати Исломӣ буд. Дар соли 1957 бо Мавдӯдӣ ихтилофи назар пайдо кард ва аз Ҷамоъати Исломӣ канорагирӣ кард. Беш аз 17 китоб навишата, ки боризтарини онҳо "Тадаббурул-Қуръон" дар нуҳ ҷилд аст. Дар 15 декабри соли 1997 ба раҳмати Парвардигор пайваст.

[2] : Абдулғафор Ҳасан мутавалиди 20 июн соли 1913. Аз аввалин рафиқони Мавлоно Мавдӯдӣ дар Ҷамоъати Исломӣ буд, ки дар замони ғиёби ӯ раҳбарии Ҷамоъатро ба даст мегирифт. Дар сентаябри соли 1957 бо вай ихтилофи назар пайдо кард ва аз Ҷамоъат канорагирӣ кард. Аз соли 1964 то 1980 ба унвони устоди Ҳадис дар донишгоҳи Исломии Мадинаи Мунаввара

омӯхтанд. Модарам ба ин ду устоди бузӯргвораш эҳтироми хосе қоил мегузоштанд. Ҷудо шудани он ду аз Ҷамоъати Исломӣ барои модар садамаи бисёр бузӯрге буд. Албатта эшон ба духтари кӯчаки МавлоноИслоҳӣ шир дода буданд ва ҳамеша мегуфтанд: "*Ман чаҳор духтар дорам, на сето".*

Чизе, ки ба он ифтихор мекунам ва аз ёдам намеравад инаст, ки модарам ҳаргиз ҳозир нашуданд бар ному нишони шавҳараш савор шаванд ва ё онро "ҷинси бозор" қарор диҳанд. Баъд аз вафоти падарам генерал Зиёвулҳақ[1], раиси ҷумҳури кишвар, узвият дар маҷлиси сенат ва низ мушовири вижаи раиси ҷумҳӯр дар умури занонро ба модарам пешниҳод карданд. Эшон барои қонеъ кардани модар ибтидо хонум Атия Иноятуллоҳро фиристон ва баъд аз ӯ холаи бузӯргамон, худобиёмурз, Нисор Фотимаро.

Модар аз хонум Атия Иноятуллоҳ бо самисияту дӯстӣ маъзарат хост ва дархости Раиси Ҷумҳурро рад кард. Аммо вақте холаи Нисор Фотима барои пофишорӣ омаданд, мисраъи аввали байти дӯстдоштаниашро барояш хонд:

*"Ин хариду фуруш ва тиҷорат нест, ибодат аст!".*

Сипас гуфтанд: *"Илму дониши Қуръону Ҳадиси Паёмбари Акрам (с) барои ба даст овардани дунё ва рутбаҳо ва шуглҳои дунёӣ нест, роҳест барои ба даст овардани ризояти Илоҳӣ ва расидан ба биҳишти баррин. Наметавонам ному нишони зебои ҳамсари худобиёмурзро "ҷинси бозорӣ" кунам".* Мардум барои хушбахтии бачаҳояшон ва сару сомон доданиояндаашон ҷон мекананд ва Мавлоно зиндагияшро дар роҳи сарбаландии

---

тадрис кард. Дар 1981 ба унвони узви Маҷлиси Шуъуни Исломии Покистон интихоб шуд. Дар санади ривоят аз Паёбари Акрам (с) дар рутбаи 24 қарор дорад.

[1]: Генерал Зиёвулҳақ дар 7 ҷимодулохираҳ соли 1389 ҳиҷрӣ/ 21 увти 1969 милодӣ тайи кудатой низомӣ ҳукумати Зулфиқор Бҳуторо барканор ва ҳукумати Покистонро ба даст гирифт. Дар 5 муҳаррами соли 1405 ҳиҷрӣ / 18 увти соли 1988 милодӣ ҳавопаймояш бо нақшаи созмонҳои иттилоъотии Амрико мунфаҷир шуд.

дини Худо ва расидан ба ризояти Илоҳӣ гузоштанд. Ӯ тасвири гӯё буд аз ин байти Насруллоҳхон Азиз:

Ҳадаф аз зиндагиям, сарбаландии дини туст, Ман танҳо барои ин мусалмонам ва барои ҳамин намоз мехонам[1]

Сипас гуфтанд: *"Шукри Худо ман ва бачаҳоям ҳеҷ ниёзе надорем, ки дар ин дунё бар ин "ном" савор шавем ва ё аз он сӯистифода кунем. Худоро шукр мекунем, ки бо фазлу раҳматҳои бедареғи хеш моро бениёз сохтааст. Ин "ном"ро барои рӯзе гузоштаам, ки Худованд ба мо мужда додааст:*

وَالَّذِينَ آمَنُوا وَاتَّبَعَتْهُمْ ذُرِّيَّتُهُم بِإِيمَانٍ أَلْحَقْنَا بِهِمْ ذُرِّيَّتَهُمْ وَمَا أَلَتْنَاهُم مِّنْ عَمَلِهِم مِّن شَيْءٍ كُلُّ امْـرِئٍ بِمَـا كَسَبَ رَهِينٌ[٢]

"Касоне, ки худашон имон овардаанд ва фарзандонашон аз эшон дар имон овардан пайравӣ кардаанд, дар биҳишт фарзандонашонро ба эшон мулҳақ мегардонад, бе он ки мо аслан аз амали он кас чизе бикоҳем, чаро, ки ҳар кас дар гурӯҳи корҳоест, ки кардааст".

*"Ман танҳо аз Худованд мехоҳам, ки ману бачаҳоямро дар биҳишти баррин бо ӯ ҳамнишин созад ва моро аз аҷру подоши ҷиҳоду талош ва инфоқу аз худгузаштагиҳо ва исорҳояш маҳрӯм насозад, омин! Ҳоҳар! Мавлоно дар пайи ризояти Худояш буд ва аз бандагони ӯ ҳеҷ ҳаросе надошт ва аз касе ҳам ҳеҷ таваққуъе надошт. Барои расидан ба ризояти Худо, бо ҳамаи дунё ва дунёпарастон ҷангид ва ҳаргиз ҳозир нашуд Холиқ ва Офарардгорашро ба хотири инсоне аз худ биёзорад:*

*Тавҳид ин аст, ки Худованд дар рӯзи ҳашр гӯяд*

*Ин бандаи ман ба хотири ман аз ҳамаи ҷаҳониён хашмгин аст[3].*

---

[1] : Мере зиндагӣ ко мақсад, тере дин ке сарфарозӣ
Мен есе лие мусалмон мн есе лие намозӣ

[2] : Сураи Тӯр 21

[3] : Таҳид ту еҳе ки Худо хашр мин каҳди еҳ банда ду олам се хафо мере лие ҳе

**(17)**

Модар дар охири умр ҳамеша аз падар ёд мекард. Як бор ҳаво бисёр гарму намнок буд, ногаҳон барқ рафт ва то дер вақт наомад. Модар, ки нафастангӣ дошт дар гармӣ ва рутубати ҳаво ҳолаш бисёр бад мешуд. Ӯ аз шиддати бемории комилан аз ҳуш рафт. Вақте ба ҳуш омад, бо ҳасрат гуфт: "*Алон садои падаратонро мешунидам, ки чаро дар он гармо нишастаи? Каме боло биё, бубин ин ҷос чӣ ҳавони хуб аст!*. Сипас ҳавои сарде кашид ва оҳе сар дод ва гуфт: *"Дӯсти ман ку нест, чӣ тавр метавонам пеши тӯ биёям? Мунтазирам, ки Худованд маро даъват кунад, то биёям"*.

Бо вахомати холи модар, хоҳарам Асмо ӯро ба манзилаш, ки назди хонаи падарамон буд бурд. Чанд рӯз баъд, ки ба диданаш рафтам, гуфтанд, ки имрӯз на ҳарфе зада ва на ғизое хурдааст. Ман наздаш рафтам ва танҳо гуфтам: *"Деҳлӣ шаҳре буд намуна дар ҷаҳон!"*. Модар фавран дар хоб гуфт: "*Мардум аз ҳар сӯ барои касби рӯзӣ бадонҷо меомаданд"*.

*Замона онро горат карда вайрон сохт*
*Мо сокинони ин сарзамини вайронаем*

Ман гуфтам: *"Модарҷон чӣ касе гуфта шумо маризед, мошоаллоҳ, сад мошоаллоҳ шумо ҳам хубу тандурустед! Хезед гизоятонро бихуред*". Модар баланд шуд ва бо хушҳолӣ ғизояшро хурд ва бо ҳам аз ҳар даре сухан гуфтем.

Як рӯзи дигар беморияш шиддат гирифт, то ҷое, ки мутаваҷҷеҳи касе намешуд ва намешинохт, танҳо як ҷумларо такрор мекард: *"Мехоҳам ба кӯчаи "Пандат" биравам"*. Вақте ман расидам, хоҳарам Асмо пурсид: "Кӯчаи Пандат куҷост?" гуфтам: Ин ҷои бисёр машҳӯр дар Деҳлист, ки хонаводаи падар дар онҷо зиндагӣ мекарданд". Сипас болои сараш нишастам ва минтақаҳои мухталифи Деҳлиро ном гирифтам,

ӯ хеле хушҳол шуд, вале ҳозир нашуд лаб ба ғизо баранд. Ман гуфтам: "*Ин тиҷорат ва савдогарӣ нест, ин ибодати Худост*". Модар ба зеҳнаш фишор овард ва пас аз андаке идома дод:

*Эй бехабар орзӯйи подошро низ тарк кун*
*"Воъиз", "камоли турк"ро мебинӣ ё "мурод"ро*
*Ҳоло, ки дунёро тарк кардайи, охиратро низ тарк кун.*

Баъд аз дасти ман шурбо хурд.

Дар рӯзҳои охир наметавонист касеро бишносад. Як рӯз баъд аз мағриб ба ҳарфзадан шурӯъ кард: *"Рӯзаатонро боз кунед! Зуд бошед, бояд барои намози таровеҳ ба Масҷиди Набавӣ бирасем. Зуд бошед, имрӯз хатми Қуръони Карим аст, бояд дар саффи аввал ҷой пайдо кунем!"*.

Каме ором гирифт ва дубора идома дод: *"Инҷоро бубин! Бо ҳазору як заҳмат тавонистам дар саффи аввал ҷой пайдо кунам ва инон мегӯянд ақиб биравед! Меҳмонҳои хусусӣ омаданд. Бирав оқо! Ҳамаи мо меҳмонҳои хусусӣ ҳастем, масҷиди Расули Худост, хонаи касе нест!"*.

Ҳамаи атрофиён ҳайрон ба ҳамдигар нигоҳ мекарданд, ки модар чӣ мегӯяд, танҳо ман будам, ки медонистам рӯҳ аз қайди замону макон берун омада ва ҳоло дар Масҷиди Набавӣ дар Мадинаи Мунаввара пар мезанад ва ӯ ин шабро шаби 29 моҳи муборақи рамазон мебинад. Ин охирин ҳарфҳое буд, ки ӯ дар ин дунё зад ва баъд аз он барои ҳамеша хомуш шуд, "إنا لله وإنا إليه راجعون".

Овардаанд, ки дар ҳангоми бемории охири Мавлонои Рӯм[1], яке аз олимон ва бузӯргон, ки ба иёдаташ омада буд, ба

[1] : Ҷалолуддини Балхии Рӯм 6 рабиъулаввали соли 604 ҳиҷрӣ / сентябри соли 1207 милодӣ дар Мазори шарифи кунунии Афғонистон таваллуд шуд. Дар соли 624 ҳиҷрӣ бо сӯфӣ даврагарде ба номи Шамсуддини Табрези мулоқот кард. Ин мулоқот оташе дар каёни Мавлонон барафрухт, ки ӯро дар радифи ҳамешазиндагони олам қарор дод ва ба унвони бузургтарин шоири сӯфии таърихи башарият матраҳ шуд. "девони Шамс" Табрезии ӯ беш аз 23 ҳазор байти шеър ва "маснавии маънави"и ӯ беш аз 26 ҳазор байт шеър дорад. Соли 1359 рубоъи ва китоби насршуда мавсуф ба "фиҳӣ мо фиҳӣ" низ

ӯ гуфт: "Зиёд ба худатон фишор наоваред! Иншоаллоҳ хуб мешавед". Мавлоно дар ҷавоб гуфтанд: *"Шифо ва тандурустӣ бар шумо муборак бод, танҳо ба андозаи як тори мӯй фосила мондааст, ки баъд аз он нур ба нур мепайвандад ва хок ба хок!".*

*Хокию нурӣ ниҳод бандаи Мавлосифот*
*Аз ҳар ду ҷаҳон ганӣ дили ӯст бенаёз*

Падари гиромиямон дар 22 сентябир соли 1979 ба дунёи боқӣ шитофт ва модар азизамон дар 4 апрели соли 2003, шаби ҷумъа, соати бист кам ҳашт аз ин ҷаҳони фонӣ рахт баст ва рӯзи баъд соати даҳу чиҳилу панҷ дақиқа ба хок супурда шуд.

Дафтари ин хотиротро бо байти шеъре, ки модар бисёр дӯст медошт, ба поён мебарам:

Бо хаёли роҳат сабукбол то рӯзи маҳшар мехобем
Ки бори амонату ғами ҳастиро аз дӯшамон бардоштаем.

**Ҳумайро Мавдӯдӣ**

---

дорад.=Файласуф ва шоири бузурги муъосири Ислом, Аллома Иқбол дар манзумаи "Ҷовиднома"и худ ӯро ба унвони муршиди худ дар сафар ба ҷаҳони дигар интихоб кардааст.

# Пасгуфтор...

Дер замоне аст, ки кишварҳои ҷаҳони саввум ва ба хусус кишварҳои Исломӣ ҷавлонгоҳи истеъморгарони шариқию ғарбӣ будаанд ва бо кашфи нафт дар ҷаҳони Араб ва Ирон аҳамияти ин минтақа барои онон ба ду сад баробар афзоиш ёфтааст

Абарқудратҳо ҳамвора дар талош буданд бо макидани хуни ин минтақа битавонанд ба манофеъи калоне даст ёбанд ва дар ин росто ба муваффақиятҳои чашмгире даст ёфтанд ва тавонистанд ҷаҳони Ғарбро аз ақибмондагии се қарн пеш берун кашида ва дар раъси ҳарами қудрате қарор диҳанд ва Амрико бо такя ба манобеъи хоми ҳамин минтақа тавонист абарқудрате шавад, ки на танҳо ба истеъмор ва рабудани сарватҳои кишварҳои заъиф иктифо намекунад, балки мехоҳад тарзи тафаккуру андеша ва ҳатто ақоиди мазҳабии миллатҳоро бар асоси андешаҳои бардаманишонаи худ тарбият кунад.

Бидуни шак ин таҷовузҳои бераҳмона ба манофеъ ва ҳуқуқу эътиқодот ва диёноти миллатҳо, ҳадди ақал дар кишварҳои мусалмон аз рӯзи аввал бо вокунишҳое рӯ ба рӯ шуд, ки бештари ин вокунишҳо чун ҷанбаи ҳаммосӣ доштанд ва аз назари тактика ва барномарезӣ дарозмуддат набуданд, муваффақ нашуданд. Натавонистанд дар муқобили қудрату силоҳи ғарбиён зиёд давом биёваранд, то ин ки ҳамзамон бо фурӯ рехтани пояҳои охирин рамзи ваҳдати мусалмонон, яъне Хилофати Усмонӣ дар Туркия, ҷунбишҳои "Ихвонулмуслимин" тавассути Ҳасанул-банно[1] дар Миср ва

[1]: Ҳасанул-банно дар октябри соли 1906 дар қаряи Маҳмудияи Баҳираи Миср ба дунё омад ва ҷамоъати "Ихвонул-муслимин"ро дар соли 1928 барои бедории мусалмонон ва поягузории шахсияи Исломӣ бар пояи ақидаву низом, ахлоқу сиёсат, ибодату ҳукумат ва ҷиҳод дар роҳи Худо поягузорӣ кард. Ҷунбиши ӯ, ки шоҳиди муваффақиятҳои рӯзафзуни он дар ҷаҳон ҳастем, бар асоси Каломи Худо ва суханони Расули Акрам (с) устувор гашта

"Ҷамоъати Исломӣ"и Мавлоно Мавдӯдӣ дар Ҳинд ба шиъори "***Ислом дину давлат аст***" ба по хостанд ва бо мурури замон тавонистанд ҳаққонияти ҳукуматҳои дастнишодаи Амрико ва абарқудратҳои ғарбӣ ва шарқиро низ зери суол бибаранд ва мардумро аз оше, ки барояшон пухта шуда аст, огоҳ созанд.

Бо бурӯзи ин андешаҳои бедоргарона, манобеъи иқтисодӣ ва аҳдофи тавсеъаталабона ва истеъмории Ғарб ба шиддат бо муқовимати ақшори миллатҳо рӯ ба рӯ шуд. Шуравӣ  дар Афғонистону Чеченистон дар гил фурӯ рафт ва саранҷом аз по даромад ва номаш дар листи мардӯдиҳои қарни бистуми милодӣ бо хати сурх навишта шуд. Камари Амрикои абарқудрат дар кишварҳои фақире чун Сумолӣ ва Судон ба замин молида шуд ва дар Баҳрайну Ироқ ва Афғонистон воқеъии ваҳшиёна ва хунхоронааш барои ҷаҳониён равшан шуд. Ҳаракатҳои дифоъӣ ва муқовиматҳои зидди истеъморӣ дар гӯша ва канори дунё аз Буснӣ ва Ҳерзугувина гирифта, то Фаластини ишғолӣ, намоёнгари бедории миллатҳост.

Баҳсҳо ва пажӯҳишҳои сиёсии бисёре  барои равшан сохтани асбоби шикасти абарқудратҳо дар кишварҳои мусалмон аз ҷониби Ғарбиён сурат гирифта, ки ҳар як ба шакле ҷунбишҳои Исломии муъосирро муҳимтарин омили шикасти сиёсатҳои истеъморгарон медонанд.

Оқои "Люрент Мюровик", таҳлилгари сиёсии муассисаи "ронд" дар пажӯҳиши муфассал, ки таҳти унвони "На- Саъудӣ Арабӣ", ки барои созмони дифоъи Амрико, Пентагон таҳия кардааст, Ваҳҳобиён ва Девбандиёну Ихвонул-муслимин ва ба вижа Сайд Қутб ва Мавдӯдиро душмани сарсахти манофеъи Амрико ва Ҷаҳони Ғарб дар минтақа баршумурда ва бо

---

ва аз ихтилофоти ҷузъӣ ва мазҳабӣ дур буда ва бо эҳтироми мутақобил ба андешаҳои рӯз, ҳамдӯш бо соири мусалмонон дар роҳи ба самар расидани арзишҳои Исломӣ талош мекунад. Ҳасанул-банно 12 феврали соли 1949 милоди / 14 рабиъуссонии соли 1368 милодӣ тавассути пулиси амниятии Миср дар яке аз хиёбонҳои Қоҳира ба шаҳодат расид.

таърифи зиракона ва эҳсосотбарангез, таърихи ду қарни муъосир саъй дорад ба сиёсатмадорони Амрико бифаҳмонад, ки лӯлаи туфанги худро ба синаи ки нишона бигиранд!

Ӯ ошкоро Мавдӯдиро ба унвони мағзи мутафаккир ва мутаҳаррики аслии Девбандиёни Ҳинду Покистон муъаррифӣ мекунад ва рӯҳи фарҳанги ғарбситезии ононро ба ӯ нисбат медиҳад[1].

Ҷунбишҳои "Ихвонул-муслимин" ва "Ҷамоъати Исломӣ" дар беш аз ҳаштод кишвари ҷаҳон фаъолияти ошкор доранд ва дар парлумонҳои даҳҳо кишвар, чун Алҷазоир, Яман, Судон, Кувайт, Баҳрайн, Урдун, Покистон ва ғайра намояндагоне доранд, ки бо орои чашмгири мардум интихоб шуданд[2]. Инҳо ҳама чароғи хатарҳои бисёр шадидест, ки хоб аз чашмони ҷаҳони Ғарб ва ба хусус Амрико мерабояд.

Дар ин росто сиёсатмадорони кишварҳои истеъморӣ саъй карданд ба гунае ин ҷунбишҳои Исломиро сарнагун ё нотавон кунанд. Зиндонҳои дастнишондагонашон аз раҳбарони огоҳи мусалмонони бедор пур шуд ва ҷаллодонашон аз хуни онон сероб, вале мушкил ҳеҷ бартараф нашуд. Оташи бедории Исломӣ шуълавартар гашт! Зоҳиран ҷадиде, ки ин кишварҳо дар назар гирифтаанд, сарнагун кардан ва таҳрифи афкор ва андешаҳои бедоргароёнае аст, ки раҳбарони наҳзатҳои Исломӣ, чун Сайид Қутб ва Мавдӯдӣ матраҳ сохтанд.

---

[1] : Ниго: Китоби De –Saudize Arabia, навиштаи таҳлилгари фаронсавинажод Laurent Murawiec дар муассисаи "Ронд"и Амрико, ки китобашро ба шурои сиёсии дифоъи Пентагон тақдим кард. Чанд рӯз баъд "Вошингтон пост" хулосаи онро чоп кард ва ҷанҷоле дар дунё ба роҳ андохт, ки дар пайи он Мюравик, тайи як намоиш "Ронд"ро тарк кард ва ба муассисаи "Ҳадсун" барои пажӯҳишҳои истротижӣ рафт.

[2] : Ниго: Ал-рисола, чопи Миср, мақолаи Ҳасанулбанно... парлумон дохил мешавад, ба қалами Саъуд Абӯмаҳфӯз, шумораи 18, январи соли 2006.

## Чаро Мавдӯдӣ ва Сайд Қутб?!

Зоҳиран қуръаи аввал ба номи Сайд Қутб ва Мавдӯдӣ зада шудааст ва он ҳам ба ду далел:

Аввал ин, ки: Ҳар як аз ин ду соҳиби даҳҳо китобе ҳастанд, ки ба ҳамаи забонҳои зиндаи дунё тарҷума ва садҳо бор чоп шудаанд ва дар дастраси ҷавонон ва андешамандони ҷаҳон қарор дорад[1].

Дуввум ин, ки: Ҳар ду дар навиштаҳояшон ба масъалаи "**Ҳокимияти Худо**" ва "**Ҳукумати Исломӣ**" ва "**Ифтихор ба дину мазҳаб ва фарҳанги Исломӣ**" дар навиштаҳояшон таъкид кардаанд. Ба иборати дигар метавон гуфт, ки асоси

---

[1] : Ба унвони мисол Мавдӯдӣ танҳо беш аз саду чиҳил китоб ва беш аз ҳазору чанд мақола ва суханронӣ дорад, ки аз ҷумлаи боризтарини китобҳои ӯст: 1. **Ҷиҳод дар Ислом**, таълифи соли 1347/ 1927. 2. **Тамаддуни Исломӣ** (поя ва асос) 1350 ҳ/1932 м 3. **Теорияи Сиёсии Ислом**, 1358 ҳ/1939 м. 4. **Таҷдид ва барпоии дин** 1359 ҳ/1940 м. 5. **Мусталаҳоти чаҳоргона дар Қуръон** 1360 ҳ/1940 м. 6. **Ислом ва Ҷоҳилият** 1360 ҳ/1941 м. 7. **Пояҳои ахлоқии ҳаракати Исломӣ** 1364 ҳ/1945 м. 8. **Дини ростин**, 1366 ҳ /1947 м. 9. **Равиши зиндагии Исломӣ** 1367 ҳ/1948м. 10. **Ҳуқуқи Зиммиҳо** 1367 ҳ /1948 м. 11. **Хостаҳои Исломи аз зани мусалмон** 1372 ҳ/1953 м. 12. **Масъали Қодёниҳо** 1372 ҳ/1953 м. 13. **Тафсири Тафҳимул-Қуръон**, дар шаш ҷилд, ки дар соли 1360 ҳ/1941 м шурӯъ ба таълифи он карданд ва дар соли 1392 ҳ/1972 м ба итмом расонданд. 13. **Соҳили осоиш**. 15. **Ислом ва зиндагии навин**. 16. **Ёддоштҳои даъватгарони Исломӣ**. 17. **Мабодии Ислом** –асосномаи Исломӣ -(ки онро ба унвони китоби дарси барои мадрасаҳои доираи тарбияту таълими вилояти Ҳайдарободи Дакан навишта буданд ва баъдҳо ба беш аз сиву чанд забони зиндаи дунё тарҷума шуд ва бисёре аз мардум бо хондани он ба дини мубини Ислом гаравиданд. 18. **Тафсири сураи Аҳзоб**. 19. **Қоидаҳои асосӣ барои фаҳми Қуръон**. 20. **Даъват ба салиб дар Туркия**. 21. **Зиндагиномаи Паёмбари Худо**. Охирин китоби Мавдӯдӣ аст, ки қабл аз вафоташ онро ба поён расонид. Навиштаҳои Мавдӯдӣ дар муддати замони кӯтоҳе шӯҳрати ҷоҳонӣ ёфт ва тавассути мӯминон ва ошиқони даъвати Исломӣ ба беш аз шонздаҳ забони зиндаи дунё чун: Форсӣ, Англисӣ, Арабӣ, Русӣ, Индунесӣ, Тайландӣ, Хитойи, Олмонӣ, Фаронсавӣ, Ҳиндӣ, Банголӣ, Туркӣ ва ғайра тарҷума шуд ва дастраси ҷавонон ва андешамандон ва соири ақшори миллат қарор гирифтааст.

андешаҳои Сайд Қутб ва Мавдӯдӣ дар эътимод ба пояҳои асили Исломӣ ва муқобила бо тангназариҳои қавмгароёна ва ҷоҳилиятмаоб ва муқобила бо фарҳангҳои бегона ва ифтихор ба дини мубини Ислом, хулоса мешавад[1].

Ҷолиб ин ҷост, ки душмани хориҷӣ ҳамонтавр, ки вазифаи эъдоми ҷисмии ин шахсиятҳоро ба бардагон ва дастнишондагони дохилии худ супурда буд, вазифаи саркубии ононро низ ба ин ғарбзадагон супурда будааст. Албатта ризқу барқи таблиғотии онон ба қадре ҷолиби таваҷҷуҳ буда, ки гӯё бархе аз нависандагони мусалмон низ – induct дониста ва ё нодониста- фиреб хурда ва дар ин росто бо онон ҳамсадо шуданд.

Ҳар чӣ бошад, мо бидуни ишора ба пушти парда ва бидуни таҳлили бархе аз ин навиштаҳоро ба унвони мисол зикр мекунем, то ҳаҷми ин маърака барои хонанда равшантар шавад.

Аз дидгоҳи оқои Халил Алӣ Ҳайдар, Мавдӯдӣ ҷавононро ба сӯйи ҷаҳони  охират ва зиёрати қабристонҳо барои ибрат гирифтан, даъват мекунад ва аз лазоизу хӯшиҳои дунё бебаҳра мегардонад! Ва ӯ падари маънавии Сайд Қутб ва соири таҳлилгарони Исломи сиёсӣ чун, Сайд Ҳавво, Фатҳӣ Якан ва Абдуллоҳ Ақил ва ғайра дар ҷаҳон аст, ки бо усулгароии Исломӣ ва "тафаккур" даъват мекунанд[2]. Оқои Ҳамӯд Ҳаттоб низ нависандагони Ихвонулмуслиминро, ки мутаъассир аз афкор ва андешаҳои Мавдӯдӣ будаанд, омили аслии фасод(!) ва ноҳанҷориҳои барномаҳои дарсии омӯзишу парвариши Кувейт муъаррифӣ мекунад, чаро ки онон боис шудаанд мардум ба одоту русуми Исломӣ пойбанд шаванд ва аз лаззат бурдан дар дунё ва расидан ба зиндагии пуртаҷаммулоти Ғарб маҳрӯм бимонанд![3].

---

[1] : Ниго: "الشرعية السياسية في الإسلام", Аззом Тамимӣ. Сафҳаи 214, чопи Англистон 1997 м.

[2] : Ниго: Рӯзномаи Ал-ватан, Кувайт 24/1/2005

[3] : Ниго: Рӯзномаи Ал-сиёсаҳ, Кувейт, 22/1/2005

Бархи дигар, реша ва асоси исломгароёни сиёсӣ ва ҳаракатҳои усулгароёнаро яке мепиндоранд, зеро ки ҳеҷ кадом намавонад динро аз сиёсат ҷудо талаққӣ кунанд ва ҳамаи онон масъалаи Ҳокимияти Худо ва Ҳукумати Исломӣ, ки натиҷаи фишорҳои зиндон бар Мавдӯдӣ ва Сайд Қутб ва соири ихвониҳо буд, муътақиданд[1].

Инҳо мехоҳанд бар ҳақоиқи инкорнопазир сарпӯш бигзоранд ва намедонанд, ки Ҳукумати Исломӣ аз дидгоҳи мусалмонон чизе нест, ки аз ақли ин файласуф ва ё он андешманди тарашшӯҳ шуда бошад ва ё инкишофи фалон Аллома ва ё раҳбар бошад, балки таъбирест гӯё ва тафсири иҷтимоъӣ аз ақидаи тавҳид ва яктопарастӣ ва навиштаҳои андешмандони муъосири Исломӣ ба гунае онро матраҳ сохтааст. Масалан афроде чун Мавдӯдӣ, Ҳасанулбанно, Абдулқодир Авдаҳ, Сайд Қутб, Ғазолӣ ва Қарзовӣ давлати Исломиро ба унвони як фаризаи Илоҳӣ матраҳ мекунанд, ки вазифаи татбиқи иҷрои Исломиро бар уҳда дорад, гарчӣ Ҳасанулбанно онро зинае барои бозгашт ба Хилофати Исломӣ медонад ва Абдулваҳҳоб Халлоф низомро ба унвони "**Ҳукумати Исломӣ**" муъаррифӣ мекунад ва Абӯлаъло Мавдӯдӣ онро бо истилоҳи "**Низоми шомил**" ва ҳамаҷониба ёд мекунад, ки албатта баъдҳо дар истилоҳоти сиёсии рӯзи ҳукуматҳои истибдодӣ, ба ҳукуматҳои "низоми шомил" машҳӯр шуданд ва ин боис шуд, Қарзовӣ истилоҳи "**Ислом паёми ҳамагир**" –Ислом, рисолаи шомила- ро барои таърифи давлати Исломӣ интихоб кунад. Бо ин вуҷуд афроде саъй карданд бо таҳрифи дидгоҳи исломгароён аз ҳукумати Исломӣ онро ба унвони назарияе матраҳ созанд, ки тарафдорони он мехоҳанд ба ин сурат аз муҳосаба ва бозҷӯйи фирор кунанд ва шӯро ва қонунро ба тарфанди "ҳаққи худойи" зери по бигзоранд[2].

---

[1] : Ниго: Фуқдонул-хитоб ал-динӣ, Сайно барои нашр

[2] : Ниго: Давлат дар фикри Исломии муъосир (الدولـة فـي الفكـر الإسـلامي المعاصـر), Абдуллоҳ Билқазиз, Бейрут, марказу диросот ал-воҳида ал-арабия2003 ва ( من

Ва чун навиштаҳои Мавдӯдӣ ва Сайд Қутб мардумро аз итоъати кӯркӯрона ва чашмбаста ҳукуматҳои дастнишонда бар ҳазар медорад ва ба фатвоҳои охундҳои ҳукуматӣ ба чашми иттиҳом менигарад, он идда аз ҳаракатҳо ба истилоҳ салафигаро, ки бархе аз ҳукуматҳои истибдодии минтақа барои машруъият ва ҳаққоният бахшидан ба худ онҳоро чун қорч дар кишварҳои Исломӣ сабз карданд, гуноҳи рушди такфириро ба гардани Сайд Қутб ва Мавдӯдӣ меандозанд[1]. Албатта бояд хотирнишон сохт, ки ҳеҷ як аз раҳбарон ҷунбишҳои Исломӣ аз дидгоҳи ҳаводорон ва тарафдоронаш, маъсум шумурда нашудааст ва навиштаҳояш тавассути дигар ҳамфикронаш мавриди баҳсу таҳлил ва гоҳе ҳам нақд қарор гирифтааст.

Дуввумин Муршиди оми Ихвонулмуслимин, устод Ҳасан Ҳузайбӣ, масалан дар китоби "Дуот ло Қузот" (دعاة لا قضاة) ба дунболи илоҷи бемориҳои радикалӣ ва тундравиҳои бархе исломгароён ва саркуби микроби "такфир" ба ин воқеъият, ки каҷфаҳмиҳои иддае аз ҷавонони ноогоҳ аз навиштаҳои Мавдӯдӣ,ононро ба он гумроҳӣ кашонда аст, ишора мекунад ва дар пайи сохтани бархе мафоҳим барои он идда аз тундравон, эътирозоте бар устод Мавдӯдӣ ворид кунад, ки худ ниёз ба баҳс ва баррасии муҷаддад дорад.

Шакке нест, ки бархе аз навиштаҳои Сайд Қутб ва Мавдӯдӣ тавассути бархе кӯтоҳфикрон ва каҷфаҳмонон ба таҳриф кашида шудааст ва аҳёнан маврид сӯистифода қарор гирифтааст. Аммо Сайд Қутб танҳо дар бархе аз ибораҳои тунду тези "**Маъолим фи-тариқ**"[2] хулоса намешавад ва ҳамон

---

(فقه الدولة في الإسلام), Юсуф Қарзовӣ, 130-160, дору-шуруқ, Миср. Ва Фатовӣ муъосира, Юсуф Қарзовӣ, ҷилди 2/632-651, Дорулвафо.

[1] : Ниго: Рӯзномаи Фардо, Урдун. 31/12/2005

[2] : Чароғе бар фарози роҳ. Бархе бар ин эътиқоданд, ки шерозаи афкори Сайд Қутб дар китоби инқилобияш "чароғе бар фарози роҳ", баргирифта шуда аз навиштаҳои Мавлоно Мавдӯдӣ аст, ки аз лобалои панчараҳои зиндон ба сиёҳчолҳои Миср нуфуз кард ва он рӯзҳои ваҳшатноки зулму ситам дар дастраси Саид Қутб ва ҳамфикронаш қарор гирифт ва чун дорӯйи маскан

тавр, ки симои Сайдро мебоист дар он китоб хонд дар "**Ислом вас-саломул-ъоламӣ**"[1] ва дар шохкораш тафсири "**Фи зилолул-Қуръон**" низ мебоист хонд.

Мавдӯдӣ бо диди як раҳбари инқилобӣ, ки тоза кишваращро аз зери юғи ситамгарони кофир наҷот додааст, бо дили хунин ва орзӯҳои идеал ба миллати мусалмони худ, ки аз дин бегонаанд, менигарад. Ӯ дар навишатаҳояш ҳақиқати талхи дурӣ аз фаҳми дурусти миллаташ аз Исломро ба тасвир мекашад ва аз нодониҳо ва ядак (буксир) кашидани Исломи берӯҳи онон, ранҷ мебарад.

Мавдӯдӣ дар китоби "**Мусталаҳоти чаҳоргона**"и худ саъй дорад барои боло бурдани сатҳи ҷомеъаи худ ва ошноии он бо фаҳми дуруст ва дарки амиқ аз истилоҳот "улуҳият" ва рубубият ва..." ҷомеъаашро барои барпойи ҳукми Худо омода созад.

Дар ҳоле, ки устод Ҳузайбӣ дар фикри муъолиҷаи инҳирофи такфир дар ҷомиъа аст, ӯ дар ҳақиқат бо Мавдӯдӣ мушкиле надорад, балки бо инъикоси садои нодуруст ва дарку фаҳми сатҳи ҳарфҳои ӯ дар ҷомеъае, ки бо дугонаги ҷомеъаи Мавдӯдӣ даст ба гиребон нест ва дар пайи ваҳдату ҳамбастагии Исломӣ аст, ҳарос дорад[2].

Ва чизе, ки моро бар он дошт, то китоби устод Ҳузайбиро варақ бизанем, сӯистифодаи бархе аз қаламҳои каҷфаҳм аз ин нақди дӯстона аст:

Масалан оқое ба номи Ҷамол Борӯт бо лаҳни охундманишона ва лаҳҷаи мунсифона вориди майдон мешавад, то теша ба решаи андеша "**Ҳукумати Исломӣ**" дар китобҳои Мавдӯдӣ бизанад. Ӯ бо матраҳ сохтани ин воқеъият, ки Ҳузайбӣ дар китобаш бо Мавдӯдӣ мушкиле надорад, даъво

---

марҳами захмҳояш гашт. Аз ин рӯ онон мегӯянд, ки хондан ва фаҳмидани= =афкор ва андешаҳои Мавдӯдӣ, лозимаи фаҳму дарки дурусти шаҳид Сайд Қутб аст. Ниго: سيد قطب من القرية إلى المنشقة, Одил Ҳамуда.

[1] : Ислом ва амнияти ҷаҳонӣ

[2] : Ниго: Дуъот ло Қузот, Ҳасан Исмоил Ҳузайбӣ, дори даъват, Миср.

мекунад, ки мушкили Ҳузайбӣ бо пайравони Сайд Қутб буда аст(!), ки афкори Мавдӯдиро дар чорчӯби такфирӣ тафсир карданд. Борӯт мехоҳад ба ин васила Сайдро зери суол бурда ва Мавдӯдиро барои чанд лаҳза аз маъракаи солим ба дар кашад ва чун хонанда бо мутолиъаи дидгоҳе ӯро инсони таҳлилгаро талаққӣ кард, фавран ба хурди ӯ бидиҳад, ки теюри "**Ҳукумати Исломӣ**"и Мавдӯдӣ дар воқеъ тасвирест аз ҳукумати Комунистӣ ва ҳукуматҳои нозӣ(!). Ӯ бо зиракии тамом мехоҳад аз Ихвонул-муслимин тасаввури ҷанҷолофарин ва такфиримаоб арза кунад[1].

Нависандагони дигаре, ки қудрати Борӯтро дар бозӣ бо калимаҳо надоранд, китоби Ҳузайбиро ба унвони радди сареҳ бар шахси Сайд Қутб ва Мавдӯдӣ талаққӣ карда ва иқтибосоте аз китобро бо дарҷ кардани номҳом Мавдӯдӣ ва Сайд Қутб дар байни ҷумлаҳои муаллиф ба унвони мадрак меоваранд![2].

Дар муқобили ин каҷфаҳмиҳои омидона ва ё ҷоҳилона, дуктур Юсуф Қарзовӣ саъй мекунад мафҳумҳои "**Ҳокимияти Худо**" ва "**Ҳукумати Исломӣ**"ро аз дидгоҳи Сайд Қутб ва Мавдӯдӣ равшан созад, то ба секуларҳои ғарбзадае, ки талош доранд, суханони Мавдӯдӣ ва Сайд Қутбро таҳриф кунанд, фурсати ханҷар задан ба ҳаракатҳои Исломӣ надиҳад. Ӯ мегӯяд, ки Сайд Қутб ва Мавдӯдӣ аз ҳокимияти Илоҳӣ, қоидаҳои асосии дин дар робита бо Ҳукумати Исломиро дар назар доранд, на ин ки Худованд уламо ва ё подшоҳонеро бармеангезад, то бо истифода аз номи ӯ бар мардум савор шаванд. Дар тафаккури Исломӣ Мавдӯдӣ ва Сайд Қутб, асоси ҳукумати сиёсӣ ба мардум бармегардад ва ба онон ҳаққи

---

[1] : مئوية المودودي ومسؤولية الإخوان, Муҳаммад Ҷамол Борӯт, сайти таҷдиди арабӣ, шабакаи ҷаҳонӣ.

[2] : Ниго: "Иншоулхитоб ва тафкикиннос", доктор Абдулғанӣ Аммод, сайти балоғ, шабакаи ҷаҳонӣ

интихоби сардамдорон ва тавони муҳосабаи онон ва дар мавқеъи лозим барканориашонро медиҳад[1].

Шаке нест, ки ин як навъ ҷанги сардест, ки тавъами оташи гарми аслиҳаҳои истеъморгарон дар ҷараён аст ва муваффақият ва ё шикаст дар он бо оқибати ҷанги гарми тупу танк ва мушакҳо робитаи мустақим дорад.

Бо ин вуҷуд ҷойи дилгармӣ ҳанӯз ҳам боқист, чунки бо вуҷуди ҳамаи шикастҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳони саввум, миллатҳо аз дараҷаи бедорӣ ва огоҳии болое бархурдор шудаанд ва гумон меравад дар ояндаи наздик бо фурӯ нишастани оташҳои ҷанги гарм, шоҳиди ҷанги пуршуртар дар арсаи фарҳангу тамаддун бошем, ки бидуни шак мусалмонон бо пуштувонаи Ислом ва Қуръонашон барандаи он хоҳанд шуд ва ин навид фаҷре хоҳад буд, ки дар сояи он ҳамаи мавозини сиёсӣ ва иқтисодӣ бори дигар тағйир хоҳад ёфт.

**Доктор Нурмуҳаммад Умаро**
**Исломобод - 8/2/2006**

[1] : Ниго: التطرف العلمانی في مواجهة الإسلام, Юсуф Қарзовӣ, 89-94.

# Феҳристи матолиб

Мавдӯдӣ дар ҳадиси дигарон....................................................2
Ҳамду сипос............................................................................................3
Пешгуфтор..............................................................................................4
Дарича......................................................................................................7
Пасгуфтор..........................................................................................126
Чаро Мавдӯдӣ ва Сайд Қутб?!...........................................................129
Феҳристи матолиб..............................................................................136